Саволҳо барои тест

1. Расмиёти хариди давлатӣ ба муносибати системанок асос ёфтааст, ки барои ташкилоти харидор мавҷудияти омилҳои зеринро тақозо менамояд:
   a) муҳити танзимкунанда;
   b) сохтори ташкилии идоракунии харид ва назорати он;
   c) кадрҳои соҳибихтисос барои гузаронидани расмиёти харид;
   d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
2. Тибқи қарордод байни ташкилоти харидор ва ташкилкунандаи харид, ташкилкунандаи харид метавонад подоши хизмат гирад, ки он:
   a) на бояд аз 1% даромади молрасон зиёд бошад;
   b) на бояд аз 3% нархи пешниҳодгардидаи харид зиёд бошад;
   c) на бояд аз 1% нархи пешниҳодгардидаи харид зиёд бошад;
   d) ташкилкунандаи харид ҳуқуқ надорад, ки подоши хизмат гирад, чунки фаъолияти ӯ аз ҳисоби буҷет пардохт карда мешавад.
3. Қарордод байни Ташкилоти харидор ва Ташкилкунандаи харид бояд дорои:
   a) тақсим намудани ҳуқуқ ва вазифаҳо байни Ташкилоти харидор ва Ташкилкунандаи харид;
   b) тартиби иҷроиши расмиёти харид;
   c) ҳуқуқ ва ҷавобгарии ҳар ду тараф дар қабул кардани қарор оид ба интихоби молрасон (пудратчӣ);
   d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
4. Кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор вазифадоранд, ки:
   a) бояд фавран ба роҳбар оид ба вазъияте, ки ба ташкилоти харидор натиҷаи манфӣ меорад, аз ҷумла ба амалҳои бемақсад ва имконнопазири худ иҷроиши нишондоди Низомномаро вайрон мекунанд, хабар расонанд;
   b) роҳбарро оид ба ҳолатҳое, ки корманди мазкурро намегузорад тибқи талаботи Низомномаи расмиёти харид амал намояд, огоҳ намоянд;
   c) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
   d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
5. Кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор вазифадоранд, ки:
   a) ба мақоми ваколатдор барномаи ҳарсолаи хароҷоти харидро дар шакли тасдиқшуда, тайёр ва пешниҳод намоянд;
   b) ба роҳбар ва мақоми ваколатдор ҳисоботи семоҳаи расмиёти гузаронидашудаи харидро тайёр ва пешниҳод намоянд;
   c) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
   d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
6. Ба кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор иҷозат дода намешавад:
   a) оид ба масъалаҳои тайёр намудани ҳуҷҷатҳои пеш аз тахассусӣ ва тендерӣ қарор қабул намоянд;

b) коршиносонро барои коркарди ҳуҷҷатҳои тендерӣ даъват намоянд;
c) фаъолияти иштирокчиёни расмиёти харидро берун аз қонунгузорӣ, Низомнома ва ҳуҷҷатҳои тендерӣ созанд;
d) ба роҳбар оид ба вазъияте, ки ба ташкилоти харидор натиҷаи манфӣ меорад, аз ҷумла ба амалҳои бемақсад ва имконнопазири худ иҷроиши нишондоди Низомномаро вайрон мекунанд, фавран хабар расонанд.

7. Кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор вазифадоранд, ки:
a) ба мақоми ваколатдор барномаи ҳарсолаи хароҷоти харидро дар шакли тасдиқшуда, тайёр ва пешниҳод намоянд;
b) ба ғайр аз нарх меъёрҳои иловагии интихоб муқаррар намоянд;
c) ҳаҷм ва намудҳои таъмини кафолатро муайян намоянд;
d) дараҷаи тахассусии худро дар соҳаи харид мустақилона ё ҳангоми пайдо шудани имконият дар курсҳои махсус сайқал диҳанд.

8. Воҳиди хариди ташкилоти харидор бояд иборат бошанд, аз:
a) мутахассисоне, ки лоақал яке аз онҳо дорои сертификати мутахассиси хариди аз тарафи макқоми ваколатдор тасдиқгардида, бошад;
b) танҳо аз мутахассионе, ки дорои сертификати воҳиди хариди аз тарафи мақоми ваколатдор тасдиқгардида, иборат бошанд;
c) мутахассисоне, ки лоақал яке аз онҳо дорои сертификати воҳиди хариди аз тарафи мақоми ваколатдор тасдиқгардида, бошад ва роҳбари ташкилот низ ба ин ҳайат шомил бошад;
d) танҳо аз мутахассисоне, ки дорои сертификати воҳиди хариди аз тарафи мақоми ваколатдор тасдиқгардида, иборат бошанд, ва имкон дошта бошанд, ки дар қарордоди харид ҳамчун намоянда, баромад намоянд.

9. Андешаи дурустро интихоб намоед:
a) Қонун «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» муҳити ягонаи иқтисодиро оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳои давлатиро ба танзим медарорад;
b) Қонун «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» васеъ намудани доираи иштирокчиён, васеъ намудани рақобати бовиҷдононаро танзим менамояд;
c) Қонун «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» такмилёбии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияро дар хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ танзим менамояд;
d) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

10. Андешаи дурустро интихоб намоед:
a) Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ асос ёфтааст ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иборат аст аз Қонун

«Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

b) Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ асос ёфтааст ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иборат аст аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

c) Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ асос ёфтааст ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иборат аст аз Қонун «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

d) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

11. Иштирокчиёни расмиёти хариди давлатӣ иборатанд аз:
   a) Ташкилоти харидор, молрасонҳо (пудратчиён);
   b) Ташкилоти харидор, молрасонҳо (пудратчиён) ва мақоми ваколатдор;
   c) Ташкилоти харидор, молрасонҳо (пудратчиён), мақоми ваколатдор ва комиссияи тахассусӣ;
   d) Роҳбар, сармуҳосиби ташкилоти харидор ва мақоми назоратӣ.
12. Иштирокчиёни расмиёти хариди давлатӣ иборатанд (зиёдатиашро гиред):
   a) ташкилоти фурӯшанда;
   b) ташкилоти харидор;
   c) молрасон (пудратчиён);
   d) мақоми ваколатдор.
13. Комиссияи тендериро таъсис медиҳад:
   a) роҳбари ташкилоти харидор;
   b) мақоми ваколатдор;
   c) молрасонҳо (пудратчиён);
   d) аз ҳисоби хоҳишмандони ихтиёрӣ.
14. Комиссияи тендериро роҳбари ташкилоти харидор таъсис медиҳад:
   a) барои ҳар як хариди алоҳида;
   b) бемӯҳлат;
   c) барои як сол;
   d) барои шумораи муайяни расмиёти харид.
15. Хариде, ки арзишаш аз арзиши ҳадди камтарин боло нест:
   a) дар асоси қонуни мазкур иҷро карда мешавад;
   b) қонуни мазкур инро танзим намекунад;
   c) бо қарордоди шахсии роҳбари ташкилоти харидор бо молрасон (пудратчӣ) ба амал бароварда мешавад;
   d) тибқи қоидаҳои СУС (Созмони умумиҷаҳонии савдо) иҷро карда мешавад.

16. Ба ҳуқуқу вазифаҳои кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор ва иштирокчиёни расмиёти харид дохил мешавад (зиёдатиашро гиред):
    a) кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор вазифадоранд дараҷаи тахассуси худро дар соҳаи фаъолияти харид мустақилона ё ҳангоми пайдо шудани имкон дар курсҳои махсус сайқал диҳанд;
    b) кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор ҳуқуқ доранд коршиносонро барои коркарди ҳуҷҷатҳои тендерӣ даъват намоянд;
    c) кормандони воҳиди харид ҳуқуқ доранд аз Ташкилоти харидор дар бораи сабабҳои рад гардидан ва ё бохти дархости худ маълумоти мухтасар гиранд;
    d) кормандони воҳиди харид ҳуқуқ надоранд, ки фаъолияти иштирокчиёни расмиёти харидро берун аз қонунгузорӣ, Низомнома ва ҳуҷҷатҳои тендерӣ ҳамоҳанг созанд.
17. Шахс наметавонад ташкилоти харидорро муаррифӣ намояд, вазифаҳои дигари вобаста ба ба расмиёти харидро иҷро намояд ё вазифаи мушовирро вобаста ба расмиёти харид иҷро намояд, агар:
    a) алоқаи хешутаборӣ дошта бошад, фарзандхонд шуда бошад, ҳомӣ ё сарпарасти молрасон (пудратчӣ) бошад;
    b) дар муддати ду соли охир дар расмиёти хариди давлатӣ ҳамчун хизматчӣ ё шахси роҳбарикунандаи молрасон (пудратчӣ) иштирок карда бошад;
    c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
    d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
18. Ташкилотҳои харидор – иштирокчиёни хариди давлатӣ метавонанд инҳо бошанд:
    a) ташкилотҳои буҷетӣ, мақомоти давлатӣ ва корхонаҳои давлатӣ;
    b) ташкилотҳои коммуналие, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд;
    c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
    d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
19. Ташкилотҳои харидор – иштирокчиёни хариди давлатӣ метавонанд инҳо бошанд:
    a) мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;
    b) фондҳои мақсадноке, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ таъсис дода шудаанд;
    c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
    d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
20. Ташкилотҳои харидор – иштирокчиёни хариди давлатӣ метавонанд инҳо бошанд:
    a) ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва корхонаҳои муштарак, ки дар онҳо зиёда аз 50 фоизи саҳмия ё ҳиссаи фонди оинномавӣ ба давлат тааллуқ дорад;

   b) бонкҳои давлатӣ, ки барои эҳтиёҷоти дохилӣ харид мекунанд;
   c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
   d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
21. Ташкилоти харидоре, ки ҳуқуқ дорад мустақилона ҳамаи харидро анҷом диҳад, бояд:
   a) дорои захираҳои молиявӣ, таҷҳизот, дигар имконоти моддӣ ва техникӣ, ки барои харид мутобиқи талаботи Қонун «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» зарuранд;
   b) дар сохтори худ воҳиди махсус ё шахсони мансабдори дорои Сертификати мутахассис оид ба харид дошта бошад, ки барои харид масъуланд;
   c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
   d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
22. Ташкилоти харидоре, ки ҳуқуқи мустақилона гузаронидани ҳамаи харидро дорад:
   a) бояд барои соҳаҳои гуногуни харид ҷиҳати ташкили комиссияҳои тендерӣ дар ҳар як тендер мутахассисони соҳибихтисос дошта бошад;
   b) ғайри қобили пардохт набошад, дар ҷараёни муфлисшавӣ қарор надошта бошад, амволи он таҳти гарав, фаъолияти он дар ихтиёрдории судӣ ё шахси аз ҷониби суд таъингардида,фаъолияти тиҷоратии ӯ боздошташуда ва мавриди муҳокимаи судӣ қарор нагирифта бошад;
   c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
   d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
23. Кадоме аз ин андешаҳо талаботи тахассусӣ нисбати ташкилотҳои харидор мебошанд:
   a) ташкилоти харидоре, ки ҳуқуқи мустақилона гузаронидани ҳамаи харидро дорад, бояд аз расмиёти харид барканор ва ё барои дағалона вайрон кардани расмиёти харид ва расонидани зарар ба молрасон (пудратчӣ), инчунин барои саривақт анҷом надодани пардохт номи он ба феҳрести (реестри) мақомоти ваколатдор оид ба ташкилоти харидори беэътимод (бевиҷдон) дохил нашуда бошад;
   b) ташкилоти харидоре, ки ҳуқуқи мустақилона гузаронидани ҳамаи харидро дорад, бояд ӯҳдадориҳояш вобаста ба пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда бошанд;
   c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
   d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
24. Ташкилоти харидоре, ки ҳуқуқ дорад мустақилона ҳамаи харидро анҷом диҳад, бояд:
   a) пеш аз оғози харид дорои тасдиқномаи хазинадорӣ ва ё бонки хизматрасон бошад, ки мавҷудияти маблағи заруриро барои анҷом додани хариди давлатӣ тасдиқ менамояд;
   b) барои имзои қарордоди харид соҳибҳуқуқ бошад;

c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

25. Ба зиммаи воҳиди харид вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:
    a) таъмини риояи расмиёти харид, ки Қонун «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» муқаррар намудааст;
    b) дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонун «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» мувофиқа намудани усули интихобкардаи харид бо мақомоти ваколатдор;
    c) таҳияи нақшаи ҳар як хариди алоҳида;
    d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
26. Ба зиммаи воҳиди харид вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:
    a) ташкил намудани нашри эълонҳо оид ба харид дар Бюллетени хариди давлатӣ ё мустақиман ирсол намудани даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмуни харид ба молрасонҳои (пудратчиёни) эҳтимолӣ;
    b) дар асоси тавсияи комиссияи тендерӣ баровардани қарор дар бораи эътирофи ғолиби озмуни харид ва ҷиҳати тасдиқ ба роҳбари ташкилоти харидор пешниҳод намудани он;
    c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
    d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
27. Воҳиди харид ҷамъоварӣ ва муҳофизати ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба расмиёти харид тааллуқдоштаро таъмин менамоянд:
    a) ба муддати се сол;
    b) ба муддати панҷ сол;
    c) ба муддати як сол;
    d) воҳиди харид барои муҳофизати ҳуҷҷатҳои ба расмиёти харид тааллуқдошта маъсул ва вазифадор аст, ки баъди анҷоми озмун онро ба бойгонӣ супоранд.
28. Расмиёти хариди давлатӣ дар бар мегирад:
    a) интихоби оқилона ва бовиҷдононаи пешниҳодҳои аз ҳама беҳтар ҳангоми таҳлили комплексии даромад ва хароҷот (дар мадди аввал арзиш ва сифати мол, кор ва хизматрасонӣ);
    b) назорати иҷроиши қарордод ва истифодаи мол, кор ва хизматрасонӣ;
    c) ҷавобҳо a) ва b) дурустанд;
    d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
29. Расмиёти хариди давлатӣ ба муносибати системанок асос ёфтааст, ки он барои ташкилоти харидор пешбинӣ менамояд, мавҷудияти, аз ҷумла:
    a) тартиботи дурусти харид (таъминоти иттилоотӣ, маводҳои электронии тиҷорат, додани сертификат, мушовирони касбӣ);
    b) салоҳият ва масъулияти мутахассисони хариди ташкилоти харидор;
    c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
    d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

30. Комиссияи тендериро роҳбари ташкилоти харидор таъсис медиҳад ва он вазифаҳои худро иҷро менамояд, дар асосӣ:
  a) Низомнома оид ба комиссияи тендерӣ;
  b) Низомнома оид ба комиссияи тахассусӣ;
  c) Низомнома оид ба комиссияи харид;
  d) Фармоиши роҳбари ташкилоти харидор.
31. Комиссияи тендерии ташкилоти харидор:
  a) аз тарафи мақоми ваколатдор таъсис дода мешавад;
  b) метавонад ба сифати тарафи қарордод баромад намояд;
  c) наметавонад ба сифати тарафи қарордод баромад намояд;
  d) ба ҳайати худ роҳбари ташкилоти харидорро дохил менамояд.
32. Таҳияи ҳисоботи семоҳа дар бораи расмиёти хариди гузаронидашуда ба роҳбари ташкилоти харидор ва мақомоти ваколатдорро амалӣ менамоянд:
  a) комиссияи тендерӣ;
  b) кормандони мақоми ваколатдор;
  c) воҳиди харид;
  d) Ширкате, ки аудити ташкилоти харидорро анҷом медиҳад.
33. Воҳиди хариди ташкилоти харидор вазифадоранд:
  a) Ба ғайр аз арзиш меъёрҳои иловагии интихобро муқарар намоянд;
  b) Ба ҳар кас оид ба рафти харид, аз ҷумла баррасӣ, баҳодиҳӣ ва муқоисаи дархостҳо (ба ғайр аз шахсоне, ки барои гирифтани маълумот ҳуқуқ доранд) маълумот диҳанд;
  c) бо иштирокчиёни расмиёти харид гуфтушиниди дар ҳуҷҷатҳои тенедерӣ пешбининашударо анҷом диҳанд;
  d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
34. Ба кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор манъ аст:
  a) оид ба масъалаҳои ҳуҷҷатҳои пешазтахассусӣ ва тендерӣ қарор қабул намоянд;
  b) эътироз ва шикояти молрасон (пудратчиён)-ро баррасӣ намоянд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул кунанд;
  c) то анҷоми мӯҳлати охирини пешниҳоди дархостҳо бо роҳи чоп намудани иловаҳо, ҳуҷҷатҳои тендериро тағйир диҳанд;
  d) бо иштирокчиёни расмиёти харид гуфтушинидеро, ки ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешбинӣ накардаанд, анҷом диҳанд.
35. Хариди мутамарказ татбиқ мешавад, аз тарафи:
  a) шахсе, ки ташкилоти харидор бо мақсади хариди муштараки мутамарказ таъин менамояд;
  b) шахсе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;
  c) шахсе, ки мақомоти ваколатдор таъин мекунад;
  d) кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор, ки дар гузаронидани расмиёти харид таҷрибаи бештар доранд.
36. Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад:

a) фаъолияти иштирокчиёни харидро вобаста бо имкониятҳояш ба танзим дарорад;
b) ҳаҷм ва намуди таъмини кафолатро муайян намояд;
c) аз гузаронидани харид ба ғайр аз фоидаи расман пешбинишуда барои ташкилоти харидор, боз ягон намуд фоида гирад;
d) оид ба рафти харид, аз ҷумла баррасӣ, баҳодиҳӣ ва муқоисаи дархостҳо ба молрасонҳои ҳоҳишманд маълумот диҳад.

37. Кӣ метавонад иштирокчии хариди давлатӣ бошад:
   a) соҳибкорони инфиродӣ;
   b) шахсони ҳуқуқие, ки маҳсулот истеҳсол мекунанд;
   c) шахсони ҳуқуқие, ки маҳсулот истеҳсол намекунанд ва ба тиҷорати яклухтфурушӣ машғуланд;
   d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
38. Хариди давлатии танзимшавандаро санадҳои ҳуқуқӣ манъ мекунанд:
   a) дар предмети харид лотҳо ҷудо карда шаванд;
   b) харид бо мақсади аз зери танзим баровардани он тақсим карда шавад;
   c) ба расмиёти харид молрасонҳои хориҷиро роҳ дода шаванд;
   d) хариди молрасонҳои гуногун мутаҳид карда шавад.
39. Кӣ наметавонад ба сифати ташкилоти харидор баромад кунад?
   a) мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;
   b) ҷамъиятҳои саҳҳомии бе ҳиссаи фонди оинномавӣ ба давлат тааллуқдошта;
   c) фондҳои мақсадноке, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ таъсис дода шудаанд;
   d) бонкхои давлатӣ, ки барои эҳтиёҷоти дохилӣ харид мекунанд.
40. Барои мустақилона анҷом додани ҳамаи харид ташкилоти харидор бояд ба кадом талаботҳои тахассусӣ ҷавобгӯ бошад?
   a) дорои захираҳои молиявӣ, таҷҳизот, дигар имконоти моддӣ ва техникие , ки барои харид заруранд;
   b) дар сохтори худ воҳиди махсус ва шахсони мансабдори дорои Сертификати мутахассис оид ба харид дошта бошад, ки барои харид масъуланд;
   c) барои соҳаҳои гуногуни харид ҷиҳати ташкили комиссияҳои тендерӣ барои ҳар як тендер мутахассисони соҳибихтисос дошта бошад;
   d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
41. Бо дархости ташкилоти харидор хазинадорӣ ва ё бонки хизматрасон тасдиқномаро оиди ба мавҷудияти маблаҷи зарурӣ барои анҷом додани хариди давлатӣ дар чанд мӯҳлат бояд пешниҳод кунад?
   a) дар муддати ҳафт рӯз;
   b) дар муддати се рӯз;
   c) дар муддати панҷ рӯз;
   d) дар муддати нӯҳ рӯз.
42. Ташкилоти харидор мақоми «Ташкилоти харидори соҳибихтисос»-ро мегирад:

a) баъд аз панҷ рӯзи ба феҳрести ташкилоти харидор дохил намудани он;
b) аз лаҳзаи ба феҳрести ташкилоти харидор дохил намудани он;
c) баъд аз си рӯзи ба феҳрести ташкилоти харидор дохил намудани он;
d) аз лаҳзаи бастани қарордод доир ба харид.

43. Комиссияи тендерӣ аз тарафи кӣ таъсис дода мешавад?
a) роҳбари ташкилоти харидор, то таъсиси комиссияи нав барои тендери дигар;
b) роҳбари ташкилоти харидор бо пешниҳоди воҳиди харид барои ҳар як хариди алоҳида;
c) роҳбари мақомоти ваколатдор бо пешниҳоди воҳиди харид барои ҳар як хариди алаҳида;
d) роҳбари мақомоти ваколатдор, то таъсиси комиссияи нав барои тендери дигар.

44. Мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:
a) назорати ташкилоти харидор оид ба риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хариди давлатӣ;
b) ҳамоҳангсозӣ ва танзими фаъолияти ташкилотҳои харидор ҷиҳати анҷом додани хариди давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ;
c) баррасии шикоят ва эътирозҳо оид ба масъалаҳои риояи қонунгузорӣ дар бораи хариди давлатии ва оид ба он дар доираи салоҳияти худ баровардани қарор;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

45. Кадом вазифаҳо ба вазифаҳои мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ дохил намешаванд?
a) ҳамоҳангсозӣ ва танзими фаъолияти ташкилотҳои харидор ҷиҳати анҷом додани хариди давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ;
b) дохил намудани пешниҳодҳо оид ба муайян намудани ғолибони озмун ва қабул намудани қарори дигар доир ба натиҷаи расмиёти харид;
c) назорати ташкилоти харидор оид ба риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хариди давлатӣ;
d) баррасии шикоят ва эътирозҳо оид ба масъалаҳои риояи қонунгузорӣ дар бораи хариди давлатӣ ва оид ба он дар доираи салоҳияти худ баровардани қарор.

46. Қонун «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» расмиёти ягонаи вобаста ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасониҳоеро муқаррар менамояд, ки амалӣ мегарданд, аз ҳисоби:

a) пурра ва ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
b) пурра аз ҳисоби маблағҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
c) қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
d) аз ҳисоби маблағҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, донорҳо, инвеститсияҳои хориҷӣ.

47. Ба сарчашмаҳои маблағгузории хариди давлатӣ дохил мешаванд:
a) маблағҳои ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва корхонаҳо бо инвеститсияҳои хориҷӣ, ки дар онҳо ҳиссаи давлат зиёда аз 50 фоиз мебошад;
b) маблағи муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсис додаанд;
c) маблағҳои қарзие, ки аз ҷониби давлат ё корхонаҳои давлатӣ кафолат дода ё таъмин карда шудаанд, грантҳо;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

48. Ба сарчашмаҳои маблағгузории хариди давлатӣ дохил мешаванд:
a) маблағҳои буҷети давлатии ҳамаи сатҳҳо;
b) маблағҳои мақсадноки фондҳои давлатии дигар давлатҳо;
c) маблағҳои ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва корхонаҳо бо инвеститсияҳои хориҷӣ, ки дар онҳо ҳиссаи давлат зиёда аз 10 фоиз мебошад;
d) маблағҳои шахсони алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар бонкҳо маҳфузанд.

49. Реҷаи мусоид дар низоми хариди давлатӣ барои кадом мақсадҳо истифода бурда мешавад?
a) бо мақсади дастгирии соҳаи истеҳсолот;
b) барои истеҳсолкунандагони дохилӣ;
c) ҷавобҳои а) ва в) дурустанд;
d) реҷаи мусоид истифода бурда намешавад.

50. Кадом қоидаҳо ҳангоми дохил намудан ба феҳрести молрасон (пудратчии) беэътимод (бевиҷдон) истифода бурда мешаванд?
a) ном ва номгӯи довталабони молрасон (пудратчиён), сабаби дохил кардани онҳо дар феҳрест, мӯҳлати барканор кардани онҳо аз иштирок дар расмиёти харид бояд дар бюллетен, веб-сайти мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ чоп шавад;
b) дохил намудан ба феҳрести молрасон (пудратчии) беэътимод (бевиҷдон) ба зиммаи мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ вогузор карда мешавад;
c) хориҷ намудан аз феҳрести молрасон (пудратчии) беэътимод (бевиҷдон) бо хоҳиши довталабони манфиатдор баъд аз ба анҷом расидани мӯҳлат бо фармоиши роҳбари мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ амалӣ мегардад;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

51. Директиваҳои ИА (ЕС) оид ба харид:

a) қоидаҳои хариди давлатиро дар мамлакатҳои аъзои ИА ҳама вақт ҳангоми гузаронидани харид барои эҳтиёҷоти давлат танзим менамоянд;
b) танҳо дар он мамлакатҳои ИА, ки директиваҳои ИА-ро қабул кардаанд, амал менамоянд;
c) санадҳои волои миллие мебошанд ки ҳамаи мамлакатҳои ИА дар қонунгузории миллии худ оид ба харид ҷойгир намудаанд ва қоидаҳои директиваи ИА-ро ҳангоми хариде, ки арзишаш аз меъёри муқарраргардида зиёд аст, истифода мебаранд;
d) дастуре мустақиме мебошанд, ки ҳангоми гузаронидани хариди давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта мешаванд.

52. Тибқи қоидаҳои Иттиҳоди Аврупо (Директиваҳои ИА) маълумотнома (даъватнома) оид ба харид бояд нашр гардад:
    a) дар сарчашмаҳои расмӣ ҳамон давлате, ки расмиёти харид гузаронида мешавад;
    b) дар сарчашмаи расмии Иттиҳоди Аврупо OfficialJournaloftheEuropeanUnion (шакли электронии маҷаллаи мазкур TendersElectronicDaily);
    c) дарсарчашмаирасмии Business Development;
    d) дар сомонаҳои расмии мамлакатҳои аъзои ИА.
53. Қарордод оид ба хариди давлатии Созмони умумиҷаҳонии савдо:
    a) барои мамлакатҳои аъзои СУС ҳатмӣ нест:
    b) барои мамлакатҳои аъзои СУС ҳатмист;
    c) санади меъёриест, ки қонуни миллиро оид ба хариди давлатӣ дар мамлакатҳои аъзои СУС иваз менамояд;
    d) барои ҳамаи мамлакат-аъзоёни ИА санади меъёрии асосӣ мебошад.
54. Ҳангоми харид аз ҳисоби қарзи Бонки умумиҷаҳонӣ:
    a) қарзгир ҳамчун харидор баромад мекунад, банки умумиҷаҳонӣ бошад ба расмиёт дахолат намекунад;
    b) банк танҳо пул медиҳад, ҳамаи расмиёти харидро давлати қарзгир бо қонунҳои худ ба амал мебарорад, банк бошад, дар раванди харид иштирок намекунад;
    c) банки умумиҷаҳони харидор мебошад;
    d) қарзгир ҳамчун харидор баромад мекунад, банк бошад, раванди харидро назорат намуда, ба қарзгир ёрӣ мерасонад.
55. Ҳангоми харид аз ҳисоби маблағҳои қарзи Бонки умумиҷаҳонӣ яке аз усулҳои харид ин аст:
    a) озмунҳои хариди байналмилалӣ;
    b) озмунҳои хариди миллӣ;
    c) харид аз муассисаҳои СММ ва дигар мамлакатҳои қарздиҳандаи Бонк;
    d) дархости пешниҳод.
56. Чунин принсипи харид, ҳамчун рушди саноати миллиро (маҳаллиро) дар сиёсати харид муайян кардааст:

a) СУС (Созмони умумиҷаҳонии савдо);
b) ЮНСИТРАЛ;
c) Бонки умумиҷаҳонӣ;
d) ИА (Иттиҳлди Аврупо).

57. Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ:
a) қонуни намунавие мебошад, ки мумкин аст онро дар қонунгузории миллӣ оид ба хариди давлатӣ ба асос гиранд;
b) қонунест, ки барои ҳамаи мамлакатҳои аъзои ИА ҳатмист;
c) қонуни намунавиест, ки барои мамлакатҳои ИА ҳангоми таҳияи қонунҳои миллии худ оид ба хариди давлатӣ онро ба инобат гирифтан ҳатмист;
d) истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист.

58. Мутобиқи стандартҳои Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ доираи амали қонун оид ба хариди давлатӣ фаро мегирад:
a) ҳамаи харидҳои давлатӣ, ба истисноӣ хариди хизматрасонии зеҳнӣ, хизматҳои коммуналӣ ва харидҳо бо арзиши паст;
b) ҳамаи харид, ба истисноӣ харид барои эҳтиёҷоти мудофиа ва бехатарии миллӣ;
c) ҳамаи харид,аз ҷумла харид барои эҳтиёҷоти мудофиа ва бехатарии миллӣ ва харид бо арзиши паст;
d) ҳамаи харидхое, ки арзиши онҳо аз ҳадди ниҳоӣ зиёд аст.

59. Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ:
a) номгӯи мукаммали меъёрҳои баҳодиҳиро ба дархостҳои иштирокчиёни расмиёти харид муайян менамояд;
b) зарурати қабули Кодекси ахлоқ (рафтор)-и шахсони вазифадори ташкилоти хариддорро таъкид менамояд;
c) намегузорад, ки фармоишгар арзиши бениҳояд пастро рад намояд;
d) қабул намудани он барои ҳамаи мамлакатҳо ҳатмӣ мебошад.

60. Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ:
a) Марҳилаи банақшагирии харидро танзим намекунад;
b) Ба таври возеҳ таъкид менамояд, ки нақшаи харидро бояд ташкилоти харидор ҳатман дар давраи на камтар аз як сол интишор намояд;
c) таъкид менамояд, ки банақшагирӣ бояд дар давраи панҷ сол амалӣ гардад;
d) таъкид менамояд, ки нақшаи хариди нашргардида ташкилоти харидорро ӯҳдадор намекунад, ки дархостҳои иштирокчиёнро ҷалб намояд ва ё ба фармоишгарон ва иштирокчиён ягон ҳуқуқ ё вазифа таъин намояд.

61. Дар байни талаботҳо ба тахассуси молрасонҳо, ки ташкилоти харидор метавонад дар раванди расмиёти харид пешниҳод намояд, Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ муқаррар менамояд:
a) мавҷудияти таҷрибаи корӣ дар соҳаи фармоиши давлатӣ;
b) мавҷудияти салоҳияти идоракунӣ;

c) мавҷудияти варақаи қайди молрасон ҳамчун шахси ҳуқуқии яке аз мамлакатҳои аъзои ИА, бо ҳуҷҷати тасдиққунанда;
d) мавҷудияти таҷҳизоти шахсӣ.

62. Тибқи Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ «давраи интизорӣ»:
a) ин вақте мебошад, ки молрасон-иштирокчии расмиёти харид дархости худро то лаҳзаи кушодан ва баҳои он интизор мешавад;
b) ин давраи баъд аз муайян намудани ғолиби расмиёти харид то додани вексел ба ғолиб ва имзои қарордод мебошад;
c) бояд ҳангоми гузаронидани ҳама гуна харид истифода шавад;
d) ин вақти интизориест, ки фармоишгар пулро кай пардохт менамояд.

63. Директивҳои ИА оид ба хариди давлатӣ:
a) имкон медиҳанд, ки расмиёти хариди устувор ва «хариди хом» хангоми расмиёти харид ба инобат гирифта шавад;
b) имкон намедиҳад, ки расмиёти хариди устувор ва «хариди хом» (ноустувор) дар расмиёти харид ба инобат гирифта шаванд;
c) дар солҳои 70-ум қабул шудааст, он вақте, буд,ки масъалаҳои экологӣ он қадар проблеманок набуд, бинобар ин талабот нисбати хариди экологӣ дар он нест;
d) барои ҳамаи мамлакатҳои аъзои ИА ҳатмӣ нест.

64. Қарордод оид ба хариди давлатии СУС:
a) аз номгӯи мукаммали расмиёти харид, ки мамлакатҳои аъзои СУС метавонанд истифода баранд, иборат аст;
b) дар бунёди қонунгузории Тоҷикистон дар низоми қарордоди федералӣ ҷой дода шудааст;
c) чунин санад ҳоло мавҷуд нест, он дар солҳои 40-уми асри XX қабул шуда буд, ҳоло амал намекунад;
d) мақсад дорад дар байни мол, хизматрасонӣ ва молрасонҳои хориҷӣ ва миллӣ маҳдудият набошад.

65. Андешаи дурустро интихоб намоед:
a) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» нисбат ба ҳамаи хариди давлатӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад татбиқ мегардад;
b) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» нисбат ба ҳамаи хариди давлатӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, бо истиснои хариди давлатӣ ҷиҳати таъмини мудофиаи миллӣ, амнияти миллӣ татбиқ мегардад;
c) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» нисбат ба ҳамаи хариди давлатӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, бо истиснои хариди давлатии ҷиҳати металҳои қимматнок ва сангҳои қимматнок татбиқ мегардад;

d) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» нисбат ба ҳамаи хариди давлатӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, бо истиснои хариди давлатии ҷиҳати таъмини мудофиаи миллӣ, амнияти миллӣ, сирри давлатӣ металҳои қимматнок ва сангҳои қимматнок, инчунин барои рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода ва дигар ҳолатҳои ногаҳонӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад.

66. Андешаи нодурустро интихоб намоед:

a) яке аз мақсадҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» таъмини сарфакорӣ ва самарабахшии хариди давлатӣ мебошад;
b) яке аз мақсадҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» васеъ намудани доираи иштирокчиён ва инкишофи рақобат байни молрасон (пуратчиён) дар соҳаи хариди давлатӣ мебошад;
c) яке аз мақсадҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» такмили фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ва дигар ташкилотҳои хусуи дар соҳаи хариди давлатӣ мебошад;
d) яке аз мақсадҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» таъмини шаффофият ва беғаразии расмиёти хариди давлатӣ мебошад.

67. Андешаи нодурустро интихоб намоед:

a) хариди давлатӣ – аз ҷониби ташкилоти харидор бо усулҳои муайяннамудаи Қонуни мазкур ба даст овардани мол, кор ва хизматрасонӣ,ки пурра ё қисман аз ҳисоби маблағи давлатӣ, маблағгузорӣ мегардад;
b) эхтиёҷоти давлатӣ – талаботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мол, кор ва хизматрасонӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маъмурӣ ва сиёсӣ, ки пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ анҷом дода мешавад;
c) қарордод оид ба харид - қарордоде, ки дар оғози расмиёти хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ баста шудааст;
d) молрасон (пудратчӣ) – ҳама гуна шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти харидор ҳамчун тарафи эҳтимолӣ ё мушаххаси қарордоди харид вориди робита мегардад.

68. Андешаи нодурустро интихоб намоед:

a) қарордод оид ба харид - қарордоде, ки дар анҷоми расмиёти хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ баста шудааст;
b) эхтиёҷоти давлатӣ – талаботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мол, кор ва хизматрасонӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маъмурӣ ва сиёсӣ пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатии анҷом дода мешавад;
c) мол – маҳсули фаъолият (корҳо, хизматрасонӣ), ки барои мубодила ва фурӯш дар бозор муқаррар шудааст;

d) кор – натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва хаёлиест, ки аз тағйир ёфтани хусусиятҳои неъматҳои моддӣ вобаста нест.

69. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
   a) мол – маҳсули фаъолият (корҳо, хизматрасонӣ), ки барои мубодила ва фурӯш дар бозор муқаррар шудааст;
   b) эхтиёҷоти давлатӣ – ҳар гуна кори вобаста ба лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ, кӯчонидан, таъмир ё таҷдиди биноҳо, иморатҳо ва иншоот, аз ҷумла тайёр намудани майдончаи сохтмон, кофта баровардани хок, васл кардан ва омода намудани дастгоҳҳо, корҳои пардоздиҳӣ, инчунин хизматрасониҳои иловагии сохтмонӣ, монанди пармакунӣ, корҳои геодезӣ, аксбардории кайҳонӣ, тадқиқотии сейсмологӣ ва дигар хизматрасониҳое, ки тибқи шартнома дар бораи харид пешниҳод мешаванд;
   c) қарордод оид ба харид - қарордоде, ки дар анҷоми расмиёти хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ баста шудааст;
   d) хизматрасонӣ – натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва кор, ки аз тағйир ёфтани хусусиятҳои неъматҳои моддӣ вобаста нест.

70. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
   a) ҳуҷҷатҳои тендерӣ – лифофаи ҳуҷҷатҳо, ки дорои шартҳо ва тартиби гузаронидани тендер буда, аз ҷониби ташкилоти харидор ба молрасон (пудратчӣ) барои таҳияи дархости тендерӣ пешниҳод карда мешавад;
   b) дархости тендерӣ – пешниҳод дар хусуси молрасонӣ, иҷрои кор ё анҷоми хизматрасонӣ ҳангоми баргузор кардани озмуни харид;
   c) хизматрасонӣ – натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва корҳои тиҷоратӣ, ки аз тағйир ёфтани хусусиятҳои неъматҳои моддӣ вобаста мебошад;
   d) молрасон (пудратчӣ) – ҳама гуна шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти харидор ҳамчун тарафи эҳтимолӣ ё мушаххаси қарордоди харид вориди робита мегардад.

71. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
   a) мол – маҳсули фаъолият (корҳо, хизматрасонӣ), ки барои мубодила ва фурӯш дар бозор муқаррар шудааст;
   b) молрасон (пудратчӣ) – ҳама гуна шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти харидор ҳамчун тарафи эҳтимолӣ ё мушаххаси қарордоди харид вориди робита мегардад;
   c) дархости тендерӣ – пешниҳод дар хусуси молрасонӣ, иҷрои кор ё анҷоми хизматрасонӣ ҳангоми баргузор кардани озмуни харид;
   d) Тендер – фароҳам овардани хизматрасонии зеҳнӣ, ки аз ҷониби мушовирони инфиродӣ ё ташкилотҳои машварати дорои дониш ва таҷрибаи махсуси касбӣ ва тахассуси мувофиқ анҷом дода мешавад;

72. Андешаи нодурустро интихоб намоед:

a) хизматрасонии машваратӣ - лифофаи ҳуҷҷатҳо, ки дорои шартҳо ва тартиби гузаронидани тендер буда, аз ҷониби ташкилоти харидор ба молрасон (пудратчӣ) барои таҳияи дархости тендерӣ пешниҳод карда мешавад;
b) Дархости тендерӣ - пешниҳод дар хусуси молрасонӣ, иҷрои кор ё анҷоми хизматрасонӣ ҳангоми баргузор кардани озмуни харид;
c) хизматрасонӣ – натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва корҳое, ки аз тағйир ёфтани хусусиятҳои неъматҳои моддӣ вобаста нест;
d) молрасон (пудратчӣ) – ҳама гуна шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти харидор ҳамчун тарафи эҳтимолӣ ё мушаххаси қарордоди харид вориди робита мегардад.

73. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
a) мақомоти ваколатдори давлатии оид ба харид – шахси ҳуқуқие, ки метавонад ба фаъолияти хоҷагидории молрасони (пудратчии) эҳтимолӣ вобаста ба назорати сармояи он ё узвият дар мақомоти роҳбарикунандаи он мустақиман таъсир расонад;
b) расмиёти хариди давлатӣ –маҷмуи муқаррароте, ки тартиби анҷом додан ва ба расмиятдарории хариди давлатиро муайян месозад;
c) Лот – ҷузъи ҷудонопазири як предмети харид;
d) Дархости тендерӣ - пешниҳод дар хусуси молрасонӣ, иҷрои кор ё анҷоми хизматрасонӣ ҳангоми баргузор кардани озмуни харид.

74. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
a) ҳадди камтарини маблағи харид - талаботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мол, кор ва хизматрасонӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маъмурӣ ва сиёсӣ пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатии анҷом дода ;
b) қарордод оид ба харид - қарордоде, ки дар анҷоми расмиёти хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ баста шудааст;
c) молрасон (пудратчӣ) – ҳама гуна шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти харидор ҳамчун тарафи эҳтимолӣ ё мушаххаси қарордоди харид вориди робита мегардад;
d) хизматрасонии машваратӣ - фароҳам овардани хизматрасонии зеҳнӣ, ки аз ҷониби мушовирони инфиродӣ ё ташкилотҳои машварати дорои дониш ва таҷрибаи махсуси касбӣ ва тахассуси мувофиқ анҷом дода мешавад.

75. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
a) комиссияи тахассусӣ – макоме, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва он дар татбиқи сиёсати давлат оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ таъмин менамояд;
b) ҳадди камтарини маблағи харид – нишондиҳандаест, ки барои моддаи хараҷоти гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ барои як

семоҳа муқаррар шуда, то расидан ба он ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад харидро бо тартиби соддакардашуда анҷом диҳад. Ҳадди камтарини маблағи харид барои мол ба дусаду панҷоҳ, барои кор ва хизматрасонӣ ба сесаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар аст;

c) Лот – ҷузъи ҷудонопазири як предмети харид;

d) расмиёти хариди давлатӣ –маҷмӯи муқаррароте, ки тартиби анҷом додан ва ба расмиятдарории хариди давлатиро муайян месозад.

76. Андешаи нодурустро интихоб намоед:

a) мақомоти ваколатдори давлатии оид ба харид – макоме, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва ба ташкилотҳои харидор мақоми «ташкилоти харидори соҳибихтисос»-ро раво медонад;

b) расмиёти хариди давлатӣ –маҷмӯи муқаррароте, ки тартиби анҷом додан ва ба расмиятдарории хариди давлатиро муайян месозад;

c) қарордод оид ба харид - қарордоде, ки дар анҷоми расмиёти хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ баста шудааст;

d) молрасон (пудратчӣ) – ҳама гуна шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти харидор ҳамчун тарафи эҳтимолӣ ё мушаххаси қарордоди харид вориди робита мегардад.

77. Андешаи нодурустро интихоб намоед:

a) лот - нишондиҳандаест, ки барои моддаи хароҷоти гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ барои як семоҳа муқаррар шуда, то расидан ба он ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад харидро бо тартиби соддакардашуда анҷом диҳад. Ҳадди камтарини маблағи харид барои мол ба дусаду панҷоҳ, барои кор ва хизматрасонӣ ба сесаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар аст;

b) дархости тендерӣ - пешниҳод дар хусуси молрасонӣ, иҷрои кор ё анҷоми хизматрасонӣ ҳангоми баргузор кардани озмуни харид;

c) Ҳуҷҷатҳои тендерӣ – лифофаи ҳуҷҷатҳо, ки дорои шартҳо ва тартиби гузаронидани тендер буда, аз ҷониби ташкилоти харидор ба молрасон (пудратчӣ) барои таҳияи дархости тендерӣ пешниҳод карда мешавад;

d) Комиссияи тахассусӣ – мақомоти ваколатдори давлатии оид ба харид – макоме, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва ба ташкилотҳои харидор мақоми «ташкилоти харидори соҳибихтисос»-ро раво медонад.

78. Андешаи нодурустро интихоб намоед:

a) хариди давлатӣ – лифофаи ҳуҷҷатҳо, ки дорои шартҳо ва тартиби гузаронидани тендер буда, аз ҷониби ташкилоти харидор ба молрасон (пудратчӣ) барои таҳияи дархости тендерӣ пешниҳод карда мешавад;

b) хизматрасонии машваратӣ - фароҳам овардани хизматрасонии зеҳнӣ, ки аз ҷониби мушовирони инфиродӣ ё ташкилотҳои машваратии дорои дониш ва таҷрибаи махсуси касбӣ ва тахассуси мувофиқ анҷом дода мешавад ;
c) тендер – озмуне мебошад, ки дар байни довталабон барои иҷрои муассир ва самараноки кору хизматрасонӣ ва ё таҳвили намуди муайяни мол бо мақсади интихоби яке (ё якчанд) аз онҳо ва бароящ (барояшон) супоридани иҷрои ин кор ё хизматрасонӣ гузаронида мешавад;
d) дархости тендерӣ – пешниҳод дар хусуси молрасонӣ, иҷрои кор ё анҷоми хизматрасонӣ ҳангоми баргузор кардани озмуни харид.

79. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
a) кор – ҳар гуна кори вобаста ба лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ, кӯчонидан, таъмир ё таҷдиди биноҳо, иморатҳо ва иншоот, аз ҷумла тайёр намудани майдончаи сохтмон, кофта баровардани хок, васл кардан ва омода намудани дастгоҳҳо, корҳои пардоздиҳӣ, инчунин хизматрасониҳои иловагии сохтмонӣ, монанди пармакунӣ, корҳои геодезӣ, аксбардории кайҳонӣ, тадқиқотии сейсмологӣ ва дигар хизматрасониҳое, ки тибқи шартнома дар бораи харид пешниҳод мешаванд;
b) хизматрасонӣ – натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва корҳое, ки ба дигаргуншавии хусусияти объектҳои моддӣ вобаста намебошанд;
c) хизматрасонии машваратӣ – фароҳам овардани хизматрасонии зеҳнӣ, ки аз ҷониби мушовирони инфиродӣ ё ташкилотҳои машваратии дорои дониш ва таҷрибаи махсуси касбӣ ва тахассуси мувофиқ анҷом дода мешавад;
d) хариди давлатӣ – маҳсули фаъолият (корҳо, хизматрасонӣ), ки барои мубодила ва фурӯш дар бозор муқаррар шудааст.

80. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
a) қарордоди харид – пешниҳод дар хусуси молрасонӣ, иҷрои кор ё анҷоми хизматрасонӣ, ки пеш аз баргузор кардани озмуни харид баста мешавад;
b) ҳуҷҷатҳои тендерӣ- лифофаи ҳуҷҷатҳо, ки дорои шартҳо ва тартиби гузаронидани тендер буда, аз ҷониби ташкилоти харидор ба молрасон (пудратчӣ) барои таҳияи дархости тендерӣ пешниҳод карда мешавад;
c) Лот – ҷузъи ҷудонопазири як предмети харид;
d) Расмиёти хариди давлатӣ – маҷмӯи муқарраро́те, ки тартиби анҷом додан ва ба расмиятдарории хариди давлатиро муайян месозад.

81. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
a) мол – ҷузъи ҷудонопазири як предмети харид;
b) мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба харид – мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумхурии

Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва сиёсати давлатиро дар соҳои хариди мол, кор ва хизматрасонӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ татбиқ менамояд;

c) комиссияти тахассусӣ – мақоме, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва ба ташкилоти харидор мақоми «ташкилоти харидори соҳибихтисос»-ро раво медонад;

d) ҳуҷҷатҳои тендерӣ – лифофаи ҳуҷҷатҳо, ки дорои шартҳо ва тартиби гузаронидани тендер буда, аз ҷониби ташкилоти харидор ба молрасон (пудратчӣ) барои таҳияи дархости тендерӣ пешниҳод карда мешавад.

82. Андешаи нодурустро интихоб намоед:

a) хизматрасонӣ – ҳар гуна кори вобаста ба лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ, кӯчонидан, таъмир ё таҷдиди биноҳо, иморатҳо ва иншоот, аз ҷумла тайёр намудани майдончаи сохтмон, кофта баровардани хок, васл кардан ва омода намудани дастгоҳҳо, корҳои пардоздиҳӣ, инчунин хизматрасониҳои иловагии сохтмонӣ, монанди пармакунӣ, корҳои геодезӣ, аксбардории кайҳонӣ, тадқиқотии сейсмологӣ ва дигар хизматрасониҳое, ки тибқи шартнома дар бораи харид пешниҳод мешаванд;

b) молрасон (пудратчӣ) – ҳама гуна шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти харидор ҳамчун тарафи эҳтимолӣ ё мушаххаси қарордоди харид вориди робита мегардад;

c) шахси бонуфузи молрасон (пудратчӣ) – шахси ҳуқуқие, ки метавонад ба фаъолияти хоҷагидории молрасон (пудратчӣ)-и эҳтимолӣ вобаста ба назорати сармояи он ё узвият дар мақомоти роҳбарикунандаи он мустақиман таъсир расонад;

d) мол – маҳсули фаъолият (корҳо, хизматрасонӣ), ки барои мубодила ва фурӯш дар бозор муқаррар шудааст.

83. Андешаи нодурустро интихоб намоед:

a) дархости тендерӣ – маҷмӯи муқарраротие, ки тартиби анҷом додан ва ба расмиятдарории хариди давлатиро муайян месозад.

b) Лот – ҷузъи ҷудонопазири як предмети харид;

c) комиссияти тахассусӣ – мақоме, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва ба ташкилоти харидор мақоми «ташкилоти харидори соҳибихтисос»-ро раво медонад;

d) ҳадди камтарини маблағи харид – нишондиҳандаест, ки барои моддаи хараҷоти гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ барои як семоҳа муқаррар шуда, то расидан ба он ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад харидро бо тартиби соддакардашуда анҷом диҳад. Ҳадди камтарини маблағи харид барои мол ба дусаду панҷоҳ, барои кор ва хизматрасонӣ ба сесаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар аст.

84. Андешаи нодурустро интихоб намоед:

a) ҳуҷҷатҳои тендерӣ – қарордоде, ки дар анҷоми расмиёти хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ баста шудааст;
b) шахси бонуфузи молрасон (пудратчӣ) – шахси ҳуқуқие, ки метавонад ба фаъолияти хоҷагидории молрасон (пудратчӣ)-и эҳтимолӣ вобаста ба назорати сармояи он ё узвият дар мақомоти роҳбарикунандаи он мустақиман таъсир расонад;
c) мол – маҳсули фаъолият (корҳо, хизматрасонӣ), ки барои мубодила ва фурӯш дар бозор муқаррар шудааст;
d) эҳтиёҷоти давлатӣ – аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ қонеъ гардонидани талаботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мол, кор ва хизматрасонӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маъмурию сиёсӣ.

85. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
a) расмиёти хариди давлатӣ – пешниҳод дар хусуси молрасонӣ, иҷрои кор ё анҷоми хизматрасонӣ ҳангоми баргузор кардани озмуни харид;
b) хизматрасонӣ – натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва корҳое, ки ба дигаргуншавии хусусияти объектҳои моддӣ вобаста намебошад;
c) хизматрасонии машваратӣ – фароҳам овардани хизматрасонии зеҳнӣ, ки аз ҷониби мушовирони инфиродӣ ё ташкилотҳои машваратии дорои дониш ва таҷрибаи махсуси касбӣ ва тахассуси мувофиқ анҷом дода мешавад;
d) тендер – озмуне мебошад, ки дар байни довталабон барои иҷрои муассир ва самараноки кору хизматрасонӣ ва ё таҳвили намуди муайяни мол бо мақсади интихоби яке (ё якчанд) аз онҳо ва барояш (барояшон) супоридани иҷрои ин кор ё хизматрасонӣ гузаронида мешавад.

86. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
a) маблағҳои давлатӣ – манбаъхои маблағгузории хариди давлатӣ, иборат аз мабағҳои буҷети давлатии ҳамаи сатҳҳо;
b) маблағҳои давлатӣ – манбаъхои маблағгузории хариди давлатӣ, иборат аз мабағҳои корхонаҳои давлатӣ;
c) маблағҳои давлатӣ – манбаъҳои маблағгузории хариди давлатӣ, иборат аз мабағи муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсис додаанд;
d) маблағҳои давлатӣ – манбаъхои маблағгузории хариди давлатӣ, иборат аз мабағҳои молрасонҳо.

87. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
a) кор – фароҳам овардани хизматрасонии зеҳнӣ, ки аз ҷониби мушовирони инфиродӣ ё ташкилотҳои машваратии дорои дониш ва таҷрибаи махсуси касбӣ ва тахассуси мувофиқ анҷом дода мешавад;

b) хизматрасонӣ – натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва корҳое, ки ба дигаргуншавии хусусияти объектҳои моддӣ вобаста намебошад;
c) дархости тендерӣ – пешниход дар хусуси молрасонӣ, иҷрои кор ё анҷоми хизматрасонӣ ҳангоми баргузор кардани озмун;
d) Ҳуҷҷатҳои тендерӣ – лифофаи ҳуҷҷатҳо, ки дорои шартҳо ва тартиби гузаронидани тендер буда, аз ҷониби ташкилоти харидор ба молрасон (пудратчӣ) барои таҳияи дархости тендерӣ пешниҳод карда мешавад.

88. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
a) комиссияи тахассусӣ – шахси ҳуқуқие, ки метавонад ба фаъолияти хоҷагидории молрасон (пудратчӣ)-и эҳтимолӣ вобаста ба назорати сармояи он ё узвият дар мақомоти роҳбарикунандаи он мустақиман таъсир расонад;
b) мол – маҳсули фаъолият (корҳо, хизматрасонӣ), ки барои мубодила ва фурӯш дар бозор муқаррар шудааст;
c) кор – ҳар гуна кори вобаста ба лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ, кӯчонидан, таъмир ё таҷдиди биноҳо, иморатҳо ва иншоот, аз ҷумла тайёр намудани майдончаи сохтмон, кофта баровардани хок, васл кардан ва омода намудани дастгоҳҳо, корҳои пардоздиҳӣ, инчунин хизматрасониҳои иловагии сохтмонӣ, монанди пармакунӣ, корҳои геодезӣ, аксбардории кайҳонӣ, тадқиқотии сейсмологӣ ва дигар хизматрасониҳое, ки тибқи шартнома дар бораи харид пешниҳод мешаванд;
d) хизматрасонӣ – натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва корҳое, ки ба дигаргуншавии хусусияти объектҳои моддӣ вобаста намебошад.

89. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
a) эҳтиёҷоти давлатӣ – нишондиҳандаест, ки барои моддаи хараҷоти гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ барои як семоҳа муқаррар шуда, то расидан ба он ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад харидро ба тартиби соддакардашуда анҷом диҳад. Ҳадди камтарини маблағи харид барои мол ба ду саду панҷоҳ, барои кор ва хизматрасонӣ ба сесаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар аст;
b) лот – ҷузъи ҷудонопазири як предмети харид;
c) расмиёти хариди давлатӣ – маҷмӯи муқаррароте, ки тартиби анҷом додан ва ба расмиятдарории хариди давлатиро муайян месозад;
   d) ҳангоми омода сохтани қарор дар хусуси бевосита гузаронидани харид, эҳтиёҷ ба муҳсулоти харидашаванда (аз рӯи миқдор, сифат, мӯҳлати таҳвил ва мушаххасоти дигар, ки дар нақшаи солонаи харид ё дар доираи тасҳеҳи онҳо зикр нашудааст) муайян мегардад ва талаботи функсионалӣ ва ё техникӣ нисбат ба он муқаррар карда мешавад ва дар мавриди корҳои сохтмонию пудратӣ бошад, ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ низ таҳия ва тасдиқ карда мешаванд.
170. Ташкилоти харидор дар раванди тайёрӣ барои гузаронидани харид дар ҳар лаҳза ҳама чизро пешакӣ муайян мекунад:
   a) талабот нисбати ҳайат ва тартиби дархост;
   b) талабот нисбати маҳсулоти харидшаванда, аз ҷумла дар лаҳзаҳои зарурӣ арзиши ибтидоии харид (арзиши аслӣ);
   c) талабот нисбати иштирокчиён;
   d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
171. Хангоми ба лотҳо тақсим намудан ба таври сунъӣ маҳдуд намудани рақобат (ҳайати иштирокчиён):
   a) роҳ дода намешаванд;
   b) роҳ дода мешаванд;
   c) роҳ дода намешаванд бо роҳи дохил намудан ба ҳайати лотҳои маҳсулот ва технологияи надоштани алоқа бо предмети харид;
   d) роҳ дода мешаванд бо роҳи дохил намудан ба ҳайати лотҳои маҳсулот ва технологияи надоштани алоқа бо предмети харид.
172. Ҳуҷҷат оид ба баргузории расмиёти озмуни кушода:
   a) даъватнома барои иштирок дар озмун;
   b) эълон оид ба оғози озмун;
   c) низомномаи иштирокчиёни харид;
   d) эълони рекламавӣ.
173. Даъватнома барои иштирок дар харид бояд дар бар гирад:
   a) хусусият, миқдори мол ва маҳаллии расонидани он, хусусият ва маҳаллии коре, ки бояд иҷро гардад ё хусусияти хизматрасонӣ ва маҳалле, ки дар он хизматрасонӣ амалӣ мегардад;
   b) макон ва мӯҳлати охирини пешниҳоди дархости тендерӣ;

c) мӯҳлати матлуб ё талабшавандаи молрасонӣ, анҷоми кор ё хизматрасонӣ;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

174. Нақшаи солонаи харидро тибқи Замимаи №2-и Низомнома дар бораи расмиёти хариди давлатӣ аз 17 январи соли 2008, №4 имзо мегузорад:
    a) роҳбари воҳиди харид;
    b) роҳбари ташкилоти харидор;
    c) роҳбари мақомоти ваколатдор;
    d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
175. Бо фармоиш оид ба гузаронидани тендер ва таъин кардани комиссияи тендерӣ:
    a) ҳайати комиссияи тендерӣ тасдиқ карда мешавад;
    b) Низомнома оид ба комиссияи тендерӣ тибқи муқаррарот тасдиқ карда мешавад;
    c) муайян карда мешавад, ки вазифаи ташкилкунандаи тендерро кӣ иҷро менамояд;
    d) ҳайати комиссияи тендерӣ, Низомнома оид ба комиссияи тендерӣ тибқи муқарарррот, муайян карда мешавад, ки вазифаи ташкилкунандаи тендерро ки иҷро менамояд.
176. Ташкилоти харидор сметаи хароҷотро тартиб медиҳад, ки он дар бар мегирад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
    a) вақти мушаххас,  захираҳои моддӣ-техникӣ;
    b) дастгирии ташкилӣ-техникӣ;
    c) хароҷот барои иҷрои вазифаҳои зарурӣ;
    d) хароҷот барои нақлиёт.
177. Мӯҳтавои даъватнома бояд дорои маълумоти зерин бошад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
    a) матни қарордоди эҳтимолӣ;
    b) маълумотнома барои мушовирон;
    c) вазифаҳои техникӣ;
    d) номгӯйи мухтасари вазифаҳо, шаклҳои намунавии пешниҳоди молиявӣ-техникӣ.
178. Нақшаи солонаи харид чиро дар бар мегирад?
    a) сарчашмаҳои маблағгузорӣ;
    b) маблағи хариди эҳтимолӣ;
    c) номгӯйи предмети харид;
    d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
179. Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад ба даъватнома барои иштирок дар озмуни харид нисбати озмуни хариди дар пешистода, маълумоти иловагӣ дохил намояд:
    a) агар зарур шуморад;
    b) бо розигии мақомоти ваколатдор;
    c) бо қарори роҳбари ташкилоти харидор;
    d) барои маълумоти иловагиро дохил кардан, ҳуқуқ надорад.
180. Ба вазифаҳои воҳиди харид дохил намешавад:

a) таҳия намудани ҳуҷҷатҳои тендерӣ бо истифода аз ҳуҷҷатҳои тендерии аз тарафи мақомоти ваколатдор таҳия гардида;
b) таҳияи барномаи ҳарсолаи хароҷоти харид;
c) коркарди ҷадвали гузаронидани ҳар як хариди мушаххас;
d) кушодани дархостҳои тендерӣ дар мӯҳлате, ки дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ нишон дода шудааст ва тартиб додани протокол тибқи муқаррарот доир ба кушодани дархостҳои тендерӣ.

181. Воҳиди харид дар мӯҳлати даҳ рӯзи баъди мувофиқаи сметаи хароҷот бо мақомоти молиявӣ барои соли навбатии молиявӣ нақшаи хариди ташкилоти худро пешниҳод менамояд:
   a) ба мақомоти ваколатдор;
   b) ба роҳбари худ;
   c) ба мақомати назоратӣ;
   d) ба ҳамаи хоҳишмандони молрасон.

182. Нақшаи хариди давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ ба мақомоти ваколатдор дар мӯҳлати даҳ рӯз баъд аз мувофиқати сметаи хароҷот ба мақомотҳои молиявӣ пешниҳод карда мешавад, аз тарафи:
   a) воҳиди харид;
   b) кормандони мақомоти ваколатдор;
   c) ҳамаи хоҳишмандони молрасон;
   d) муассисаи махсусгардонидашуда.

183. Нақшаи хариди давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ ба мақомоти ваколатдор пешниҳод карда мешавад:
   a) Аз тарафи воҳиди харид дар мӯҳлати даҳ рӯз баъд аз мувофиқати сметаи хароҷот ба мақомотҳои молиявӣ;
   b) Аз тарафи воҳиди харид дар мӯҳлати панҷ рӯз баъд аз мувофиқати сметаи хароҷот ба мақомотҳои молиявӣ;
   c) Аз тарафи воҳиди харид дар мӯҳлати си рӯз баъд аз мувофиқати сметаи хароҷот ба мақомотҳои молиявӣ;
   d) Аз тарафи воҳиди харид дар мӯҳлати понздаҳ рӯз баъд аз мувофиқати сметаи харaҷот ба мақомотҳои молиявӣ.

184. Даъватнома барои иштирокчиёни озмун кадом маълумотҳоро, дарбар мегирад? (зиёдатиашро ихтисор кунед)
   a) мӯҳлат, маҳал ва шаклҳои дастрасии ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
   b) маҳал ва мӯҳлати охирини пешниҳоди дархостҳои тендерӣ;
   c) маҳаллии зисти молрасонҳое, ки метавонанд дар озмуни мазкур иштирок намоянд;
   d) ном ва суроғаи ташкилоти харидор.

184. Мӯҳлати интишори даъватномаҳо барои иштирок дар озмуни номаҳдуд чӣ қадар аст?
   a) 30 рӯз то мӯҳлати бaанҷомрасии пешниҳоди дархостҳо;
   b) 21 рӯз то мӯҳлати бaанҷомрасии пешниҳоди дархостҳо;
   c) 14 рӯз то мӯҳлати бaанҷомрасии пешниҳоди дархостҳо;
   d) 25 рӯз то мӯҳлати бaанҷомрасии пешниҳоди дархостҳо.

185. Даъватномаҳо барои иштирок дар озмунҳои харид бояд расман интишор гарданд:

a) на камтар аз 30 рӯз то мӯҳлати баанҷомрасии пешниҳоди дархостҳо;
b) на камтар аз 14 рӯз то мӯҳлати баанҷомрасии пешниҳоди дархостҳо;
c) на камтар аз 21 рӯз то мӯҳлати баанҷомрасии пешниҳоди дархостҳо;
d) на бештар аз 21 рӯз то мӯҳлати баанҷомрасии пешниҳоди дархостҳо.

186. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ - ин:
a) пешниҳодҳои молрасон, ки дар тендер дода мешавад;
b) замимаи даъватнома барои иштирок дар озмун буда, онро пурра, дақиқ ва тавзеҳ менамояд. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ бояд ҳамаи талаботу шартҳои озмун ва инчунин тавсифи муфассали тамоми расмиёти онро дарбар гирад;
c) ин ҳуҷҷат ба даъватнома барои иштирок дар озмун алоқа надорад. Бар хилофи даъватнома ҳуҷҷатҳои тендерӣ бояд ҳамаи талаботу шартҳои озмун ва тавсифи муфассали расмиёти харидро дар бар гиранд;
d) ин нақшаи харид барои соли навбатии молиявӣ мебошад.

187. Дар кадом ҳолатҳо ба нақшаи солонаи харид тағирот дохил намудан мумкин аст? (зиёдатиашро ихтисор кунед)
a) дар натиҷаи муайянсозии эҳтёҷоти ташкилоти харидор ба маҳсулот барои соли оянда, ки барои қонеъгардонии он гузаронидани расмиёти озмунҳо дар 3-4 семохаи соли ҷорӣ;
b) ҳангоми аз нав тақсим кардани (бидуни кам кардани ҳаҷм) нақшаи солонаи харид дар давоми соли ҷорӣ;
c) ҳангоми пастравии ҳаҷми нақшаи харид дар давоми соли ҷорӣ;
d) вобаста ба тасҳеҳи нақшаи истеҳсолии ташкилоти харидор.

188. Предмети харидро бо лотҳо тақсим кардан мумкин аст?
a) не;
b) ҳа;
c) мумкин, вале ба қатори лотҳо дохил намудани маҳсулоти технологие, ки ба предмети харид алоқа надорад, манъ аст;
d) мумкин дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор.

189. Нақшаи солонаи харид дар бар мегирад: (зиёдатиашро ихтисор кунед)
a) сарчашмаи маблағгузорӣ;
b) имтиёзҳои маҳдуд барои молрасонҳо;
c) маблағи хариди эҳтимолӣ;
d) номгӯи предмети харид.

190. Оид ба гузаронидани харид, кӣ бевосита қарор қабул мекунад?
a) молрасон;
b) ташкилоти харидор;
c) довталаб;
d) комиссияи тендерӣ.

191. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ бояд барои супоридан тайёр бошад, на кам аз:

a) 20 рӯз то анҷоми мӯҳлати муқарраргардидаи пешниҳоди дархост;
b) 25 рӯз то анҷоми мӯҳлати муқарраргардидаи пешниҳоди дархост;
c) 14 рӯз то анҷоми мӯҳлати муқарраргардидаи пешниҳоди дархост;
d) 30 рӯз то анҷоми мӯҳлати муқарраргардидаи пешниҳоди дархост.

192. Ба талаботи тахассусии молрасонҳо (пудратчиён) дохил мешавад (зиёдатиашро ихтисор кунед):

a) дорои салоҳияти кофии касбӣ ва техникӣ, таҷриба ва шӯҳрати корӣ, захираҳои молиявӣ, таҷҳизот ва дигар имкониятҳои моддию техникӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ оид ба қаорордоди харид бошад;
b) ғайри қобили пардохт ё муфлис ва ё дар ҳолати муфлисшавӣ қарор дошта набошад, амволи он таҳти гарав бо манъи ҳуқуқи истифода бурдан қарор надошта бошад, фаъолияти он дар ихтиёрдории судӣ ё шахси аз ҷониби он таъингардида набошад, фаъолияти тиҷоратии ӯ боздошта нашуда ва мавриди муҳокимаи судӣ қарор нагирифта бошад;
c) барои содир намудани ҷиноятҳои ғаразнок бо ҳукми ба қувваи қонунӣ даромади суд аз машғул шудан ба фаъолияти муайян маҳрум нашуда бошад;
d) аз роҳбари ташкилоти фармоишгар барои иштирок дар расмиёти харид барои эҳтиёҷоти давлатӣ иҷозатномаи махсус дошта бошад.

193. Дар поён ваколатҳои ташкилоти харидор оварда шудааст. Ба ваколатҳои ташкилоти харидор чӣ дохил намешавад, муайян намоед:

a) ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад аз молрасон (пудратчиён), иштирокчиёни расмиёти хариди давлатӣ, талаб намояд, ки далелҳои ҳуҷҷатӣ ё маълумоти дигари тасдиққунандаи мутобиқати тахассусии худро пешниҳод намоянд;
b) ташкилоти харидор маълумоти тахассусии молрасон (пудратчиён)-ро мутобиқи меъёрҳои тахассусии дар ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусӣ (агар расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ анҷом дода шавад) ва ҳуҷҷатҳои тендерӣ инъикосёфта арзёбӣ мекунад;
c) ташкилоти харидор метавонад дигар меъёрҳо, расмиёт ва талаботи тахассусиро, ки сабаби тафриқа дар байни молрасон (пудратчиён) мешавад, муқаррар кунад;
d) ташкилоти харидор наметавонад дигар меъёрҳо, расмиёт ва талаботи тахассусиро, ки сабаби тафриқа дар байни молрасон (пудратчиён) мешавад, муқаррар кунад.

194. Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад барои муайян кардани молрасонҳо (пудратчиён), ки ҷавобгӯи талаботи тахассусӣ мебошанд, расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ доир намояд:
   a) то оғози расмиёти озмун оид ба хариди давлатӣ;
   b) баъди давраи аввали озмун оид ба хариди давлатӣ;
   c) баъди ҷамъбасти озмун оид ба хариди давлатӣ;
   d) ташкилоти харидор ҳуқуқ надорад расмиёти пешакии тахассусиро бари дарёфти молрасон (пудратчиён), ки ба талаботҳои тахассусӣ мутобиқат дорад, гузаронад.
195. Андешаи дурустро интихоб намоед:
   a) то оғози расмиёти озмуни харид оид ба хариди давлатӣ ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад барои муайян намудани молрасонҳо (пудратчиён), ки ҷавобгӯи талаботи тахассусии муқаррарнамудаи мазкур мебошад, расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ доир намояд;
   b) то оғози расмиёти озмуни харид оид ба хариди давлатӣ ташкилоти харидор ҳуқуқ надорад барои муайян намудани молрасон (пудратчиён), расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ доир намояд;
   c) баъд аз давраи аввали озмуни харид оид ба хариди давлатӣ ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад барои муайян намудани молрасон (пудратчиён), расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ доир намояд;
   d) баъди ҷамъбасти озмуни харид оид ба хариди давлатӣ ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад барои муайян намудани молрасон (пудратчиён), расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ доир намояд.
196. Андешаи дурустро интихоб намоед:
   a) оид ба таъин намудани расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ташкилоти харидор ӯҳдадор аст ҳамаи молрасон (пудратчиён)-и эҳтимолиро дар мӯҳлати на камтар аз як моҳи тақвимӣ то эълони расмии озмуни харид бо роҳи нашр намудани маълумот дар воситаҳои ахбори омма ва Бюллетени хариди давлатӣ ва ҳангоми зарурат дар нашрияҳои байналмилалӣ огоҳ намояд;
   b) оид ба таъин намудани расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ташкилоти харидор вазифадор нест, ки ба молрасон (пудратчиён)-и эҳтимолӣ хабарнома расонад;
   c) оид ба таъин намудани расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ташкилоти харидор ӯҳдадор аст ҳамаи молрасон (пудратчиён)-и эҳтимолиро дар мӯҳлати на камтар аз ду моҳи тақвимӣ то эълони расмии озмуни харид бо роҳи нашр мудани маълумот дар воситаҳои ахбори омма ва Бюллетени хариди давлатӣ ва ҳангоми зарурат дар нашрияҳои байналмилалӣ огоҳ намояд;
   d) оид ба таъин намудани расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ташкилоти харидор ӯҳдадор аст ҳамаи молрасон (пудратчиён)-

и эҳтимолиро дар мӯҳлати на камтар аз се моҳи тақвимӣ то эълони расмии озмуни харид бо роҳи нашр намудани маълумот дар воситаҳои ахбори омма ва Бюллетени хариди давлатӣ ва ҳангоми зарурат дар нашрияҳои байналмилалӣ огоҳ намояд.

197. Иштироки шаҳрвандони соҳибҳуқуқ, ки ба сифати соҳибкор аз қайд нагузаштанд, шахси ҳуқуқии бе маълумот иҷозат дода мешавад, ҳангоми хариди:
   a) маҳсулоти тиббӣ;
   b) маҳсулоти намунавии стандартӣ, масалан, маҳсулоти канселярӣ, мебелҳо;
   c) маҳсулоти характери эҷодидошта;
   d) ҳама гуни маҳсулоте, ки арзиши он аз арзиши муқараргардида зиёд набошад.

198. Андешаи дурустро интихоб намоед:
   a) ташкилоти харидор бо гузашти се рӯзи баъди эълони расмӣ дар хусуси таъини расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ва на дертар аз даҳ рӯз то эълони расмӣ оид ба оғози расмиёти озмуни харид вазифадор аст ба ҳамаи молрасонҳои (пудратчиёни) манфиатдор ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусиро фароҳам орад;
   b) ташкилоти харидор бо гузашти панҷ рӯзи баъди эълони расмӣ дар хусуси таъини расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ва на дертар аз даҳ рӯз то эълони расмӣ оид ба оғози расмиёти озмуни харид вазифадор аст ба ҳамаи молрасонҳои (пудратчиёни) манфиатдор ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусиро фароҳам орад;
   c) ташкилоти харидор бо гузашти се рӯзи баъди эълони расмӣ дар хусуси таъини расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ва на дертар аз панҷ рӯз то эълони расмӣ оид ба оғози расмиёти озмуни харид вазифадор аст ба ҳамаи молрасонҳои (пудратчиёни) манфиатдор ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусиро фароҳам орад;
   d) ташкилоти харидор бо гузашти ду рӯзи баъди эълони расмӣ дар хусуси таъини расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ва на дертар аз ҳафт.

199. Ташкилоти харидор вазифадор аст ба ҳамаи молрасон (пудратчиёни) ҳавасманд ҳуҷҷатҳои пешазтахассусиро дастрас намояд:
   a) баъди се рӯзи ба анҷом расидани мӯҳлати эълони расмӣ оид ба таъин намудани расмиёти пешазтахассусӣ ва на камтар аз даҳ рӯзи эълони расмӣ оид ба оғози расмиёти харид;
   b) баъди панҷ рӯзи ба анҷом расидани мӯҳлати эълони расмӣ оид ба таъин намудани расмиёти пешазтахассусӣ ва на камтар аз даҳ рӯзи эълони расмӣ оид ба оғози расмиёти харид;

c) баъди се рӯзи ба анҷом расидани мӯҳлати эълони расмӣ оид ба таъин намудани расмиёти пешазтахассусӣ ва на камтар аз панҷ рӯзи эълони расмӣ оид ба оғози расмиёти харид;
d) баъди ду рӯзи ба анҷом расидани мӯҳлати эълони расмӣ оид ба таъин намудани расмиёти пешазтахассусӣ ва на камтар аз ҳафт рӯзи эълони расмӣ оид ба оғози расмиёти харид.

200. Маълумот оид ба таъини расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ маълумоти зеринро дарбар мегирад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
a) ном ва суроғаи ташкилоти харидор;
b) хусусият ва шумораи молҳое, ки бояд расонида шавад ва мӯҳлати расонидани он, хусусият, ҳаҷм ва маҳали иҷрои кор ва мӯҳлати иҷрои он, мӯҳлат, хусусият ва маҳали хизматрасонӣ;
c) манбаи маблағгузории хариди давлатӣ;
d) ҳайати комиссияи тендерии ташкилоти харидор.

201. Дар номгӯйи ҳуҷҷатҳои пеш аз тахассусӣ маълумотҳои зерин дохил карда мешаванд (зиёдатиашро ихтисор кунед):
a) инъикоси меъёрҳо ва расмиёти арзёбии маълумоти тахассусии молрасон (пудратчиён);
b) номгӯйи ҳуҷҷатҳое, ки мутобиқати молрасонҳо (пудратчиёнро) ба маълумоти тахассусӣ тасдиқ менамояд;
c) ном ва мансаби кормандони ташкилоти харидор, ки ваколатдоранд бо молрасонҳо (пудратчиён) дар хусуси анҷом додани расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ дар тамос бошанд ва роҳои тамоси байни онҳо;
d) ҳайати комиссияи тендерӣ ва шаклҳои тамос ба онҳо.

202. Андешаи нодурустро интихоб намоед:
a) ташкилоти харидор вазифадор аст ба ҳама гуна дархости молрасон (пудратчӣ) вобаста ба тавзеҳи ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусӣ, ки дар доираи мӯҳлатҳои барои пешниҳоди дархост ҷиҳати иштирок дар расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ирсол гардидаанд, ҷавоб диҳад;
b) ташкилоти харидор вазифадор аст нисбат ба маълумоти тахассусии ҳар як молрасон (пудратчӣ), ки барои иштирок дар расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ дархост додааст, қарор қабул кунад. Ҳангоми қабули қарор ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад танҳо он меъёрҳоеро истифода барад, ки дар ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусӣ муқаррар гардидаанд;
c) барои иштироки минбаъда дар расмиёти хариди давлатӣ танҳо ба он молрасонҳое (пудратчиёне) иҷозат дода мешаванд, ки ҳангоми баррасии пешакии тахассусӣ интихоб шудаанд;
d) рӯйхати молрасонҳо (пудратчиён), ки дар асоси натиҷаҳои баррасии пешакии тахассусӣ барои иштирок дар расмиёти минбаъдаи хариди давлатӣ иҷозат дода шудаанд, набояд дар воситаҳои ахбори омма ва ё Бюллетени хариди давлатӣ чоп карда шавад.

203. Барои маҳрум кардани молрасонҳо (пудратчиён) аз иштирок дар хариди давлатӣ чӣ асос шуда наметавонад) :
   a) ҳангоми аз чониби онҳо иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои худ ҳатто нисбат ба як қарордоди хариди давлатӣ дар ҷараёни панҷ соли охири қабл аз оғози расмиёти харид;
   b) ҳангоми муфлис эълон кардани онҳо ё дар ҷараёни муфлисшавӣ қарор доштани онҳо;
   c) пешниҳоди иттилооти бардуруғ, далелҳои таҳрифкунанда, гумроҳсозанда оид ба маълумоти тахассусии худ;
   d) пешниҳоди маълумоти моҳиятан носаҳеҳ ё моҳиятан нопурра оид ба тахассуси худ.
204. Яке аз андешаҳои дар поён овардашуда нодуруст аст, онро ёбед:
   a) ҳангоми ошкор намудани ҳолатҳои аз тарафи молрасонҳо (пудратчиён) пешниҳод намудани иттилооти бардуруғ, далелҳои таҳрифкунанда, гумроҳсозанда оид ба маълумоти тахассусии худ ташкилоти харидор ӯҳдадор аст ба мақомоти ваколатдор барои ҳалли масъалаҳои дохил кардани молрасон (пудратчӣ) ба феҳристи молрасонҳои (пудратчиёни) беэътимод (бевиҷдон) муроҷиат намояд;
   b) ташкилоти харидор метавонад молрасонро (пудратчиро) аз иштирок дар хариди давлатӣ маҳрум намояд, агар маълумоти тахассусии пешниҳоднамудаи ӯ ба таври назаррас носаҳеҳ ё нопурра набошад, ба шарте ки агар молрасон (пудратчӣ) бо хоҳиши ташкилоти харидор тавонад фавран ин норасоиҳоро бартараф кунад;
   c) ташкилоти харидор наметавонад молрасонро (пудратчиро) аз иштирок дар хариди давлатӣ маҳрум намояд, агар маълумоти тахассусии пешниҳоднамудаи ӯ ба таври назаррас носаҳеҳ ё нопурра набошад, ба шарте ки агар молрасон (пудратчӣ) бо хоҳиши ташкилоти харидор тавонад фавран ин норасоиҳоро бартараф кунад;
   d) далели маҳрум намудани молрасон (пудратчӣ) аз расмиёти харид ва сабабҳои он дар ҳисобот оид ба расмиёти харид инъикос гардида, дар ин хусус ба молрасон (пудратчӣ) фавран хабар дода мешавад.
205. Иштирокчиёни расмиёти харид:
   a) бояд ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шаванд;
   b) бояд ба сифати соҳибкори бе маълумоти шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шаванд;
   c) хангоми хариди маҳсулоти характери эҷодидошта шарвандони баробарҳуқуқи ба сифати соҳибкори бе маълумоти шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифташуда, роҳ дода мешаванд;
   d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
206. Молрасон (пудратчӣ) аз иштирок дар расмиёти хариди давлатӣ маҳрум карда мешавад:

a) бо қарори ташкилоти харидор ҳангоми аз ҷониба онҳо иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои худ ҳатто нисбат ба як қарордоди хариди давлатӣ дар ҷараёни ду соли охири қабл аз оғози расмиёти харид;
b) бо қарори ташкилоти харидор ҳангоми аз ҷониба онҳо иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои худ ҳатто нисбат ба як қарордоди хариди давлатӣ дар ҷараёни се соли охири қабл аз оғози расмиёти харид;
c) бо қарори ташкилоти харидор ҳангоми аз ҷониба онҳо иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои худ ҳатто нисбат ба як қарордоди хариди давлатӣ дар ҷараёни панҷ соли охири қабл аз оғози расмиёти харид;
d) бо қарори мақомоти ваколатдор ҳангоми аз ҷониба онҳо иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои худ ҳатто нисбат ба як қарордоди хариди давлатӣ дар ҷараёни ду соли охири қабл аз оғози расмиёти харид.

207. Хориҷ кардани довталаб аз феҳристи молрасонҳои (пудратчиёни) беэътимод (бевиҷдон):
a) бо дархости довталаб баъд аз як соли хориҷ шудани онҳо аз иштирок дар хариди давлатӣ бо фармоиши роҳбари мақомоти ваколатдор анҷом дода мешавад;
b) бо дархости довталаб баъд аз як соли хориҷ шудани онҳо аз иштирок дар хариди давлатӣ бо фармоиши роҳбари комиссияи тахассусӣ анҷом дода мешавад;
c) бо пешниҳоди суд баъд аз як соли хориҷ шудани онҳо аз иштирок дар хариди давлатӣ бо фармоиши роҳбари комиссияи тахассусӣ анҷом дода мешавад;
d) бо дархости довталаби эҳтимолӣ баъди анҷоми мӯҳлати хориҷ шудани онҳо аз иштирок дар хариди давлатӣ бо фармоиши роҳбари мақомоти ваколатдор анҷом дода мешавад.

208. Расмиёти пеш аз тахассусӣ гузаронида мешавад, танҳо дар расмиёти:
a) думарҳилавии харид;
b) хариди якмарҳилавии номаҳдуд;
c) дархости нархномаҳо;
d) озмун бо иштироки маҳдуд.

209. Дархостҳои пеш аз тахассусӣ то анҷомёбии мӯҳлате, ки дар хабарнома оид ба гузаронидани тендер бо расмиёти пеш аз тахассусӣ (дигар ҳуҷҷате, ки оид ба оғози расмиёти ғайриозмун эълон мекунад) ё дар ҳуҷҷатҳои пеш аз тахуссӣ, қабул карда мешавад. Ин мӯҳлат бояд басанда бошад, то ин ки иштирокчиён тавонанд дархостҳои худро дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод намоянд:
a) 10 рӯз аз рӯзи интишор гардидани тендер;
b) 14 рӯз аз рӯзи интишор гардидани тендер;
c) 20 рӯз аз рӯзи интишор гардидани тендер;
d) 30 рӯз аз рӯзи интишор гардидани тендер.

210. Ташкилоти харидор ӯҳдадор аст ҳар як иштирокчиро доир ба натиҷаи интихоби гузаронидашуда огоҳ намояд, дар мӯҳлати:
   a) даҳ рӯз пас аз анҷоми озмуни расмиёти пеш аз тахассусӣ;
   b) понздаҳ рӯз пас аз анҷоми озмуни расмиёти пеш аз тахассусӣ;
   c) ду рӯзи кории пас аз анҷоми озмуни расмиёти пеш аз тахассусӣ;
   d) се рӯз пас аз анҷоми озмуни расмиёти пеш аз тахассусӣ.
211. Барои ноил гардидан ба мақоми тарафи эҳтимолии қарордоди харид молрасон (пудратчӣ) бояд ҷавобгӯи талаботи тахассусӣ бошад:
   a) дорои салоҳияти кофии касбӣ ва техникӣ, таҷриба ва шӯҳрати корӣ, захираҳои молиявӣ, таҷҳизот ва дигар имкониятҳои моддию техникӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ оид ба қарордоди харид бошад;
   b) аз расмиёти харид барканор нашуда бошад, ном ё номгӯи ӯ ба феҳристи молрасони (пудратчии) беэътимод (бевиҷдон) аз ҷониби мақомоти ваколатдор барои маълумоти бардуруғ, далелҳои таҳрифӣ ё гумроҳ сохтан нисбати маълумоти тахассусӣ бо мақсади бастани қарордод оид ба хариди давлатӣ дохил карда нашуда бошад;
   c) ғайри қобили пардохт ё муфлис ва ё дар ҳолати муфлисшавӣ қарор надошта бошад, амволи он таҳти гарав бо манъи ҳуқуқи истифода бурдан қарор надошта бошад, фаъолияти он дар ихтиёрдории судӣ ё шахси аз ҷониби он таъингардида набошад, фаъолияти тиҷоратии ӯ боздошта нашуда ва мавриди мухокимаи судӣ қарор нагирифта бошад;
   d) ҳаммаи ҷавобҳо дурустанд.
212. Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад аз молрасон (пудратчӣ), ки дар расмиёти хариди давлатӣ иштирок мекунанд, талаб намояд:
   a) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ё дигар маълумотеро, ки мутобиқати онҳоро ба талаботи тахассусӣ тасдиқ мекунад;
   b) пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ё дигар маълумотеро, ки мутобиқати онҳоро ба талаботи тахассусӣ тасдиқ мекунад;
   c) пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
   d) ҳаммаи ҷавобҳо дурустанд.
213. Талаботҳои тахассусӣ, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд, инъикос меёбанд, дар:
   a) ҳуҷҷатҳои пеш аз тахассусӣ;
   b) ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
   c) ҳуҷҷатҳои пеш аз тахассусӣ (агар расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ анҷом дода шавад) ё ҳуҷҷатҳои дигар оид ба ҷалби пешниҳодод ва нархномаҳо;
   d) дигар ҳуҷҷатҳо оид ба ҷалби пешниҳодҳо ва нархномаҳо.
214. Талаботҳои тахассусӣ истифода мешаванд:
   a) баробар нисбат ба ҳамаи молрасонҳо (пудратчиён) ;
   b) ба ҳар як дуюмин молрасон (пудратчӣ);

c) баробар нисбат ба ҳамаи молрасонҳое (пудратчиёне), ки аз тарафи роҳбари ташкилоти харидор интихоб шудаанд;
d) ба молрасонҳои хориҷӣ.

215. Ташкилоти харидор маълумоти тахассусии молрасонҳо (пудратчиён)-ро мутобиқи меъёрҳои тахассусӣ арзёби мекунад, дар:
a) ҳуҷҷатҳои пеш аз тахассусӣ;
b) ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
c) ҳуҷҷатҳои пеш аз тахассусӣ (агар расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ анҷом дода шавад) ва ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
d) дар дархостҳои тендерӣ.

216. Ташкилоти харидор ба истисноi меъёрҳо, расмиёт ва талаботҳои тахассусии муайяншуда дигар меъёрҳо, расмиёт ва талаботи тахассусиро, ки сабаби тафриқа дар байни молрасонҳо (пудратчиён) мешавад, муқаррар намояд:
a) наметавонад;
b) метавонад;
c) метавонад бо иҷозати мақомоти ваколатдор;
d) метавонад бо амри роҳбари ташкилоти харидор.

217. Барои риоя накардани Қонуни мазкур шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба муқарароти муайяншуда ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, аз тарафи:
a) мақомоти ваколатдор;
b) роҳбари ташкилоти харидор;
c) қонунгузории Иттиҳоди Аврупо;
d) қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

218. Иштирокчиёни расмиёти харид бояд аз қайд гузаранд ба сифати:
a) шахси ҳуқуқӣ;
b) соҳибкорони бидуни ташкили шахси ҳуқуқии дар тартиботи муқарраршуда;
c) шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкорони бидуни ташкили шахси ҳуқуқии дар тартиботи муқарраршуда;
d) ҳеҷ гуна бақайдгирӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкорӣ зарурат надорад.

219. Ҳангоми хариди маҳсулоти характери эҷодидошта, шаҳрвандони соҳибҳуқуқ ё соҳибкорони бидуни ташкили шахси ҳуқуқии ба қайд гирифта нашуда:
a) роҳ дода намешаванд;
b) роҳ дода мешаванд бо иҷозати мақомоти ваколатдор;
c) роҳ дода мешавад;
d) роҳ дода мешаванд танҳо бо иҷозати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

220. Аъзоёни иттиҳодияҳое, ки иштирокчиёни дастаҷамъии харид мебошанд, бояд миёни якдигар созишномаи ҷавобгӯй ба меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошанд, ки дар он (зиёдатиашро ихтисор кунед):
a) ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳо муайян гардидааст;

b) пешвои иштирокчиёни иттиҳодия муайян карда шудааст;
c) ӯҳдадориҳои марбут ба иштирок дар харид, бастан ва иҷрои минбаъдаи шартнома масъулияти якҷоя муқарар карда шудааст;
d) тартиботи бастани қарордоди ояндаро муайян мекунад.

221. Пешвои иштирокчиёни иттиҳодияи харид шуда метавонад:
a) ҳар як шахс;
b) танҳо он шахсе, ки барои иштирок дар харид даъват карда шудааст;
c) танҳо шахси даъватнашуда дар харид;
d) танҳо шахсе, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор иҷозатнома дорад.

222. Ном ё номгӯи молрасонҳо ба феҳристи молрасони (пудратчии) беэътимод (бевиҷдон) дохил карда мешавад:
a) ҳангоми аз ҷониби онҳо иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои худ ҳатто нисбат ба як қарордоди хариди давлатӣ дар давоми ду соли охири қабл аз оғози расмиёти харид;
b) ҳангоми пешниҳоди иттилооти бардурӯғ, далелҳои таҳрифкунанда, гумроҳсозанда оид ба маълумоти тахассусии худ;
c) ҳангоми пешниҳоди маълумоти моҳиятан носаҳеҳ ё моҳиятан нопурра оид ба тахассуси худ;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

223. Маълумот оид ба таъини расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ҳадди ақал бояд дорои маълумоти зерин бошад:
a) ном ва суроғаи ташкилоти харидор;
b) усул ва маҳалли пешниҳоди дархост барои интихоб ҳангоми баррасии пешакии тахассусӣ;
c) усул ва маҳалли пешниҳоди дархост ба интихоби пешазтахассусӣ;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

224. Тасдиқи аз сари нав пешниҳод намудани маълумоти тахассусӣ дар асоси меъёрҳои зерин гузаронида мешавад:
a) меъёр ва расмиёте, ки дар Қонуни мазкур муқарар карда шудааст;
b) меъёр ва расмиёте, ки дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ ҷой дода шудаанд;
c) дигар меъёр ва расмиётҳо;
d) ҷавобҳои a, b дурустанд.

225. Барои ноил шудан ба мақоми тарафи эҳтимолии қарордоди харид молрасон (пудратчӣ) бояд:
a) оид ба пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ қарздор набошад;
b) барои пешниҳоди маълумоти бардурӯғ, далелҳои таҳрифӣ ё гумроҳ сохтан нисбати маълумоти тахассусӣ бо мақсади бастани қарордод оид ба хариди давлатӣ аз расмиёти харид

барканор нашуда бошад ва ном ё номгӯйи ӯ ба феҳристи молрасони (пудратчии) беэътимод (бевиҷдон) аз ҷониби мақомоти ваколатдор дохил карда нашуда бошад;
   c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
   d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

226. Барои ноил шудан ба мақоми тарафи эҳтимолии қарордоди харид молрасон (пудратчӣ) бояд:
   a) барои имзои қарордоди харид соҳибҳуқуқ бошад;
   b) дорои салоҳияти кофии касбӣ ва техникӣ, таҷриба ва шӯҳрати корӣ, захираҳои молиявӣ, таҷҳизот ва дигар имкониятҳои моддию техникӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ оид ба қарордоди харид бошад;
   c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
   d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

227. Ташкилоти харидор вазифадор аст, ки ба ҳамаи иштирокчиёни молрасонҳо (пудратчиён) оид ба интихоби ғолиби озмун хабарнома расонад:
   a) бо ҳар роҳе, ки қобили қабул аст;
   b) ба воситаи мактуб;
   c) ба воситаи телефон;
   d) вазифадор нест, ки хабар расонад.

228. Ҳангоми гузаронидани расмиёти пешазтахассусӣ дар ҳуҷҷате, ки оид ба оғози расмиёт эълон мебароянд бояд иловатан дохил карда шавад:
   a) маълумот оид ба гузаронидани расмиёти пешазтахассусӣ ва оид ба он ки баътар маълумоти тиҷоратӣ-техникӣ, ки расмиёти пешазтахассусиро сарбаландона гузаштаанд, баррасӣ мешавад;
   b) номгӯи тартибот ва маҳалли ба даст овардани ҳуҷҷатҳои пеш аз интихобӣ, ҳаҷми арзиш барои он, агар чунин тартибот ҷорӣ қабул шуда бошад, мӯҳлат ва тартиби пардохти маблағ барои ба даст овардани ҳуҷҷатҳои пешазтахассусӣ;
   c) маълумот оид ба мӯҳлати ба анҷомрасӣ ва тартиби пешниҳоди дархости пешазтахассусӣ;
   d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

229. Иштирокчиёне, ки интихоби расмиёти интихоби пешазтахассусиро дар расмиёти хариди якмарҳилавии кушодро муваффақона гузаштаанд ба расмиёти оянда даъват карда мешаванд. Мӯҳлати чунин даъватнома ва санаи пешниҳоди дархости тиҷоратӣ-техникӣ наметавонад кам бошад, аз:
   a) 10 рӯз;
   b) 14 рӯз;
   c) 20 рӯз;
   d) 30 рӯз.

230. Барои ноил шудан ба мақоми тарафи эҳтимолии қарордоди харид молрасон (пудратчӣ) бояд:

a) барои имзои қарордод соҳибҳуқуқ бошад;
b) дорои салоҳияти кофии касбӣ ва техникӣ, таҷриба ва шӯҳрати корӣ, захираҳои молиявӣ, таҷҳизот ва дигар имкониятҳои моддию техникӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ оид ба қарордоди харид бошад;
c) ғайри қобили пардохт ё муфлис ва ё дар ҳолати муфлисшавӣ қарор надошта бошад, амволи он таҳти гарав бо манъи ҳуқуқи истифода бурдан қарор надошта бошад, фаъолияти он дар ихтиёрдории судӣ ё шахси аз ҷониби он таъингардида набошад, фаъолияти тиҷоратии ӯ боздошта нашуда ва мавриди муҳокимаи судӣ қарор нагирифта бошад;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

231. Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад аз молрасон (пудратчиён), ки дар расмиёти хариди давлатӣ иштирок мекунанд, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаро талаб намояд, ки:
a) молрасон (пудратчӣ) барои имзои қарордоди харид соҳибҳуқуқ мебошад;
b) молрасон (пудратчӣ) оид ба пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ қарздор набошад;
c) молрасон (пудратчӣ) барои содир намудани ҷиноятҳои ғаразнок бо ҳукми ба қувваи қонунӣ даромади судӣ аз машғул шудан ба фаъолияти муайян маҳрум нашуда бошад;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

232. Шахсоне, ки ҷиҳати намояндагӣ ваколатдор шудаанд, ҳамчун иштирокчии мустақил дар тендер:
a) роҳ дода мешаванд;
b) ҳатман;
c) роҳ дода намешаванд;
d) мумкин, вале бо иҷозати мақомоти ваколатдор.

233. Ҳуҷҷатҳое, ки ҳатман дар дархостҳои тендерӣ барои арзёбии мутобиқати иштирокчӣ ба талабатҳо дохил мешаванд:
a) нусхаҳои ҳуҷҷатҳои муассис, ки дар нотариус тасдиқ шудаанд;
b) маълумотнома оид ба таҷрибаи иҷро кардани қарордодҳои ба ин монанд бо нишон додани фармоишгар, мазмун, мӯҳлат ва арзиши корҳои иҷрошуда бо пешниҳоди мактуби тавсиявӣ, тақризи фармоишгар ё ҳар ҳуҷҷате, ки ба таҷрибаи онҳо шаҳодат медиҳанд;
c) маълумотнома оид ба иштирок дар мурофиаи судӣ;
d) ҳамаи ҷавобҳои дар боло номбаршуда дурустанд.

234. Маълумотномаи мақомоти андоз ва дигар мақомоти молиявӣ ва ё бонкҳо ба иштирокчии тендер оид ба надоштани қарз, дода мешаванд дар мӯҳлати на камтар аз:
a) 15 рӯз то анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоди дархост барои иштирок дар тендери мазкур;
b) 30 рӯз то анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоди дархост барои иштирок дар тендери мазкур;

c) 10 рӯз то анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоди дархост барои иштирок дар тендери мазкур;
d) 20 рӯз то анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоди дархост барои иштирок дар тендери мазкур.

235. Нусха аз феҳристи ягонаи давлатӣ аз ҷониби Вазорати адлия Тоҷикистон ба шахси ҳуқуқӣ вобаста ба қайди ҷои воқеи дода мешавад, дар мӯҳлати на камтар аз:
a) 10 рӯз то анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоди дархост барои иштирок дар тендери мазкур;
b) 20 рӯз то анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоди дархост барои иштирок дар тендери мазкур;
c) 15 рӯз то анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоди дархост барои иштирок дар тендери мазкур;
d) 30 рӯз то анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоди дархост барои иштирок дар тендери мазкур.

236. Комиссияи тендерӣ аз ҳисоби мутахассисони соҳибихтисоси соҳаҳое, ки ба предмети харид мувофиқанд ва шумораи ин мутахассисон бояд, иборат бошад:
a) аз шумораи тоқ, вале на камтар аз се нафар;
b) аз шумораи тоқ, вале на камтар аз панҷ нафар;
c) аз шумораи тоқ, вале на камтар аз ҳафт нафар;
d) аз шумораи ҷуфт, вале на камтар аз се нафар.

237. Комиссияи тендерии ташкилоти харидор вазифаҳои муайян дорад. Кадоме аз муқаррароти зерин зарурат надоранд?
a) комиссияи тендерии ташкилоти харидор дархостҳои тендериро тибқи мӯҳлат ва дар маҳалли муайяни дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикршуда мекушояд ва оид ба кушодашавии дархостҳо протокол таҳия менамояд;
b) комиссияи тендерии ташкилоти харидор бо истифода ва бо дарназардошти расмиёт ва меъёрҳои ҳуҷҷатҳои тендерӣ, тибқи Қонуни мазкур дархостҳои тендериро баррасӣ, арзёбӣ ва муқоиса менамояд;
c) комиссияи тендерии ташкилоти харидор оид ба муайян намудани ғолиби озмун ё қабул кардани қарор оид ба натиҷаи расмиёти харид тавсияҳо медиҳад;
d) комиссияи тендерии ташкилоти харидор ба сифати тарафи қарордод баромад менамояд.

238. молрасон (пудратчӣ) мақоми довталабро мегирад:
a) аз лаҳзаи ба ташкилоти харидор пешниҳод кардани дархости тендерӣ;
b) баъд аз панҷ рӯзи ба ташкилоти харидор пешниҳод кардани дархости тендерӣ;
c) баъд аз як моҳи ба ташкилоти харидор пешниҳод кардани дархости тендерӣ;
d) аз лаҳзаи имзо шудани қарордоди харид.

239. Ба марҳилаҳои озмунии интихоби пешниҳод оид ба сифат ва арзиш таалluқ доранд (зиёдатиашро ихтисор кунед):
   a) арзёбии пешниҳодҳои техникӣ;
   b) арзёбии пешниҳодотҳои молиявӣ;
   c) дархости нархномаҳо;
   d) арзёбии ниҳоии сифат ва арзиш.
240. Арзёбии пешниҳодҳо иҷро карда мешаванд:
   a) дар ду марҳила: аввал пешниҳодҳои молиявиро арзёбӣ мекунанд, сипас пешниҳодҳои техникиро;
   b) дар ду марҳила: аввал пешиниҳодҳои техникиеро, ки ба пешниҳодҳои молиявӣ дахл надоранд арзёбӣ мекунанд, сипас пешниҳодҳои молиявиро;
   c) дар асоси арзёбии пешниҳодҳои техникӣ;
   d) дар асоси арзёбии пешниҳодҳои молиявӣ.
241. Ташкилоти харидор пешниҳодҳои техникии мушовиронро бо меъёрҳои зерин арзёбӣ менамояд:
   a) таҷрибаи мушовир, ки барои иҷрои кор аҳамият дошта бошад, тахассуси ҳайати асосии дар назар дошташуда, таҳвили дониш;
   b) таҷрибаи мушовир;
   c) сифатҳои шахсии директори ширкат;
   d) пешниҳодҳои молиявӣ.
242. Интихоби сифат истифода бурда мешавад дар лаҳзаҳои зарурии ба анҷом расонидани (зиёдатиашро ихтисор кунед):
   a) супориши мураккаб ё ихтисоси маҳдуд барои душвор будани коркарди аниқи супориши техникӣ ва муайян намудани хароҷоти моддӣ-техникии захираҳое, ки аз мушовирон талаб карда мешаванд;
   b) супорише, ки метавонад аз нуқтаи назари фаъолияти оянда натиҷаи муҳим дошта бошанд ва ё мақсадҳое, ки барои ба даст овардани мушовирони соҳибихтисос заруранд;
   c) супоришҳое, ки ба ҳар роҳ иҷро карда шуда, муқоиса кардани пешниҳодҳоро номумкин менамоянд;
   d) ҳамон вақте, ки маблағи буҷет ва супориш аниқ муайян гардидааст.
243. Усули интихоб дар шароити буҷети муқарраргардида истифода бурда мешавад:
   a) ҳамон вақте, ки маблағи буҷет ва супориш аниқ муайян гардидааст;
   b) супоришҳое, ки ба ҳар роҳ иҷро карда шуда, муқоиса кардани пешниҳодҳоро номумкин менамоянд;
   c) супорише, ки метавонад аз нуқтаи назари фаъолияти оянда оқибати муҳим дошта бошанд ва ё мақсадҳое, ки барои ба даст овардани мушовирони соҳибихтисос заруранд;
   d) супориши мураккаб ё ихтисоси маҳдуд барои душвор будани коркарди аниқи супориши техникӣ ва муайян намудани

хароҷоти моддӣ-техникии захираҳое, ки аз мушовирон талаб карда мешаванд.

244. Усули интихоб бо арзиши пастарин истифода бурда мешавад:
   a) ҳамон вақте, ки маблағи буҷет ва супориш аниқ муайян гардидааст;
   b) ҳангоми интихоби мушовирон бо маблағи аз ду ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо поёнтар барои супоришҳои намунавӣ ё стандартӣ, агар таҷриба ва меъёрҳои муқарраршуда мавҷуд бошад. Ташкилоти харидор холи миёнаро барои пешниҳодҳои техникӣ муайян карда, ӯро барои пешниҳоди ҳуҷҷат даъват менамояд;
   c) супоришҳое, ки ба ҳар роҳ иҷро карда шуда, муқоиса кардани пешниҳодҳоро номумкин менамоянд;
   d) супорише, ки метавонад аз нуқтаи назари фаъолияти оянда оқибати муҳим дошта бошанд ва ё мақсадҳое, ки барои ба даст овардани мушовирони соҳибихтисос заруранд.

245. Ҳангоми интихоби арзиши на он қадар баланд барои гуфтушунид мушовире даъват карда мешавад, ки:
   a) балли ҳадди ақалро барои пешниҳоди техникӣ ва нархи пастаринро барои пешниҳоди молиявӣ ба даст овардааст;
   b) нархи пастаринро барои пешниҳоди молиявӣ пешниҳод кардааст;
   c) балли аз ҳадди ақал баландро барои пешниҳоди техникӣ ва нархи баландро барои пешниҳоди молиявӣ пешниҳод кардааст;
   d) балли аз ҳама баландро барои пешниҳоди техникӣ гирифтааст.

246. Омилҳое, ки комиссияи тендерӣ ҳангоми муайян намудани дархостҳо бо арзишҳои ҳадди ақал ба назар мегиранд, чунинанд (зиёдатиашро ихтисор кунед):
   a) мӯҳлати бурда расонидани мол, анҷоми кор ё пешниҳоди хизматрасонӣ;
   b) шартҳои пардохт;
   c) суръати пешниҳоди дархост;
   d) шартҳои кафолат ба мол, кор ё хизматрасонӣ.

247. Ҳангоми иҷро кардани харид бо усули соддакардашуда меъёрҳои асосии интихоби молрасон (пудратчӣ), мебошанд:
   a) сифати маҳсулот;
   b) аз ҳама нархи пастарин барои предмети харид;
   c) шартҳои муфид барои иҷрои қарордод;
   d) ҳаҷми на он қадар калони таъмини қарордод.

248. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ бо усули интихоби пешниҳодҳо аз рӯи сифат ва арзиш ташкилоти харидор пешниҳоди техникии мушовиронро аз рӯи меъёрҳои зерин арзёбӣ менамояд:
   a) таҷрибаи мушовир;
   b) таҷрибаи мушовир, ки барои иҷрои супориш зарур аст, тахассуси ҳайати пешниҳодшаванда, таҳвили дониш;

c) обрӯй, нуфӯз;
d) пешниҳоди молиявӣ.

249. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ бо усули интихоби пешниҳодҳо аз рӯи сифат ва арзиши расмиёт тибқи қоидаҳои зерин иҷро карда мешаванд (зиёдатиашро ихтисор кунед):
a) аз рӯи натиҷаҳои арзёбии сифат ташкилоти харидор пешниҳоди молиявии нокушодаи мушовиронеро, ки пешниҳодашон балли ҳадди ақалли қобили қабулро нагирифтааст ё ба талаботи тахассусӣ, инчунин ба талаботи асосии супоришҳои техникии дар даъватнома ҷиҳати ирсоли пешниҳод зикрёфта ҷавобгӯ намебошад, бармегардонад;
b) ташкилоти харидор ба мушовироне, ки пешниҳоди онҳо балли ҳадди ақалли қобили қабулро гирифтааст, огоҳинома фиристода, мӯҳлати (сана ва вақти) барои кушодани пешниҳоди молиявӣ муайянгардидаро, ки бояд аз рӯзи фиристодани огоҳинома на камтар аз як ҳафтаро ташкил диҳад, зикр менамояд;
c) пешниҳоди молиявӣ дар мӯҳлат ва маҳалли муайяни дар огоҳиномаи ташкилоти харидор дарҷгаридида, дар ҳузӯри намояндагони мушовироне, ки дар расмиёти кушодани дархостҳо иштирок кардан мехоҳанд ба таври ошкоро кушода мешаванд;
d) Ташкилоти харидор тафтиши пешниҳоди молиявиро вобаста ба мукаммалӣ ва ҷой надоштани ғалати арифметикӣ анҷом медиҳад, инчунин бо мақсади муқоисаи пешниҳодод арзиши онҳо ба асъори ягона, ки дар даъватнома ҷиҳати ирсоли пешниҳод зикр гардидааст, гузаронида мешавад.

250. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ бо усули интихоби пешниҳодҳо аз рӯи сифат ва арзиш дар рафти гуфтушунид доир ба натиҷаи арзиш метавонад, баррасӣ шаванд:
a) супоришҳои техникӣ; захираҳои моддӣ-техникӣ, ки аз ҷониби ташкилоти харидор пешниҳод шудаанд; шартҳои махсуси қарордод;
b) пешниҳоди арзише, ки хароҷотро мепушонад;
c) захираҳои моддӣ-техникӣ, ки аз ҷониби ташкилоти харидор пешниҳод шудаанд;
d) шартҳои махсуси қарордод.

251. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ бо усули интихоби пешниҳодҳо дар шароити буҷети муқарраргардида бо қоидаҳои зерин иҷро карда мешавад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
a) ҳангоми интихоб дар шароити буҷети муқаррааргардида дар даъватнома барои пешниҳод буҷети супориш дарҷ карда мешавад ва ба мушовирон пешниҳод карда мешавад, ки дар лифофаҳои алоҳида пешниҳоди техникӣ ва молиявии худро дар доираи буҷет пешниҳод намоянд. Супориши техникӣ бояд

мулоҳизакорона бошад ва кофӣ будани буҷетро барои иҷрои супоришҳо кафолат диҳад;

b) ҳангоми интихоб дар шароити буҷети муқарраргардида арзёбии ҳамаи пешниҳодоти техникӣ бо методикаи «арзёбии сифат» анҷом дода мешавад. Сипас пешниҳоди молиявӣ кушода мешавад ва доир ба маблағи нишондодашуда рейтинг таҳия карда мешавад;

c) ҳангоми интихоб дар шароити буҷети муқарраргардида арзёбии ҳамаи пешниҳодоти техникӣ бо методикаи «арзёбии сифат» анҷом дода мешавад. Сипас пешниҳоди молиявӣ кушода мешавад ва аз он маблағе, ки аз нишондод баланд аст, рад карда мешавад;

d) ҳангоми интихоб дар шароити буҷети муқарраргардида барои гузаронидани гуфтушунид оид ба бастани шартнома ҳамон мушовир даъват карда мешавад, ки пешниҳоди техникии ӯ балли аз ҳама баланд гирифта бошад.

252. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ бо усули интихоби пешниҳод дар асоси тахассус қоидаҳои зерин истифода мешаванд (зиёдатиашро ихтисор кунед):

a) усули интихоб дар асоси тахассуси мушовирон барои супоришҳои на он қадар калон истифода мешавад, ки барои он зарурати тайёрӣ ва арзёбии пешниҳоди озмунӣ эътибор надоранд;

b) ҳангоми интихоб дар асоси тахассуси мушовирон ташкилоти харидор супориши техникӣ тайёр мекунад, изҳори манфиатдорӣ ва маълумотро дар бораи таҷрибаи кории мушовир ва тахассуси ӯ, ки барои иҷрои супоришҳо муҳиманд, талаб менамояд. Сипас расмиёти интихоб тибқи рӯйхати мухтасар, ки аз он ташкилоти дорои тахассуси нисбатан мувофиқ ва тавсияҳои беҳтарин интихоб карда мешавад, баргузор мегардад;

c) ҳангоми интихоб дар асоси тахассуси мушовирон оид ба натиҷаи расмиёти интихоб тибқи рӯйхати мухтасар ба ташкилоти интихобгардида тавсия дода мешавад, ки пешниҳоди техникию молиявиро ирсол намояд ва баъдан ба гуфтушинидҳо аз рӯи қарордод шурӯъ намояд;

d) ҳангоми интихоб дар асоси тахассуси мушовирон ба гуфтушунид оид ба шартномаи мушовире, ки тибқи пешниҳоди техникӣ балли аз ҳадди ақалли бештарро гирифта, оид ба пешниҳоди молиявӣ нархи камтар гузоштааст, даъват карда мешавад.

253. Бо мақсади арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳои тендерӣ, агар нархи дархостҳои тендерӣ дар ду ё як чанд воҳиди пулӣ инъикос ёфта бошад, арзиши ҳамаи дархостҳои тендерӣ танҳо бо як воҳиди пулӣ вобаста ба қурби он ҳисоб карда мешавад:

a) муқаррар намудаи бонки миллӣ дар рӯзи кушодани дархостҳои тендерӣ;
b) муқаррар намудани мақомоти ваколатдор барои марҳилаи муайян;
c) дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ таъкид шуда;
d) нархро ба ҳисоб намегиранд, чунин дархост рад карда мешавад.

254. Комиссияи тендерӣ метавонад дархостҳои тендериро ҳамчун ҷавобгӯ ба талаботи ҳуҷҷатҳои тендерӣ эътироф намояд:
a) агар дар вай хатогии на он қадар калоне, ки онро ба тарзи куллӣ тағйир дода натавонад ҳам, ба назар мерасад;
b) агар ин хатогӣ ба қафомонии куллӣ аз тавсиф, шарт ва талаботҳои гуногун, ки дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ ифода ёфтааст оварда нарасонад;
c) агар дар вай хатогӣ ё камбудие бошад, ки онро бе дахолат ба мазмуни дархости тендерӣ ислоҳ карда шавад, мавҷуд бошад;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

255. Комиссияи тендерӣ дархости тендериро баррасӣ ва рад менамояд, агар:
a) довталаб кафолатномаи дархости тендериро тибқи шакли намунавӣ, ҳаҷм ва шартҳои пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешниҳод накарда бошад;
b) ҳамин дархости тендерӣ моҳиятан ҷавобгӯи талаботи ҳуҷҷатҳои тендерӣ набошад;
c) довталаб ба ислоҳи ғалати арифметикӣ дар дархости тендерӣ розӣ набошад;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

256. Ҳангоми муайян намудани арзёбии нархи пастарин комиссияи тендерӣ бояд ба назар гиранд:
a) шарти кафолат ба мол, кор ё хизматрасонӣ;
b) мӯҳлати дастрасии мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ;
c) хароҷот барои истифодабарӣ, хизмати техникӣ ва таъмир вобаста ба мол (корҳо);
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

257. Ғолиби тендер хабар дода мешавад:
a) танҳо ба воситаи мактуб;
b) ба воситаи телефон;
c) танҳо ба воситаи интишори эълон оид ба интихоби истеҳсолот;
d) мактуб ва интишори эълон оид ба додани мақоми ғолиб.

258. Арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳои тендерӣ аз тарафи комиссияи тендерӣ иҷро мегардад. Онҳо ҳуқуқ доранд, барои расмиёти мазкур коршинос ё шахсони дигареро, ки зарур мешуморанд, даъват намоянд, то ин ки иҷроиши арзёби бо риояи қоидаҳои муқарраргардида дар:
a) дастурамал;
b) қоидаҳо;

c) талаботҳо;
d) ҳеҷ гуна қоидҳои махсус муқаррар нашудааст.

259. Доир ба натиҷаи арзёбии дархостҳои тендерӣ таҳия мегардад:
   a) протоколи ҷаласаи комиссияи тендерӣ доир ба арзёбии дархостҳо ва интихоби ғолиби тендер;
   b) ҳисоботи ҷаласаи комиссияи тендерӣ доир ба арзёбии дархостҳо ва интихоби ғолиби тендер;
   c) баромади ҷаласаи комиссияи тендерӣ доир ба арзёбии дархостҳо ва интихоби ғолиби тендер;
   d) ҳеҷ гуна ҳуҷҷат таҳия намегардад, ин маълумоти махфӣ мебошад.
260. Оид ба натиҷаи санҷиши ҳар як дархост дар протокол қайд карда мешавад:
   a) мавҷудияти ҳуҷҷатҳо мутобиқ ба шартҳои ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
   b) мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳо мутобиқ ба шартҳои ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
   c) мавҷуд будан ё набудани ҳуҷҷатҳо мутобиқ ба шартҳои ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
   d) ҳангоми санҷиши дархостҳо протокол таҳия намегардад.
261. Барои коркарди асоснокии андеша оид ба мутобиқати дархости тендерӣ тибқи муқаррароти мавҷуда, комиссияи тендерӣ метавонад, гузаронад:
   a) озмоиш;
   b) экспертизаи (ташхиси) дархост;
   c) сӯҳбат бо молрасонҳо (пудратиён);
   d) машварат бо ташкилоти харидор.
262. Комиссияи тендерӣ дархости иштирокчии тендериро ҳамон вақт рад мекунад, ки агар (зиёдатиашро ихтисор кунед):
   a) нархи дархости тендерӣ ташкилоти харидорро қаноатманд нагардонад;
   b) иштирокчии тендер, ки дархост пешниҳод кардааст, аз тавзеҳи пешниҳоди худ саркашӣ мекунад;
   c) довталаб ба ислоҳи ғалати арифметикӣ дар дархости тендерӣ розӣ набошад;
   d) довталаб кафолатномаи дархости тендериро тибқи шакли намунавӣ пешниҳод накарда бошад.
263. Ҳамон иштирокчӣ ғолиб меояд, ки агар дархости худро пешниҳод карда бошад, бо:
   a) нархи пастарин;
   b) шартҳои беҳтарини молрасонӣ;
   c) шартҳои беҳтарини иҷрои кор, хизматрасонӣ тибқи меъёрҳои арзёбӣ;
   d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
264. Ташкилкунандаи тендер баъд аз муайян кардани ғолиби тендер ба воситаи мактуб оид ба ғолиб омадани ӯ хабар мерасонад:
   a) дар мӯҳлати се рӯз;

b) дар мӯҳлати панҷ рӯз;
c) дар мӯҳлати чор рӯз;
d) дар ҳафт рӯз.

265. Ташкилкунандаи тендер ба ҳамаи иштирокчиёни озмун аз натиҷаи тендер хабар мерасонад, дар муддати:
a) 4 рӯз аз рӯзи муайян кардани ғолиби тендер;
b) 6 рӯз аз рӯзи муайян кардани ғолиби тендер;
c) 2 рӯз аз рӯзи муайян кардани ғолиби тендер;
d) 3 рӯз аз рӯзи муайян кардани ғолиби тендер.

266. Усули интихоб аз рӯи арзиш ва сифат мебошад, ки аз марҳилаҳои зерин иборат аст:
a) арзёбии пешниҳоди техникӣ;
b) арзёбии пешниҳодҳои молиявӣ;
c) арзёбии ниҳоии сифат ва арзиш;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

267. Ҳангоми арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳои тендерӣ комиссияи тендерӣ оид ба пешниҳоди дархостҳо чунин меъёрҳои арзёбиро истифода мебарад:
a) таҷрибаи умумии кор (мӯҳлати мавҷудияти ташкилот, шумора ва ҳаҷми қарордодҳои иҷрокардашуда);
b) мавҷуд будани мутахассисони соҳибихтисос ҷиҳати хариди предмети қарордод;
c) нуфӯз ва обрӯю эътибор;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

268. Ҳангоми муайян намудани дархост бо арзиши камтарин комиссияи тендерӣ омилҳои зеринро ба назар мегирад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
a) мӯҳлати дастрасии мол, анҷоми кор ё хизматрасонӣ;
b) далели оё молрасон дар маҳалли мазкур ба қайд гирифта шудааст ва андозро сари вақт пардохт кардааст;
c) шарти пардохти маблағ;
d) шарти кафолат ба мол, кор ё хизматрасонӣ.

269. Даъватнома барои пешниҳод намудан, мазмуни зерин дорад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
a) мактуб-даъватнома, ки нияти ташкилоти харидорро барои бастани қарарордод муайян карда, барои пешниҳоди хизмати машваратӣ, сарчашмаи маблағгузорӣ, маълумоти аниқ доир ба ташкилоти харидор, ҳамчунин сана, вақт ва суроғаи он барои пешниҳод, истифода мешавад;
b) супоришҳои техникӣ;
c) матни қарордоди эҳтимолӣ;
d) ном ва вазифаҳои кормандони ташкилоти харидори ваколатдор, ки бо молрасон (пудратчиён) вобаста ба гузаронидани расмиёти пеш аз тахассусӣ ва шаклҳои тамос бо онҳо ёри мерасонад.

270. Андешаи дурустро интихоб намоед:

a) ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад дар лаҳзаҳои дохил намудани тавзеҳҳо ё тағйирот дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ мӯҳлати пешниҳоди дархости иштирок дар тендерро ба 10 рӯз аз рӯзи ба молрасон (пудратчиён) дастрас намудани тавзеҳ ё тағйирот, тамдид намояд;
b) ташкилоти харидор ҳуқуқ надорад дар лаҳзаҳои дохил намудани тавзеҳҳо ё тағйирот дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ мӯҳлати пешниҳоди дархости иштирок дар тендерро тамдид намояд;
c) ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад дар лаҳзаҳои дохил намудани тавзеҳҳо ё тағйирот дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ мӯҳлати пешниҳоди дархости иштирок дар тендерро ба 30 рӯз аз рӯзи ба молрасон (пудратчиён) дастрас намудани тавзеҳ ё тағйирот, тамдид намояд;
d) ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад дар лаҳзаҳои дохил намудани тавзеҳҳо ё тағйирот дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ мӯҳлати пешниҳоди дархости иштирок дар тендерро ба 15 рӯз аз рӯзи ба молрасон (пудратчиён) дастрас намудани тавзеҳ ё тағйирот, тамдид намояд;

271. Маълумоти зерин дар даъватнома барои иштирокчиёни озмун тааллуқ дорад:
a) Арзиши ибтидоии маҳсулоти харид;
b) Маълумоти тахассусии молрасон (пудратчиён), ки бояд мутобиқат намояд;
c) Ном ва суроғаи молрасон (пудратчӣ);
d) Ном ва насаби ҳайати комиссияи тендерӣ.

272. Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад дар даъватнома ба иштирокчиёни озмун маълумоти иловагиро доир ба озмуни дар пешистода, дохил намояд, дар доираи:
a) Қонуни мазкур;
b) муқаррароти роҳбари ташкилоти харидор;
c) муқаррароти мақомоти ваколатдор;
d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

273. Шакли намунавии даъватнома барои иштирок дар озмун:
a) аз ҷониби роҳбари ташкилоти харидор тасдиқ карда мешавад;
b) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқкарда мешавад;
c) аз ҷониби мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ тасдиқ карда мешавад;
d) аз тарафи ҳеҷ кас тасдиқ карда намешавад.

274. Ташкилоти харидор лифофаи пурраи ҳуҷҷатҳои тендериро пешниҳод менамояд, ба:
a) молрасонҳо (пудратчиён), ки худ (ташкилот) интихоб мекунад;
b) се нафари аввали молрасонҳо (пудратчиён)-е, ки хоҳиши дар озмун иштирок карданро доранд;
c) молрасонҳо (пудратчиён)-е, ки хоҳиши дар озмун иштирок карданро доранд;

d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

275. Ба молрасон (пудратчиён)-е, ки хоҳиши иштирок кардан дар озмунро доранд, ташкилоти харидор:
   a) тавсиа медиҳад, ки чи гуна иштирок дар озмун беҳтар аст;
   b) лифофаи пурраи ҳуҷҷатҳои тендериро дастрас мекунад;
   c) барои бастани қарордод талаботи худро пешниҳод мекунад;
   d) барои тайёр намудани дархостҳои тендерӣ ёрӣ мерасонад.

276. Ташкилоти харидор лифофаи пурраи ҳуҷҷатҳои тендериро аз рӯзи гирифтани дархости дахлдор дар ин мӯҳлат дастрас мекунад:
   a) як рӯз;
   b) ду рӯз;
   c) се рӯз;
   d) як ҳафта.

277. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ ба молрасонҳо якҷоя бо даъватнома барои иштирок дар озмун дода мешавад, ҳангоми гузаронидан бо усули:
   a) дархости нархномаҳо;
   b) харид аз тариқи иштироки номаҳдуд бо маҳдуд намудани муҳлат;
   c) усули электронӣ;
   d) озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд.

278. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ ба ҳар як молрасон (пудратчӣ)-е, ки марҳилаи якумро гузаштааст пешниҳод мегарданд, дар лаҳзаи гузаронидани:
   a) озмун бо иштироки маҳдуд;
   b) озмуни думарҳилавӣ;
   c) хариди электронӣ;
   d) озмун бо иштироки номаҳдуд.

279. Барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тендерӣ ташкилоти харидор:
   a) наметавонад маблағ ситонад;
   b) наметавонад маблағ ситонад, ба ғайр аз лаҳзаҳое, ки бо мақомоти ваколатдор мувофиқа кардааст;
   c) метавонад маблағ ситонад;
   d) наметавонад маблағ ситонад, вале метавонад хайрия қабул намояд.

280. Маблағе, ки ташкилоти харидор барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тендерӣ меситонад:
   a) метавонад танҳо бо мувофиқаи мақомоти ваколатдор ситонад;
   b) метавонад дар ҳаҷми маблағе, ки барои ҷуброни хароҷоти таҳияи он, ирсол ва нашри эълон дар воситаи ахбори омма заруранд ситонад ва ин маблағ баргардонида намешавад;
   c) наметавонад ситонад;
   d) метавонад ситонад, ҳаҷми маблағ маҳдуд нест.

281. Ба номгӯи маълумоти камтарин, ки бояд ҳуҷҷатҳои тендерӣ аз он иборат бошад, дохил мешавад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
   a) мӯҳлати матлуб ё зарурии иҷрои қарордод;
   b) муқаррароте, ки ташкилоти харидор муҳим донистааст ва он ба қарордоди хаттӣ ворид карда мешавад;

c) мӯҳлат, маҳал ва шакли дастрас намудани ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
d) забоне, ки бо он дархостҳои тендерӣ таҳия карда мешаванд.

282. Ҳангоми хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ (на машваратӣ) ташкилоти харидор бояд дошта бошад:
a) ҳуҷҷатҳо бо навиштаҷоти предмети харид;
b) ҳарҷнома;
c) ведомости ҳаҷми кор;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

283. Шакли намунавии ҳуҷҷатҳои тендерӣ муайян карда мешавад, аз тарафи:
a) роҳбари ташкилоти харидор;
b) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
c) мақомоти ваколатдор;
d) аз ҷониби ҳеҷ кас муайян карда намешавад.

284. Маълумоти иловагӣ, ки ба маълумоти камтарини ҳуҷҷатҳои тендерӣ дохил аст муайян карда мешавад, аз тарафи:
a) роҳбари ташкилоти харидор;
b) мақомоти ваколатдор;
c) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
d) аз ҷониби ҳеҷ кас муайян карда намешавад.

285. Молрасон (пудратчӣ) ҳуқуқ дорад аз ташкилоти харидор ҳар гуна тавзеҳи масъалаҳоеро, ки вобаста ба истифодаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ба амал меоянд, талаб кунад:
a) то анҷомёбии мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ;
b) дар давоми 7 рӯз аз лаҳзаи пешниҳоди дархости тендерӣ;
c) дар давоми 7 рӯз аз лаҳзаи интишори ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
d) ҳуқуқ надорад барои тавзеҳ дархост пешниҳод намояд.

286. Ташкилоти харидор вазифадор аст, ки баъди гирифтани дархост оид ба тағйироти ҳуҷҷатҳои тендерӣ, тавзеҳоти хаттӣ диҳад, дар мӯҳлати:
a) на дертар аз се рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани дархост;
b) то анҷоми мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ;
c) на дертар аз се рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани дархост, вале то анҷоми мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ;
d) барои додани тавзеҳот вазифадор нест.

287. Ташкилоти харидор метавонад дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ бо роҳи интишороти иловаҳо ба вай, тағйирот ворид намояд:
a) на дертар се рӯзи корӣ то анҷомёбии мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ;
b) на дертар панҷ рӯзи корӣ то анҷомёбии мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ;
c) то анҷомёбии мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ;
d) наметавонад тағйирот дохил намояд.

288. Ташкилоти харидор метавонад ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ тағйирот дохил намояд, тибқи интишороти иловаҳо ба он:
a) танҳо бо ташаббуси худ;

b) танҳо бо дархости молрасонҳо (пудратчиён), оид ба тавзеҳот;
c) бо ташаббуси худ ё ин ки бо дархост оид ба тавзеҳот;
d) бо розигии мақомоти ваколатдор.

289. Иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ ба иттилои молрасонҳо (пудратчиён), ки ҳуҷҷатҳои тендерӣ гирифтаанд, расонида мешавад:
a) на дертар аз се рӯзи корӣ то анҷомёбии мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ;
b) фавран;
c) то анҷомёбии мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ;
d) на дертар аз панҷ рӯзи корӣ то анҷомёбии мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ.

290. Иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ ба иттилои молрасонҳо (пудратчиён), ки ҳуҷҷатҳои тендерӣ гирифтаанд, расонида мешавад, ва:
a) барои онҳо эътибори ҳатмӣ дорад;
b) барои онҳо эътибори ҳатмӣ надорад;
c) бо хоҳиши худ иҷро мекунанд;
d) ҳамаи саволҳо нодурустанд.

291. Агар ташкилоти харидор бо молрасонҳо (пудратчиён) вобаста бо дохил шудани дархост оид ба тавзеҳоти ҳуҷҷатҳои тендерӣ вохӯрӣ гузаронад, пас:
a) Эъломия (баёния) тартиб дода мешавад, ки савол ва ҷавобҳоро бе зикри манбаи ирсолнамудаи дархост дар бар мегирад;
b) бюллетен тартиб дода мешавад, ки савол ва ҷавобҳоро бе зикри манбаи ирсолнамудаи дархост дар бар мегирад;
c) санад тартиб дода мешавад, ки савол ва ҷавобҳоро бе зикри манбаи ирсолнамудаи дархост дар бар мегирад
d) протокол тартиб дода мешавад, ки савол ва ҷавобҳоро бе зикри манбаи ирсолнамудаи дархост дар бар мегирад.

292. Ҳуҷҷате, ки ташкилоти харидор баъд аз вохӯрӣ бо молрасон (пудратчӣ) вобаста бо дохил шудани дархост оид ба тавзеҳоти ҳуҷҷатҳои тендерӣ тайёр менамояд, ба ҳамаи молрасон (пудратчиён) пешниҳод карда мешавад:
a) на дертар аз се рӯзи корӣ то анҷомёбии мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ;
b) то анҷомёбии мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ;
c) на дертар аз панҷ рӯзи корӣ то анҷомёбии мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ;
d) фавран.

293. Дархости тендерӣ дар шакли хаттӣ таҳия гардида, дар лифофаи мӯҳргузошта мутобиқи қоидаҳои:
a) муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдор;
b) муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
c) мукарарнамудаи роҳбари ташкилоти харидор;
d) муқарраროти тартиботи дохилии ташкилоти молрасонҳо (пудратчиён).

294. Агар ташкилоти харидор дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ ягон тавзеҳот ё илова дохил намояд, метавонад мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендериро то _________ аз рӯзи пешниҳоди тавзеҳот ё иловаҳо ба молрасанҳо (пудратчиён) дароз намояд:
   a) даҳ рӯз;
   b) понздаҳ рӯз;
   c) понздаҳ рӯзи корӣ;
   d) даҳ рӯзи корӣ.
295. Огоҳинома оид ба дароз кардани мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ ба ҳамаи молрасон (пудратчиён)-е, ки ҳуҷҷатҳои тендериро гирифтаанд, расонида мешавад:
   a) дар муддати 3 рӯзи корӣ;
   b) дар муддати 5 рӯзи корӣ;
   c) на баъдтар аз се рӯзи корӣ то анҷоми мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
   d) фавран.
296. Мӯҳлати охирини пешниҳоди дархостҳои ибтидоии тендерӣ на бояд камтар аз__________________ аз рӯзи интишори даъватнома барои иштирок дар расмиёти озмуни думарҳилавӣ бошад:
   a) панҷ рӯзи корӣ;
   b) ду ҳафта;
   c) се ҳафта;
   d) як моҳ.
297. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ таҳия мегарданд, аз тарафи:
   a) воҳиди харид оид ба хариди давлатии мол;
   b) роҳбари ташкилоти харидор
   c) мақомоти ваколатдор;
   d) молрасон (пудратчӣ).
298. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ тасдиқ мешаванд, аз тарафи:
   a) роҳбари ташкилот;
   b) шахси ваколатдор ба он;
   c) мақомоти ваколатдор;
   d) роҳбари он ё шахси ваколатор ба он.
299. Ибтидои дастрас намудани ҳуҷҷатҳои тендерӣ бояд оғоз гардад, на камтар аз:
   a) 15 рӯз то анҷоми мӯҳлати қабули дархости тендерӣ;
   b) 20 рӯз то анҷоми мӯҳлати қабули дархости тендерӣ;
   c) 25 рӯз то анҷоми мӯҳлати қабули дархости тендерӣ;
   d) 30 рӯз то мӯҳлати ниҳоии қабули дархостҳои тендерӣ.
300. Ҳангоми дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ дохил кардани тағйирот, ки тавсифи муҳим дорад, ҳамчунин тамдиди мӯҳлати қабули ниҳоии дархостҳои тендерӣ дар мӯҳлати зиёдтар аз _____ рӯз ё тамдиди дуюмбора ташкилоти харидор огоҳинома интишор менамояд, ҳамон тавре, ки оид ба гузаронидани озмун эълон интишор карда буд:
   a) 3 рӯз;
   b) 5 рӯз;

c) 7 рӯз;
d) 14 рӯз.

301. Таъмини иҷроиши кафолати қарордод тибқи қоидаҳои зерин иҷро карда мешавад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
   a) ташкилоти харидор метавонад аз молрасон (пудратчиён) таъмини кафолати қарордодро талаб намояд;
   b) таъминоти кафолати дархости тендерӣ метавонад дар шакли депозит, кафолати бонкӣ, қоғазҳои қимматнок, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон бароварда мешавад ё таъмин карда мешавад дар шакли саҳмия, ки барои муомилот истифода мешавад, сертификатҳои депозитӣ, векселҳо, таъмини кафолат ва ё гарав, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қонунгузорӣ пешниҳод карда мешавад;
   c) ҳаҷми таъмини кафолати иҷрои қарордод оид ба харид наметавонад аз понздаҳ фоизи арзиши аслии қарордод зиёдтар бошад;
   d) ҳаҷми таъмини кафолати иҷрои қарордод оид ба харид наметавонад аз даҳ фоизи арзиши аслии қарордод зиёдтар бошад.

302. Талаботҳои тахассусӣ дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ ё пешазтахассусӣ ҷойгир карда мешаванд ва истифода мешаванд:
   a) барои ҳар як дуюмин молрасон (пудратчӣ);
   b) баробар ба ҳамаи молрасон (пудратчиён);
   c) баробар ба ҳама молрасон (пудратчиён)-е, ки роҳбари ташкилоти харидор интихоб кардааст;
   d) барои намояндагони соҳибкории хурд.

303. Иштирокчиёни расмиёти харид бояд дар шакли зерин дархостҳои тендериро таҳия намоянд:
   a) бо муқаррароти мақомоти ваколатдор;
   b) бо муқаррароти роҳбари ташкилоти харидор;
   c) бо нишондод дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
   d) бо муқаррароти кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон.

304. Дар супоришҳои техникӣ таъкид карда мешавад: (зиёдатиашро ихтисор кунед)
   a) номгӯи тадқиқотҳои дахлдоре, ки дар айни замон гузаронида шудааст;
   b) ҳаҷми супориш;
   c) қоидаҳои пешниҳоди шикоят;
   d) мӯҳлат барои супоридани ҳисоботҳо.

305. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ оид ба иштирок дар озмун, бояд мазмуни зеринро дар бар гирад:
   a) тавсифи дақиқи маҳал, сана ва вақти кушодани дархостҳои тендерӣ;
   b) огоҳинома оид ба ҳуқуқи молрасонҳо (пудратчиён) ҷиҳати шикоят нисбати амал ё қарори ғайриқонунии комиссияи

тендерии ташкилоти харидор дар ҷараёни анҷом додани расмиёти харид;
   c) талабот нисбат ба шакл, маблағ ва дигар шартҳои асосии кафолати дархости тендерӣ ва иҷрои қарордод ва инчунин мӯҳлати эътибори чунин кафолатҳо;
   d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

306. Феҳристе, ки ҳуҷҷатҳои тендериро ташкил мекунад, бояд ҳадди ақал дорои маълумоти зерин бошад:
   a) ном ва суроғаи ташкилоти харидор;
   b) дастурамал барои тайёр намудани дархости тендерӣ, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор тасдиқ гардидааст;
   c) талаботи далелҳои ҳуҷҷатӣ ё дигар маълумоте, ки молрасонҳо (пудратчиён) бояд барои тасдиқи маълумоти тахассусии худ пешниҳод менамоянд;
   d) ҷавобҳои b, c дурустанд.

307. Ҳуҷҷатҳои стандартии тендерӣ оид ба хариди мол, кор ва хизматрасонӣ ҷиҳати интихоби молрасон (пудратчӣ) тасдиқ мекунад:
   a) амри Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
   b) мақомоти ваколатдор;
   c) роҳбари ташкилоти харидор;
   d) ҳуҷҷатҳои стандартии тендерӣ мавҷуд нест.

308. Хароҷот, вобаста бо тайёрӣ ва пешниҳоди дархости тендериро ба ӯҳда дорад:
   a) мақомоти ваколатдор;
   b) роҳбари ташкилоти харидор;
   c) иштирокчиёни тендер;
   d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

309. Оё шартҳои асосии ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва дархости тендерӣ дар гуфтушуниди қаблии қарордодӣ, тағйир ёфта метавонанд?
   a) метавонад;
   b) метавонад бо иҷозати мақомоти ваколатдор;
   c) наметавонад;
   d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

310. Ташкилкунандагони тендер метавонанд ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ аз тариқи иловаҳо тағйирот дохил намоянд. Иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ фавран ба иттилои довталабон, ки ҳуҷҷатҳои тендериро гирифтаанд, расонида мешаванд ва барои онҳо эътибори ҳатмӣ дорад:
   a) 10 рӯз то анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ;
   b) 5 рӯз то анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ;
   c) 3 рӯз то анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ;
   d) то анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ.

311. Ҳамаи довталабони ба қайд гирифташудаи дар тендер иштироккунанда, оид ба тағйирот дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ аз тарафи ташкилкунандагони тавзеҳот огоҳ карда мешаванд:
    a) бо мактуб;
    b) бо телеграмма;
    c) мактуб ё телеграмма;
    d) бо телефон.
312. Барои огоҳ накардани иштирокчиён оид ба тағйироти ҳуҷҷатҳои тендерӣ, агар чунин иштирокчӣ ҳуҷҷатҳои тендериро ғайриқонунӣ ба даст оварда бошад, ташкилкунандагони тендер:
    a) ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд;
    b) ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд;
    c) мумкин аст ба ҷавобгарӣ кашида шаванд;
    d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
313. Бо забони дигар тайёр намудани дархостҳои тендерӣ ба таври қатъӣ вайрон кардани шарти тендер мебошад ва:
    a) аз меъёри дархости тендерӣ дур мебарад;
    b) аз меъёри дархости тендерӣ дур намебарад;
    c) на он қадар ҷавобгарӣ дорад;
    d) ба аз кор озод кардани аъзоёни комиссияи тендерӣ бурда мерасонад.
314. Кӣ ҳуқуқ дорад озмунро бекор намояд?
    a) ҳеҷ кас, озмуни эълоншударо мавқуф гузоштан мумкин нест;
    b) комиссияи тендерӣ;
    c) ташкилоти харидор;
    d) ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор.
315. Мӯҳлати амали дархост барои иштирок дар тендер набояд камтар аз:
    a) 20 рӯзи тақвимӣ то ба итмомрасии мӯҳлати пешниҳоди дархост, бошад;
    b) 45 рӯзи тақвимӣ то ба итмомрасии мӯҳлати пешниҳоди дархост, бошад;
    c) 15 рӯзи тақвимӣ то ба итмомрасии мӯҳлати пешниҳоди дархост, бошад;
    d) 10 рӯзи тақвимӣ то ба итмомрасии мӯҳлати пешниҳоди дархост, бошад.
316. Комиссияи тендерӣ ___________ аз иштирокчиёни тендер тавзеҳи шартҳои дархости пешниҳодшударо талаб намояд:
    a) ҳуқуқ надорад;
    b) ҳуқуқ дорад;
    c) ҳуқуқ дорад баъд аз барҳам додани мақомоти ваколатдор;
    d) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
317. Дархости тендерӣ бояд имзо ва ба расмият дароварда шуда, бошад аз ҷониби:
    a) роҳбари ташкилоти иштирокчии тендер;

b) роҳбари ташкилоти иштирокчии тендер ё шахси ваколатдори он;
c) шахси ваколатдори он;
d) роҳбар ва сармуҳосиб.

318. Иштирокчии тендер ҳангоми ҳисоб кардани асоснокунии арзиши дархост метавонад аз усулҳои гуногун истифода барад, аз ҷумла:
a) захиравӣ;
b) сарфкунӣ;
c) даромаднокӣ;
d) харҷкунӣ.

319. Ҳаҷми баландтарини муқаррарнамудаи қонун барои таъмини иҷроиши қарордод оид ба харид иборат аст:
a) даҳ фоизи арзиши асосии қарордод;
b) понздаҳ фоизи арзиши асосии қарордод;
c) ҳафт фоизи арзиши асосии қарордод;
d) дувоздаҳ фоизи арзиши асосии қарордод.

320. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ барои хариди мол, кор ва хизматрасонӣ бо интихоби молрасон (пудратчӣ):
a) таснифот ва хусусиятҳои зарурии техникӣ ва сифати мол, кор ва хизматрасонӣ мавриди харид, аз ҷумла мушаххасоти техникӣ, нақшаҳо, ҷадвал ва ангораҳо, миқдори мол; хизматрасонии иловагӣ мутобиқи қарордод; маҳалле, ки дар он бояд кор ё хизматрасонӣ анҷом дода шавад;
b) мӯҳлати матлуб ё зарурии иҷрои қарордод;
c) таснифоти як қисм ё якчанд қисми молҳои мавриди харид, ки ба онҳо дархости тендерӣ пешниҳод мешавад, агар ба молрасонҳо (пудратчиён) иҷозат дода шуда бошад, ки танҳо ба як қисми мол, кор ё хизматрасонӣ мавриди харид дархости тендерӣ пешниҳод намоянд;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

321. Дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ барои хариди мол, кор ва хизматрасонии бо интихоби молрасон (пудратчӣ) таъкид мешавад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
a) предмети тендер;
b) маҳали гузаронидани тендер ва кӯшодани дархостҳои тендерӣ;
c) мӯҳлати ниҳоии пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тендерӣ барои иштирок;
d) ном ва суроғаи иштирокчиёни тендер.

322. Дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ барои хариди мол, кор ва хизматрасонӣ бо интихоби молрасон (пудратчӣ) таъкид мешавад:
a) ном ва насаби ҳайати комиссияи тендерӣ;
b) арзиши ниҳоии қарордод;
c) предмети тендер;
d) ҳаҷми тахфиф, ки иштирокчии тендер метавонад онро ба даст оварад.

323. Дар ҳуҷҷатҳои стандартии тендерӣ барои хариди мол, кор ва хизматрасонӣ бо интихоби молрасон (пудратчӣ) мӯҳлати гузаронидани тендер:
a) нишон дода нашудааст;
b) нишон дода шудааст;
c) бо иҷозати мақомоти ваколатдор нишон дода мешавад;
d) ин дар салоҳияти ташкилкунандагони харид мемонад.

324. Шартҳои асосии стандартии ҳуҷҷатҳои тендерӣ барои хариди мол, кор ва хизматрасонӣ бо интихоби молрасон (пудратчӣ) иборат аст аз:
a) ташкилкунандагон ҳуқуқ доранд, ҳар як дархости иштирок дар тендерро, ки ба талаботи ҳуҷҷатҳои тендерӣ, аз ҷумла талабот ба иштирокчии тендер ва молрасонӣ, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ, ҳамчунин таҳияи дархост ҷавобгӯ нест, рад намоянд;
b) ташкилкунандагон ҳуқуқ доранд, ҳангоми бастани қарордод бо ғолиб мазмуни дархости тендерӣ ва шартҳои қарордодро дақиқ намоянд. Бо вуҷуди ин шароитҳои муҳими ҳуҷҷатҳои мазкури тендерӣ ва дархостҳои тендерӣ дар гуфтушунидҳои қаблӣ оиди бастани қарордод тағйир намеёбанд;
c) ташкилкунандагон ҳуқуқ доранд, ҳар гуна дархостҳои тендериро рад намоянд ё дар ҳар лаҳза тендерро то ҷамъбастшавиаш боздорад (дар ин ҳолат тавзеҳоти рад кардани ҳамаи дархостҳо ё манъ кардани тендерро ташкилкунандагон ба ҳамаи иштирокчиёне, ки аз қайд гузаштаанд ирсол менамоянд);
d) ҷавобҳо дуруст нестанд.

325. Тибқи талабот, ки дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ оид ба хариди мол, кор ва хизматрасонӣ барои интихоби молрасон (пудратчӣ) қабул шудааст, иштирокчии тендер бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:
a) молрасон фаъолияти соҳибкориро оид ба истеҳсоли маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) ба амал мебарорад;
b) молрасон қобилияти иҷрои фаъолиятҳои зарурииро соҳиб бошад;
c) молрасон аз қайди ташкилоти харидор ҳангоми дастрас намудани шакли хаттии ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур гузаштааст;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

326. Тибқи талабот  ки дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ оид ба хариди мол, кор ва хизматрасонӣ барои интихоби молрасон (пудратчӣ) қабул шудааст, иштирокчии тендер бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:
a) ғайри қобили пардохт (муфлис) набошад;
b) фаъолияти тиҷоратии ӯ (иҷозатнома ва ғ.) манъ карда шуда бошад;
c) оид ба пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ қарздор бошад;

d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

327. Маҷмӯи ҳуҷҷатҳое, ки ҳатман дар дархостҳои тендерӣ дохил мешаванд, бояд иборат бошад аз:
   a) нусхаҳои ҳуҷҷатҳои таъсисии дар нотариус тасдиқшуда;
   b) нусхаи иҷозатнома барои иҷрои намудҳои фаъолияте, ки иҷозатнома талаб мекунад, агар барои иҷрои қарордод зарур бошад;
   c) далелҳо оид ба мавҷуд будани захираҳои моддӣ-техникӣ;
   d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
328. Тартиби баррасӣ, арзёбии ҳуҷҷатҳои тендерӣ таъкид шудааст дар:
   a) тавзеҳот оид ба гузаронидани тендер;
   b) дар даъватномаи иштирокчиёни тендер;
   c) дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
   d) дар ҳуҷҷати махсуси «Баррасӣ, арзёбии ҳуҷҷатҳои тендерӣ».
329. Агар ташкилоти харидор ба довталабон ва иштирокчиён тавзеҳот диҳад, ки ҳуҷҷатҳои тендерӣ тағйир меёбанд ё бо онҳо доир ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ муҳокима менамояд, ташкилоти харидор дар лаҳзаи зарурӣ бояд:
   a) мӯҳлати пешниҳоди дархостҳоро тамдид намояд;
   b) мӯҳлати пешниҳоди дархостҳоро маҳдуд намояд;
   c) ба иштирокчиён ёрӣ расонад, ки онҳо ба тендер дархост диҳанд;
   d) ҳеҷ кор бояд накунад.
330. Дархостҳои тендерии қабулкардаи ташкилоти харидор бо гузаштани мӯҳлати муайянгардида дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ:
   a) баррасӣ намегардад ва аз мӯҳлат гузашта ҳисобида мешавад;
   b) бо тартиби умумӣ баррасӣ мегардад;
   c) бо тартиби умумӣ баррасӣ мегардад, вале дар протокол дермонии вай қайд карда мешавад;
   d) бо тартиби умумӣ баррасӣ мегардад, вале аз дархости мазкур барои дермонӣ холҳои ҷаримавӣ меситонанд
331. Ҳаҷми таъмини кафолати дархостҳои тендериро дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ кӣ муайян мекунад?
   a) ташкилоти харидор;
   b) мақомоти ваколатдор;
   c) молрасон (пудратчӣ);
   d) Қонун оид ба хариди давлатӣ.
332. Дар як вақт бо пешниҳод намудани дархостҳои тендерӣ бо талаби ташкилоти харидор молрасонҳо таъмини кафолатро низ пешниҳод менамоянд:
   a) дар дархостҳои тендерӣ;
   b) ба роҳбари ташкилот:
   c) ба роҳбари ташкилоти харидор;
   d) ба Бонки миллии Тоҷикистон.
333. Санаи дақиқ ва мӯҳлати охирини пешниҳоди дархости тендериро дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муайян менамояд:

a) мақомоти ваколатдор;
b) Қонун оид ба хариди давлатӣ;
c) ташкилоти харидор;
d) молрасон - мустақилона.

334. Таъмини кафолати дархости тендерӣ набояд зиёд бошад аз:
   a) 3% арзиши мол, кор ва хизматрасонии дар дархости тендерӣ пешниҳоднамудаи молрасон (пудратчӣ);
   b) 33% арзиши мол, кор ва хизматрасонии дар дархости тендерӣ пешниҳоднамудаи молрасон (пудратчӣ);
   c) 13% арзиши мол, кор ва хизматрасонии дар дархости тендерӣ пешниҳоднамудаи молрасон (пудратчӣ);
   d) 5% арзиши мол, кор ва хизматрасонии дар дархости тендерӣ пешниҳоднамудаи молрасон (пудратчӣ).

335. Таъмини кафолати дархости тендерӣ метавонад пешниҳод гардад, дар шакли:
   a) вексел ва вомбарг;
   b) вомбарг;
   c) кафолати бонкӣ;
   d) векселҳо, вомбарг, кафолати бонкӣ.

336. Дар кадом ҳолатҳо ба молрасон таъмини кафолати дархости тендериро баргардонида мешавад:
   a) гузаштани мӯҳлати эътибори кафолатномаи дархости тендерӣ;
   b) бозхонди дархости тендерӣ то гузаштани мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ;
   c) аз ҷониби ташкилоти харидор қатъ намудани расмиёти харид то бастани қарордоди харид;
   d) ҳамаи ҷовобҳо дурустанд.

337. Дар кадом ҳолатҳо молрасон ҳуқуқии баргардонидани таъмини кафолати дархости тендериро аз даст медиҳад?
   a) рад кардани имзои қарордоди харид тибқи шартҳое, ки дар дархостҳои тендерӣ пешбинӣ шудааст;
   b) эътибор пайдо кардани қарордоди харид ва пешниҳоди кафолатномаи иҷрои қарордоди харид, агар чунин кафолат дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешбинӣ шуда бошад;
   c) ҳангоми бозхонди дархости тендерӣ то гузаштани мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ;
   d) ҷавобҳои а) ва с) дурустанд.

338. Оё гуфтушунид байни ташкилоти харидор ва молрасонҳо (пудратчиён)-е, ки ба тендер дархост додаанд мумкин аст?
   a) бале, агар дар Қонун оид ба хариди давлатӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;
   b) не, агар дар Қонун оид ба хариди давлатӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;
   c) бале, оид ба ин дар Қонун оид ба хариди давлатӣ навишта шудааст;
   d) не, гузаронидани гуфтушунид қатъиян манъ аст.

339. Кай ва дар куҷо дархостҳои тендериро мекушоянд?
   a) дар мӯҳлат ва маҳалли муайяни дар Қонун оид ба харид зикргардида;
   b) дар мӯҳлат ва маҳалли муайяни дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикргардида;
   c) дарҳол пас аз гирифтани он аз молрасон (пудратчиён) дар маҳале, ки барои комиссияи тендерӣ қулай аст;
   d) дарҳол пас аз гирифтани он аз молрасон (пудратчиён) дар маҳалле, ки дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикр гардидааст.
340. Кӣ ҳуқуқ дорад дархостҳои тендериро кушояд?
   a) роҳбари ташкилоти харидор;
   b) комиссияи тендерӣ;
   c) котиб дар қабулгоҳ - масъули қабули мактубҳои воридотию содиротӣ;
   d) намояндаи мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ.
341. Ҳангоми кушодани дархостҳои тендерӣ метавонанд ҳузур дошта бошанд:
   a) танҳо намояндагони ташкилоти харидор;
   b) ҳами довталабон ё намояндагони онҳо;
   c) танҳо аъзоёни комиссияи тендерӣ;
   d) ҳамаи довталабон ва хоҳишмандон.
342. Ҳангоми кушодани лифофаҳо бо дархости тендерӣ ба иштирокчиён дар расмиёти кушодани дархостҳо эълон карда мешавад:
   a) ном ва суроғаи ҳар як довталабе, ки дархости ӯ кушода шудааст, инчунин нархи дархости тендерӣ, шакл, андозаи таъмини кафолат;
   b) ном ва суроғаи ҳар як довталаб;
   c) нархи дархости тендерӣ;
   d) ном ва суроғаи ҳар як довталабе, ки дархости ӯ кушода шудааст, инчунин нархи дархости тендерӣ.
343. Ташкилоти харидор чиро метавонад дар раванди баррасии дархостҳои тендерӣ ислоҳ намояд?
   a) ҳеҷ чизро ислоҳ карда наметавонад;
   b) ғалати арифметикии дар раванди баррасии дархостҳои тендерӣ ёфтшударо;
   c) ғалатҳои грамматикии дар раванди баррасии дархостҳои ёфтшуда;
   d) нодурустии мӯҳлати таъиншуда ё тавсифи техникии маҳсулоти номувофиқ.
344. Барои рад кардани дархости тендерӣ асос шуда наметавонад:
   a) ҳангоме, ки агар дархост камтар хатогӣ дошта бошад ва моҳиятан онро тағйир надиҳад;
   b) агар довталаб кафолатномаи дархости тендериро тибқи шакли намунавӣ, ҳаҷм ва шартҳои пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешниҳод накарда бошад;

c) агар нархи дархости тендерии довталаб аз маблағи барои хариди ҳамин мавод (предмет) ҷудогардида зиёд бошад;
d) агар дархости тендерӣ ҷавобгӯи талаботи тахассусии муқарарнамуда набошад.

345. Озмуни харидро ташкилоти харидор метавонад бекор намояд:
a) дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор;
b) дар мувофиқа бо қисми бештару мутлақи иштирокчиён;
c) бо салоҳдиди худ бе мувофиқа ба ягон кас;
d) мувофиқи қонун оид ба хариди давлатӣ, харидро бекор кардан мумкин нест.

346. Дар лаҳзаи рад кардани ҳамаи дархостҳо ташкилоти харидор:
a) дар назди довталабон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад;
b) дар назди довталабон ба ҳеҷ гуна ҷавобгарӣ кашида намешавад;
c) дар назди довталабон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад;
d) бояд ба довталабон он маблағе, ки барои иштирок дар тендер сарф кардаанд, баргардонад.

347. Баъди интихоби ғолиби харид ташкилоти харидор вазифадор аст, ки ба ҳамаи иштирокчиёни молрасон (пудратчиён) хабарнома равон кунад, дар мӯҳлати:
a) се рӯз;
b) як рӯз;
c) ду рӯз;
d) огоҳинома талаб карда намешавад, ахборот дар сайт ҷой дода мешавад.

348. Ҳисобот оид ба расмиёти харид дар муддати се рӯзи корӣ баъд аз бастани қарордод пешниҳод карда мешавад:
a) ба роҳбари ташкилоти харидор;
b) ба мақомоти ваколатдор;
c) ба ҳамаи молрасонҳо – иштирокчиёни тендер;
d) Ба мақомоти судӣ.

349. Кӣ бояд баъди анҷоми харид ҳисобот бо маълумотнома оид ба раванди харидро нависад?
a) ташкилоти харидор;
b) комиссияи тендерӣ;
c) молрасон, ғолиби тендер;
d) мақомоти ваколатдор.

350. Ташкилоти харидор метавонад барои ҳуҷҷатҳои тендерӣ маблағ ситонад. Ҳаҷми маблағ:
a) на бояд аз хараҷоти адади нашр баланд бошад;
b) на бояд аз нархи хараҷоти адади нашр ва дастрас намудани он дар шакли маъмулӣ ба иштирокчиён баланд бошад;
c) барои ҳуҷҷатҳои тендери маблағ ситонида намешавад;

d) набояд аз маблағи харачоте, ки ташкилкунандагон барои мол пешбини кардаанд, кам бошад.

351. Молрасон бояд кафолати мӯҳлати амалии дархости тендериро таъмин намояд, ки он бояд:

a) ба мӯҳлати амали худи дархост баробар бошад;
b) ба мӯҳлати амали худи дархост баробар бошад ё мӯҳлати амали худи дархост дароз бошад;
c) аз 10 рӯз иборат бошад;
d) аз мӯҳлати амалии худи дархост зиёд набошад.

352. Таъминоти иҷрои қарордод вогузор мешавад:

a) танҳо ба ғолиб;
b) ба ҳамаи иштирокчиёни харид;
c) ба иштирокчиёни харид танҳо бо хоҳиши онҳо;
d) ба ташкилоти харидор.

353. Агар дархости тендерӣ дер (бо таъхир) пешниход шуда бошад:

a)баррасӣ намегардад ва ба иштирокчие, ки онро пешниҳод кардааст, накушода бозпас гардонида мешавад;
b) баррасӣ намегардад ва ба иштирокчие, ки онро пешниҳод кардааст, кушода бозпас гардонида мешавад;
c) баъд аз ворид шудан кушода мешавад ва дар асосҳои умумӣ баррасӣ мегардад;
d) асос барои ҷарима кардани молрасонест, ки онро пешниҳод карда, қоидаҳои ҳуҷҷатҳои тендериро вайрон кардааст.

354. Молрасонҳо дархостҳои тендерии худро (бо истиснои хариди электронӣ) пешниҳод мекунанд:

a) дар лифофаи мӯҳргузошта;
b) дар лифофаи кушода;
c) тавассути факс;
d) дар шакли электронӣ.

355. Ташкилоти харидор дар хусуси натиҷаҳои тендери гузаронидашуда бояд итилоот интишор намояд, на дертар аз 10 рӯз аз лаҳзаи:

a) имзои шартнома;
b) муайян намудани ғолиб;
c) иҷрои шартнома;
d) гирифтани даъвои (эътирози) ташкилоти харидор.

356. Оё молрасонҳо дархостҳои тендерии худро тавассути почтаи элетронӣ пешниҳод карда метавонанд?

a) бале, метавонанд;
b) бале, метавонанд, ба шарте, ки онҳо нусхаи чопии дархостро такроран пешниҳод намоянд;
c) не, наметавонанд, дархостҳои тендерӣ танҳо дар лифофаи мӯҳргузошта қабул карда мешаванд;

d) не, наметавонанд, дархостҳои тендериро бояд шахсан пешниҳод кард, ташкилоти харидор қабл аз қабули дархост онро аз ҷиҳати мукаммалӣ ва дурустии иттилооти пешниҳодшуда тафтиш мекунад.

357. Дархости тендериро кӣ пешниҳод мекунад?

a) Молрасон (пудратчӣ);
b) ташкилоти харидор;
c) ташкилкунандаи тендер;
d) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида дурустанд.

358. Барои гузаронидани хариди хизматрасониҳои машваратӣ истифода бурда мешавад:

a) усули харид аз як манбаъ;
b) усул бо иштироки маҳдуд (руйхати мухтасар);
c) усули бо иштироки маҳдуд (руйхати мухтасар), инчунин усули харид аз як манбаъ;
d) усули дархости нархномаҳо.

359. Асос барои харид бо усули аз як манбаъ ин (зиёдатиашро ихтисор кунед):

a) иҷрои вазифаест, ки идомаи бевоститаи кори қаблан анҷом додаи ҳамон ташкилот мебошад;
b) зарурати гузаронидани интихоб дар мӯҳлати кӯтоҳтарин (барои анҷоми корҳо дар ҳолатҳои фавқулода вобаста ба таҳдид ба амнияти миллӣ, бартараф намудани офатҳои табиӣ, заҳролудшавии маҳал ва дигар ҳолатҳои ба ин монанд);
c) ҳангоме, ки танҳо як ташкилот дорои тахассус ё таҷрибаест, ки барои супориши мушаххас арзиши истисноӣ дорад;
d) дар мавриде, ки супориш аниқ муайян шудааст ва буҷети муқарраргардида вуҷуд дорад.

360. Мушовирони инфиродӣ барои иҷрои супоришҳо дар мавриде ҷалб карда намешаванд, ки агар:

a) барои киро кардани гурӯҳи мутахассисон зарурат набошад;
b) барои гирифтани дастгирии иловагии касбӣ аз берун (аз штаб-квартираи ташкилот) зарурат набошад;
c) талаботи муҳимтарин таҷриба ва тахассуси шахси алоҳида аст;
d) гирифтани дастгирии иловагии касбӣ аз берун (аз штаб-квартираи ташкилот) зарур бошад;

361. Ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор мушовирони инфиродиро бидуни озмун (бо усусли интихоб аз як манбаъ) дар мавридҳои зерин интихоб карда метавонад:

a) агар супориш идомаи кори пештарае бошад, ки мушовир барои анҷом додани он дар асоси озмун киро карда шуда буд;
b) агар давомнокии супориш на камтар аз 3 моҳро ташкил диҳад;

c) агар вазъият дар натиҷаи ҳолатҳои форс-мажорӣ (рафънопазир) хусусияти фавқулода дошта бошад;
d) дар ҳамаи ҳолатҳои зикргардида.

362. Ҳангоми харид тавассути гузаронидани озмунҳои думарҳилавӣ кадом шарт бояд иҷро карда шавад?

a) ташкилоти харидор пешакӣ тавсифоти хусусиятҳои техникӣ ва нишондиҳандаҳои сифатии молҳо, кор ва хизматрасониҳои харидоришавандаро муайян карда наметавонад;
b) бинобар сабаби хусусияти хоси молҳо, кор ва хизматрасониҳо гузаронидани гуфтушунид бо молрасонҳо (пудратчиён) зарур аст;
c) предмети харид таҳқиқот, озмоиш, таҳияи хулосаи илмӣ ё расонидани дигар хизматрасониҳои махсус мебошад;
d) аққалан яке аз гуфтаҳои (фикрҳои) боло.

363. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хариди давлатӣ метавонад амалӣ гардад, бо усулҳои (зиёдатиашро ихтисор кунед)

a) дархости пешниҳодҳо;
b) харид аз тариқи иштироки номаҳдуд;
c) хариди электронӣ;
d) дархости нархномаҳо.

364. Усули асосии хариди давлатӣ ин мебошад:

a) харид аз тариқи иштироки номаҳдуд;
b) хариди электронӣ;
c) харид аз тариқи иштироки маҳдуд;
d) харид аз як манбаъ.

365. Харид аз тариқи иштироки номаҳдуд эътироф мешавад:

a) хариде, ки бо шумораи номаҳдуди молрасонҳои (пудратчиёни) барои иштирок дар расмиёти хариди давлатӣ даъватшуда гузаронида мешавад;
b) хариде, ки барои иштирок дар он беш аз  даҳ нафар даъват карда шудааст;
c) хариде, ки барои иштирок дар он беш аз  ду нафар даъват карда шудааст;
d) хариде, ки барои иштирок дар он беш аз  понздаҳ нафар даъват карда шудааст.

366. Дар мавриде, ки хароҷоти зарурӣ барои баррасӣ ва арзёбии шумораи зиёди дархостҳои тендерӣ аз се як қисми арзиши мол, кор ва хизматрасониҳоро ташкил медиҳад, ташкилоти харидор теъдоди кофии молрасонҳоро (пудратчиёнро)  барои таъмини рақобат ҷалб менамояд, вале на камтар аз се, тавассути гузаронидани:

a) харид аз тариқи иштироки маҳдуд;
b) дархости нархномаҳо;
c) харид аз як манбаъ;

d) усули «руйхати мухтасар» (хариди махсус аз тариқи иштироки маҳдуд барои гузаронидани хариди хизматрасониҳои машваратӣ).

367. Ташкилоти харидор дархостҳои тендериро тавассути гузаронидани харид аз тариқи иштироки маҳдуд ҷалб мекунад, зимнан шумораи молрасонҳо барои таъмини рақобат бояд иборат бошад:

a) на камтар аз панҷ;
b) на камтар аз се;
c) на бештар аз се;
d) на бештар аз панҷ.

368. Ташкилоти харидор огоҳиномаро оид ба гузаронидани харид аз тариқи иштироки маҳдуд дар куҷо чоп мекунад?

a) дар ягон ҷо, ин иттилооти махфӣ аст, маҳз аз ҳамин сабаб харид аз тариқи иштироки маҳдуд гузаронида мешавад;
b) дар бюллетени хариди давлатӣ;
c) дар сайти молрасонҳоое, ки барои иштирок дар хариди мазкур даъват шудаанд;
d) дар сайти расмии вазорати рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурии тоҷикистон.

369. Харид аз тариқи иштироки маҳдуд дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

a) молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо бинобар сабаби мураккабии сохти техникӣ ё хусусияти махсуси худ вазъи баамаломада дар бозори мол, кор ва хизматрасонии мушаххас танҳо дар ихтиёри доираи маҳдуди молрасонҳо (пудратчиён) мавҷуд бошад. дар ин маврид ташкилоти харидор дархостҳои тендерии ҳамаи молрасонҳоро (пудратчиёнро), ки метавонанд чунин навъи мол, кор ва хизматрасониро фароҳам оранд,ҷалб менамояд;
b) агар ташкилоти харидор дар давоми 6 моҳи баъди лаҳзаи ба имзо расидани қарордод фармоишҳои иловагӣ диҳад, ки он аз 15 фоизи арзиши хариди пештара зиёд нест, инчунин меъёр, сатҳ ва стандартҳои собиқаро риоя мекунад;
c) агар зарурати фаврӣ ҷиҳати харид дар робита бо ҳолатҳои, ки ташкилоти харидор наметавонист онро пешбинӣ намояд, ба миён ояд;
d) дар мавриди ба имзо расонидани қарордод ҷиҳати гузаронидани таҳқиқот, озмоиш ва таҳияи хулосаи илмӣ.

370. Усули дархости нархномаҳо дар мавриди хариди молҳое истифода бурда мешавад, ки:

a) барои онҳо бозоре вуҷуд дорад, ки нархи хариди онҳо аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобиҳо поёнтар аст;
b) барои онҳо бозоре вуҷуд дорад, ки нархи хариди онҳо аз ду ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобиҳо поёнтар аст;

c) барои онҳо бозоре вуҷуд дорад, ки нархи хариди онҳо аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобиҳо баландтар аст;
d) аз се ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобиҳо поёнтар аст.

371. Дар ҳолатҳои махсус ташкилоти харидор метаонад хариди давлатии молро ба маблаҷе, ки аз дувоздаҳ ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд нест, аз тариқи дархости нархномаҳо анҷом диҳад:

a) дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор;
b) тавассути огоҳонидани мақомоти ваколатдор;
c) тавассути чопи огоҳинома дар бюллетени хариди давлатӣ;
d) тавассути чопи огоҳинома дар ведомости (варақаи) хариди давлатӣ.

372. Барои гузаронидани харид аз як манбаъ:

a) ташкилоти харидор бояд мувофиқаи мақомоти ваколатдорро гирад;
b) ташкилоти харидор чи ва аз ки хариданро мустақилона муайян карда метавонад ва мувофиқаи мақомоти ваколатдор зарур нест;
c) молрасон бояд қарордоди мазкурро бо мақомоти ваколатдор мувофиқа нанамояд;
d) музояда гузаронидан мумкин аст.

373. Ташкилоти харидор оид ба гузаронидани харид аз як манбаъ қарор қабул карда метавонад, танҳо дар:

a) панҷ ҳолате (асосе), ки қонун муқаррар намудааст;
b) шаш ҳолате (асосе), ки қонун муқаррар намудааст;
c) панҷ ҳолате (асосе), ки оинномаи дохилии ташкилот муқаррар намудааст;
d) ташкилоти харидор ҳуқуқ надорад аз як манбаъ харид кунад.

374. Ташкилоти харидор метавонад оид ба харид аз як манбаъ қарор қабул кунад:

a) агар он дар давоми 6 моҳи баъди лаҳзаи ба имзо расидани қарордод фармоишҳои иловагӣ диҳад, ки он аз 15 фоизи арзиши хариди пештара зиёд набошад, меъёр, сатҳ ва стандартҳои собиқаро риоя намояд;
b) агар ташкилоти харидор дар давоми 8 моҳи баъди лаҳзаи ба имзо расидани қарордод фармоишҳои иловагӣ диҳад, ки он аз 15 фоизи арзиши хариди пештара зиёд набошад, меъёр, сатҳ ва стандартҳои собиқаро риоя намояд;
c) агар ташкилоти харидор дар давоми 6 моҳи баъди лаҳзаи ба имзо расидани қарордод фармоишҳои иловагӣ диҳад, ки он аз 20 фоизи арзиши хариди пештара зиёд набошад, инчунин меъёр, сатҳ ва стандартҳои собиқаро риоя намояд;
d) агар ташкилоти харидор дар давоми 8 моҳи баъди лаҳзаи ба имзо расидани қарордод фармоишҳои иловагӣ диҳад, ки он аз 20 фоизи арзиши хариди пештара зиёд набошад, инчунин меъёр, сатҳ ва стандартҳои собиқаро риоя намояд.

375. Барои харид аз як манбаъ асос шуда метавонад (зиёдатиашро ихтисор кунед):

a) агар мол, кор ва хизматрасониии мазкур танҳо дар ихтиёри ин ё он молрасони (пудратчии) мушаххас бошад ё ин ё он молрасон (пудратчӣ) нисбат ба ҳамин мол, кор ва хизматрасонӣ дорои ҳуқуқи истисноӣ бошад;
b) агар харочоти баррасӣ ва арзёбии шумораи зиёди дархостҳои тендерӣ аз се як қисми арзиши мол, кор ва хизматрасонии мавриди харидро ташкил диҳад;
c) ҳангоми ба миён омадани зарурати фаврӣ ҷиҳати харид дар робита бо ҳолатҳое, ки ташкилоти харидор наметавонист онҳоро пешбинӣ намояд;
d) ҳангоми анҷом додани харид ҷиҳати иҷрои лоиҳаи эҷодӣ ё фаъолияти эҷодӣ дар соҳаи санъат ё фарҳанг.

376. Истифодаи хариди электронӣ иҷозат дода мешавад:

a) танҳо дар шароити таъмини аслият, эътимоднокӣ ва махфияти маълумот;
b) дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор;
c) тибқи шартнома бо молрасон (пудратчӣ);
d) ҷавоби дуруст мавҷуд нест.

377. Усули хириди электронӣ муайян карда мешавад тибқи тартиби муқаррарнамудаи:

a) мақомоти ваколатдор;
b) ҳукумати ҷумҳурии тоҷикистон;
c) роҳбари ташкилоти харидор;
d) тартиби баргузории хариди электрониро ташкилоти харидор мустақилона муайян менамояд.

378. Расмиёти думарҳилавии харид дар ҳолатҳои зерин татбиқ мегардад, агар:

a) агар ташкилоти харидор натавонад қаблан хусусиятҳои хоси техникӣ ва аломатҳои сифатии мол, кор ва хизматрасонии мавриди харидро муайян намояд;
b) агар зарурати гуфтушунид бо молрасонҳо (пудратчиён) ба сабаби хусусияти мол, кор ва хизматрасонии мавриди харид ба миён ояд;
c) маводи (предмети) харид таҳқиқот, озмоиш, таҳияи хулосаи илмӣ ё пешниҳоди дигар хизматрасонии махсус бошад;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

379.Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ хариди давлатии мол, кор ва хизматрасониро бо тартиби соддаи харид бо риояи шартҳои зерин анҷом дода метавонанд:

a) бо маблағи на болотар аз ҳадди камтарини маблағи харид;

b) бинобар таъҷилӣ будани харид ташкилоти харидор барои гузаронидани расмиёти пурраи харид вакт надорад ё хароҷоти гузаронидани онҳо аз маблағи харид зиёд бошанд.
c) оид ба предмети харид бозори устувор ба вуҷуд омада бошад;
d) ҳамаи шартҳои дар вариантҳои a, b , c зикргардида бояд риоя карда шаванд.

380. Ҳамзамон бо қабули қарор дар бораи амалӣ намудани харид бо тартиби содакардашуда, Комиссияи харид дар ҳайати на камтар аз се аъзо таъсиси меёбад. Ба ҳайати Комиссияи харид бояд дохил шаванд:

a) се корманди ташкилоти харидор, ки барои иштирок дар комиссия бо фармони роҳбари ташкилоти харидор таъин гардидаанд;
b) роҳбар ва сармуҳосиби ташкилоти харидор;
c) роҳбари ташкилоти харидор;
d) мутахассиси соҳибихтисос оид ба харид.

381. Қарор дар бораи амалӣ намудани харид бо тартиби соддакардашуда қабул карда мешавад:

a) бевосита аз ҷониби роҳбари ташкилоти харидор;
b) мақоми машваратии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
c) бевосита аз ҷониби роҳбари ташкилоти харидор ё мақоми машваратии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
d) комиссияи тендерӣ.

382. Комиссияи тендерӣ, ки дар баробари қабули қарор оид ба амалӣ намудани харид бо тартиби соддакардашуда таъсиси ёфтааст, иборат аст аз:

a) на камтар аз се аъзо:
b) на бештар аз се аъзо;
c) на камтар аз чор аъзо;
d) на камтар аз панҷ аъзо.

383. Харид бо тартиби соддакардашуда ба расмият дароварда мешавад:

a) бо ҳисоб;
b) бо чек;
c) бо хатти расид (квитансия);
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

384. Хариди хизматрасонии машваратӣ барои ташкилотҳо бо усулҳои зерини интихоби пешниҳодҳои озмун амалӣ мегардад ( зиёдатиашро ихтисор кунед):

a) аз рӯи сифат ва арзиш;
b) интихоб дар шароити буҷети муқарраркардашуда;
c) дар асоси тахассуси мушовирон;

d) аз рӯи беҳтарин шартҳое, ки дар дархости тендерӣ пешниҳод гардидаанд.

385. Интихоби усуле, ки усули асосии хариди давлатӣ ба ҳисоб нарафта, маблағи он аз маблағи ҳадди баландтарининиҳоӣ зиёд аст, амалӣ мегардад:

a) танҳо дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор;
b) танҳо тибқи  гуфтушунид бо молрасон;
c) танҳо дар мувофиқа бо роҳбари ташкилоти харидор;
d) бо хоҳиши ташкилоти харидор.

386. Интихоби усуле, ки усули асосии хариди давлатӣ ба ҳисоб нарафта, маблағи он аз маблағи ҳадди баландтарини ниҳоӣ зиёд нест, амалӣ мегардад:

a) танҳо дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор;
b) танҳо тибқи  гуфтушунид бо молрасон;
c) танҳо дар мувофиқа бо роҳбари ташкилоти харидор;
d) бо хоҳиши ташкилоти харидор.

387. Интихоби усули харид тибқи андешаи зерин амалӣ мегардад:

a) дар мавриди мавҷуд набудани асоси мустақими қонунӣ, хариди ҳар ҳар гуна маҳсулот бояд танҳо тавассути гузаронидани харид тариқи иштироки номаҳдуд амалӣ гардад;
b) мувофиқа кардани масъалаи интихоби усуси харид бо мақоми ваколатдор қабл аз оғози расмиёти харид анҷом меёбад;
c) ҳангоми харид бо маблағи поёнтар аз ҳадди камтарин мувофиқа бо мақоми ваколатдор талаб карда намешавад (зарур нест);
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

388. Расмиёти хариди думарҳилавӣ иборат аст аз ду:

a) марҳилаи пайдарҳами баргузории харид;
b) марҳилаи номунтазами баргузории харид;
c) марҳилаи пайдарҳами баргузории харид, ки яке аз онҳоро мақоми ваколатдор метавонанд бекор намояд;
в) марҳилаи харид ва минбаъд  музояда.

389. Агар дар Қонуни мазкур тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, пас ҳангоми гузаронидани хариди думарҳилавӣ:

a) расмиёти дигаре, ки қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, истифода бурда мешавад;
b) расмиёти дигаре, ки қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, истифода бурда намешавад;
c) расмиёти дигаре, ки қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, истифода бурда мешавад, вале танҳо дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор;

d) ба харид ҳамон шумораи иштирокчиёнро иҷозат додан мумкин аст, ки ташкилоти харидор маъқул (оқилона) мешуморад.

390. Расмиёти хариди думарҳилавӣ дар ҳолате татбиқ мегардад, ки агар:

a) агар ташкилоти харидор натавонад қаблан хусусиятҳои хоси техникӣ ва аломатҳои сифатии мол, кор ва хизматрасонии мавриди харидро муайян намояд;
b) маводи (предмети) харид таҳқиқот, озмоиш, таҳияи хулосаи илмӣ ё пешниҳоди дигар хизматрасонии махсус бошад;
c) агар зарурати гуфтушунид бо молрасонҳо (пудратчиён) ба сабаби хусусияти мол, кор ва хизматрасонии мавриди харид ба миён ояд;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

391. Дар ҳолате, ки зарурати хариди молҳои аз нигоҳи техникӣ мураккабе, ки доираи маҳдуди молрасонҳо дастрас гардонида метавонанд ба миён ояд, ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад барои гузаронидани:

a) харид аз манбаи ягона (аз як манбаъ);
b) харид тавассути дархости нархномаҳо;
c) харид аз тариқи иштироки маҳдуд;
d) харид аз тариқи иштироки номаҳдуд.

392. Дар натиҷаи гузаронидани дархости нархномаҳо бастани қарордод ба кӣ пешниҳод мегардад?

a) ба молрасоне (пудратчие), ки нархномро бо нархи пастарин пешниҳод кардааст;
b) ба молрасоне (пудратчие), ки нархномро бо нархи пастарин пешниҳод кардааст ва ташкилоти харидор оид ба он аллакай тарҷибаи корӣ дорад;
c) ба молрасоне (пудратчие), ки нархномро бо нархи пастарин пешниҳод карда, эҳтиёҷи ташкилоти харидорро қонеъ мегардонад;
d) ба молрасоне (пудратчие), ки нархномро бо нархи пастарин пешниҳод кардааст ва дорои тахассуси беҳтарин мебошад.

393. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон:

a) бо мақсади ҷалби ҳарчи бештари молрасонҳо ба расмиёти харид тавассути усули дархости нархномаҳо ба лотҳои хурд тақсим намудани гурӯҳи молҳо ва лифофаи хизматрасониҳоро, ки барои харид пешбинӣ шудаанд, иҷозат медиҳад;
b) ба лотҳои хурд тақсим намудани гурӯҳи молҳо ва лифофаи хизматрасониҳо, ки барои харид пешбинӣ шудаанд, бо мақсади ҷалби истифодаи усули дархости нархномаҳо тавассути ба таври сунъӣ паст задани ҳадди арзишро иҷозат намедиҳад;
c) қонун ин масъаларо ба баррасии ташкилоти харидор вогузор кардааст;
d) қонун масъалаи мазкурро танзим намекунад.

394. Ҳангоми гузаронидани дархости нархномаҳо ташкилоти харидор дар кадом ҳуҷҷат нишон медиҳад, ки арзиши маҳсулоти мавриди харид бояд аз чи иборат бошад (масалан, хароҷоти интиқол, суғурта, падохти боҷи гумрукӣ, андозҳо ва дигар пардохтҳои имконпазир)?

a) дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
b) дар дархости нарх;
c) дар давватнома барои иштирок дар харид;
d) дар протоколи кушодани дархости нархномаҳо.

395. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом шакли хиридҳои электронӣ истифода бурда мешаванд?

a) музоядаи электронӣ;
b) дархости электронии нархномаҳо;
c) тендер дар шакли электронӣ;
d) дархости пешниҳодҳо дар шакли электронӣ.

396. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон реестри фармоишҳо дар шакли электронӣ дар кадом портал ҷойгир карда мешавад?

a) zakupki. tj
b) zakupki.gov.tj
c) e-procurement.tj
d) ингунареестрвуҷуднадорад.

397. Дар кадом ҳолат молрасон мақоми довталабро аз даст медиҳад (зиёдатиашро ихтисор кунед)?

a) бохоҳишидовталаб - дарҳарлаҳзаидавраиомодагирӣ;
b) ҳангоми гузаштан аз давраи якуми озмуни думарҳилавии харид;
c) ҳангоми нагузаштан аз давраи якуми озмуни думарҳилавии харид;
d) ворид накардани кафолати таъмини дархости тендерӣ, ҳангоми пешниҳоди дархости тендерӣ, агар он дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешбинӣ шуда бошад.

398. Фикри дурустро интихоб намоед:

a) қарордодҳо оид ба хариди давлатӣ дар шакли хаттӣ баста мешаванд. Қарордод оид ба хариди давлатӣ пас аз даҳ рӯзи аз лаҳзаи аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонидани он эътибор пайдо мекунад;
b) қарордодҳо оид ба хариди давлатӣ дар шакли хаттӣ баста мешаванд. Қарордод оид ба хариди давлатӣ аз лаҳзаи аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонидани он эътибор пайдо мекунад;
c) қарордодҳо оид ба хариди давлатӣ дар шакли хаттӣ баста мешаванд. Қарордод оид ба хариди давлатӣ пас аз даҳ рӯзи аз лаҳзаи аз ҷониби тарафҳо интишор намудани он эътибор пайдо мекунад;

d) қарордодҳо оид ба хариди давлатӣ дар шакли хаттӣ баста мешаванд. Қарордод оид ба хариди давлатӣ пас аз як рӯзи корӣ аз лаҳзаи аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонидани он эътибор пайдо мекунад.

399. Огоҳинома оид бастани қарордод дар бораи хариди давлатӣ бо зикри ном ва суроғаи молрасоне (пудратчие), ки бо ӯ қарордод баста шудааст ва нархҳои қарордод:

a) дар мӯҳалати панҷ рӯзи ба имзо расидани қарордод ба маълумоти ҳамаи молрасонҳо (пудратчиён), ки дар расмиёти хариди давлатӣ иштирок намудаанд, расонида мешавад;
b) дар мӯхалати ду рӯзи ба имзо расидани қарордод ба маълумоти ҳамаи молрасонҳо (пудратчиён), ки дар расмиёти хариди давлатӣ иштирок намудаанд, расонида мешавад;
c) дар мӯхалати даҳ рӯзи ба имзо расидани қарордод ба маълумоти ҳамаи молрасонҳо (пудратчиён), ки дар расмиёти хариди давлатӣ иштирок намудаанд, расонида мешавад;
d) дар мӯхалати се рӯзи ба имзо расидани қарордод ба маълумоти ҳамаи молрасонҳо (пудратчиён), ки дар расмиёти хариди давлатӣ иштирок намудаанд, расонида мешавад.

400. Ташкилоти харидор оид ба расмиёти хариди давлатӣ ҳисобот пешниҳод менамояд:

a) дар мӯҳлати се рӯз аз лаҳзаи бастани қарордод ба мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатӣ;
b) дар мӯҳлати панҷ рӯз аз лаҳзаи бастани қарордод ба мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатӣ;
c) дар мӯҳлати се рӯз аз лаҳзаи бастани қарордод ба васоити ахбори омма;
d) дар мӯҳлати се рӯз аз лаҳзаи бастани қарордод ба тамоми иштирокчиёни расмиёти харид;

401. Ташкилоти харидор ҳангоми хариди (озмунҳои) кушода ҳуқуқ дорад бе сабаб аз гузаронидани расмиёти харид даст кашад:

a) тибқи мӯҳлати дар огоҳинома интишорёфта оид баргузории харид ва дар мавриди мавҷуд набудани чунин огоҳинома - на дертар аз 5 рӯзи муқарраршуда барои ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди дархостҳо;
b) тибқи мӯҳлати дар огоҳинома интишорёфта оид баргузории харид ва дар мавриди мавҷуд набудани чунин огоҳинома - на дертар аз 10 рӯзи муқарраршуда барои ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди дархостҳо;
c) тибқи мӯҳлати дар огоҳинома интишорёфта оид баргузории харид ва дар мавриди мавҷуд набудани чунин огоҳинома - на дертар аз 30 рӯзи муқарраршуда барои ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди дархостҳо;
d) ташкилоти харидор ҳангоми хариди (озмунҳои) кушода ҳуқуқ надорад бе сабаб аз гузаронидани расмиёти харид даст кашад.

402. Ташкилоти харидор дар мавриди пешниҳоди тавзеҳот ё тағйироти ҳуҷҷатҳои тендерӣ ҳуқуқ дорад:
a) ташкилоти харидор ҳуқуқ надорад мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендериро барои иштирок дар тендер тамдид намояд;
b) мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендериро барои иштирок дар тендер аз рӯзи ба молрасонҳо (пудратчиён) додани тавзҳот ё тағйирот ба мӯҳлати 30 рӯзи корӣ тамдид намояд;
c) мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендериро барои иштирок дар тендер аз рӯзи ба молрасонҳо (пудратчиён) додани тавзҳот ё тағйирот ба мӯҳлати 5 рӯзи корӣ маҳдуд намояд;
d) мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендериро барои иштирок дар тендер аз рӯзи ба молрасонҳо (пудратчиён) додани тавзҳот ё тағйирот ба мӯҳлати 10 рӯзи корӣ тамдид намояд.

403. Ташкилоти харидор ҳуқуқ надорад бе сабаб:
a) бе сабаб аз гузаронидани ҳама гуна расмиёти харид баъд аз эълони он даст кашад;
b) дар ҳолати додани тавзеҳот ё тағйироти ҳуҷҷатҳои тендерӣ мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендериро барои иштирок дар тендер маҳдуд намояд;
c) нисбати иштирокчиёни расмиёти харид, мол, кор ва хизматрасониҳои мавриди харид, шартҳои таҳвил ва иҷро талабот муқаррар намояд ва ҳуҷҷатҳои зарурии тасдиққунандаи мувофиқати ин талаботҳоро муайян намояд;
d) рӯйхати молрасонҳое, ки (пудратчиёне), ки қарордодҳои баимзорасидаро бомуваффақият иҷро кардаанд ва молрасонҳое, ки уҳдадориҳоро вайрон кардаанд (риоя накардаанд), чоп намояд.

404. Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
a) аз гузаронидани ҳама гуна расмиёти харид баъд аз эълони он даст кашад;
b) нисбати иштирокчиёни расмиёти харид, мол, кор ва хизматрасониҳои мавриди харид, шартҳои таҳвил ва иҷро талабот муқаррар намояд ва ҳуҷҷатҳои зарурии тасдиққунандаи мувофиқати ин талаботҳоро муайян намояд;
c) барои иштирок дар тендер танҳо ширкатҳоеро даъват намояд, ки таҷриба ва шӯҳрати онҳо ба ташкилоти харидор маълум бошад;
d) руйхати молрасонҳое, ки (пудратчиёне), ки қарордодҳои баимзорасидаро бомуваффақият иҷро кардаанд ва молрасонҳое, ки уҳдадориҳоро вайрон кардаанд (риоя накардаанд), чоп намояд.

405. Андозаи мукофотпулӣ (подош) дар қарордод миёни ташкилоти харидор ва таршкилкунандади харид:
a) набояд беш аз 1% нархи пешниходшавандаи харид бошад;
b) набояд беш аз 2% нархи пешниходшавандаи харид бошад;
c) набояд беш аз 3% нархи пешниходшавандаи харид бошад;
d) набояд беш аз 5% нархи пешниходшавандаи харид бошад.

406. Иштирокчии расмиёти харид ҳуқуқ надорад:

a) дархости худро то анҷоми мӯҳлати пешниҳод тағйир диҳад, илова намояд ё бозхонад агар тартиби дигаре бевосита дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ қайд нашуда бошад;
b) бо саволҳо дар бораи тазеҳи ҳуҷҷатҳои тендер, инчунин хоҳиш ҷиҳати тамдиди мӯҳлати муқарраршудаи пешниҳоди дархостҳо ба ташкилоти харидор муроҷиат намояд;
c) аз ташкилоти харидор оид ба сабабҳои рад гардидан ва /ё бохти дархости худ маълумоти мухтасар бигирад;
d) аз ташкилоти харидор пешниҳоди маълумотро дар бораи шахсоне, ки ин ё он қарорҳоро қабул намудаанд, талаб намояд.

407. Иштирокчии расмиёти харид дар ҷараёни иштироки озмунҳо ҳуқуқ дорад:
a) дархости худро то анҷоми мӯҳлати пешниҳод тағйир диҳад, илова намояд ё бозхонад агар тартиби дигаре бевосита дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ қайд нашуда бошад;
b) бо саволҳо дар бораи тазеҳи ҳуҷҷатҳои тендер, инчунин хоҳиш ҷиҳати тамдиди мӯҳлати муқарраршудаи пешниҳоди дархостҳо ба ташкилоти харидор муроҷиат намояд;
c) аз ташкилоти харидор оид ба сабабҳои рад гардидан ва /ё бохти дархости худ маълумоти мухтасар бигирад;
d) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида дурустанд.

408. Иштирокчии расмиёти озмунҳо ҳуқуқ надорад:
a) бо саволҳо дар бораи тазеҳи ҳуҷҷатҳои тендер, инчунин хоҳиш ҷиҳати тамдиди мӯҳлати муқарраршудаи пешниҳоди дархостҳо ба ташкилоти харидор муроҷиат намояд;
b) дар хусуси ҳар гуна ҳолатҳое, ки метавонанд ба натиҷаҳои манфӣ барои ташкилоти харидор оварда расонад, аз ҷумла дар бораи ҳолатҳое, ки ба имконнопазирӣ ё ғайримақсаднок будани иҷрои амалиёти дар низомнома қайдгардида оварда мерасонанд, фавран ба роҳбарият гузориш диҳад;
c) нақшаи солонаи хароҷотро оиди хариди давлатӣ тибқи шакли тасдиқшуда таҳия ва ба мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод намояд;
d) доштани робитаҳои дигар бо иштирокчиёни расмиёти харид, ғайр аз оне, ки дар раванди фаъолияти маъмулии хоҷагидорӣ ба вуҷуд омадааст.

409. Иштирокчии расмиёти озмунҳо ҳуқуқ надорад:
a) дархости худро то анҷоми мӯҳлати пешниҳод тағйир диҳад, илова намояд ё бозхонад агар тартиби дигаре бевосита дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ қайд нашуда бошад;
b) оид ба масъалаҳои таҳияи ҳуҷҷатҳои пешазтахассусӣ ва тендерӣ қарор қабул кунад;
c) эътироз ва шикояти молрасонҳоро (пудратчиёнро) баррасӣ намуда, мутобиқи қонунгузории ҷумҳурии тоҷикистон қарор қабул намояд;
d) баъди анҷоми мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ, дархости тендериро тағйир диҳад.

410. Кормандони воҳид доир ба хариди ташкилоти харидор ӯҳдадоранд:
a) тахассуси худро дар соҳаи фаъолияти харид мустақилона ё дар ҳолати имконпазир будан дар курсҳои махсус такмил диҳад;
b) ба ғайр аз нарх меъёрҳои иловагии интихобро муқаррар намояд;
c) ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида;
d) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд.
411. Кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор ӯҳдадоранд:
a) ба ҳар гуна шахс (ба истиснои, шахсоне, ки ҳуқуқии расмии гирифтани иттилоотро доранд) ҳама гуна маълумот оид ба раванди харид, аз ҷумла оид ба баррасӣ, арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳоро пешниҳод намоянд;
b) бо иштирокчиёни расмиёти озмунҳо гуфтушунидҳо баргузор намояд, ки дар ҳуҷҷатҳои тендер пешбинӣ нагардидаанд;
c) ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида;
d) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида.
412. Ба корманди воҳиди хариди ташкилоти харидор манъ аст:
a) гирифтани ягон фоида аз гузаронидани харид, ғайр аз фоидаҳое, ки расман аз ҷониби ташкилоти харидор пешбинӣ шудаанд;
b) ба ҳар гуна шахс (ба истиснои, шахсоне, расман ҳуқуқии гирифтани иттилоотро доранд) ҳама гуна маълумот оид ба раванди харид, аз ҷумла оид ба баррасӣ, арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳоро пешниҳод намудан;
c) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида.
d) ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида;
413. Ба кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор манъ аст:
a) ба ғайр аз нарх меъёрҳои иловагии интихоб муқаррар намояд;
b) андоза ва намуди таъмини кафолатнокро муайян намояд;
c) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида.
d) ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида;
414. Ба кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор манъ аст:
a) дар ҳолати ягон тавзеҳ додан ё тағйирот ворид намудан ба ҳуҷҷатҳои тендер, мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дарҳостҳои тендериро тамдид намояд;
b) ҳар лаҳза то анҷоми мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархостҳои тендерӣ тавассути нашри иловаҳо ҳуҷҷатҳои тендерро тағйир диҳад;
c) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида.
d) ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида;
415. Ба кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор манъ аст:
a) доштани робитаҳои дигар бо иштирокчиёни расмиёти харид, ғайр аз оне, ки дар раванди фаъолияти маъмулии хоҷагидорӣ ба вуҷуд омадааст.
b) бо иштирокчиёни расмиёти озмунҳо гуфтушунидҳо баргузор намояд, ки дар ҳуҷҷатҳои тендер пешбинӣ нагардидаанд;
c) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида.
d) ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида;
416. Ба кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор манъ аст:

a) оид ба масъалаҳои таҳияи ҳуҷҷатҳои пешазтахассусӣ ва тендерӣ қарор қабул кунад;
b) барои таҳияи ҳуҷҷатҳои тендерӣ коршинос даъват намояд;
c) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида.
d) ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида.

417. Ба кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор манъ аст:
a) дар хусуси ҳар гуна ҳолатҳое, ки метавонанд ба натиҷаҳои манфӣ барои ташкилоти харидор оварда расонад, аз ҷумла дар бораи ҳолатҳое, ки ба имконнопазирӣ ё ғайримақсаднок будани иҷрои амалиёти дар низомнома қайдгардида оварда мерасонанд, фавран ба роҳбарият гузориш диҳад;
b) оид ба ҳама гуна ҳолатҳое, ки ба ҳамин корманд имкон намедиҳанд, ки харидро тибқи меъёрҳои низомнома анҷом диҳад, роҳбариятро огоҳ намояд;
c) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида.
d) ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида.

418. Ба кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор манъ аст:
a) доштани робитаҳои дигар бо иштирокчиёни расмиёти харид, ғайр аз оне, ки дар раванди фаъолияти маъмулии хоҷагидорӣ ба вуҷуд омадааст;
b) ба ғайр аз нарх меъёрҳои иловагии интихоб муқаррар намояд;
c) андоза ва шакли таъмини кафолатро муайян намояд;
d) тахассуси худро дар соҳаи фаъолияти харид мустақилона ё дар ҳолати имконпазир будан дар курсҳои махсус такмил диҳад;

419. Кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор ҳуқуқ доранд:
a) оид ба масъалаҳои таҳияи ҳуҷҷатҳои пешазтахассусӣ ва тендерӣ қарор қабул кунад;
b) барои таҳияи ҳуҷҷатҳои тендерӣ коршинос даъват намояд;
c) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида.
d) ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида.

420. Кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор ҳуқуқ доранд:
a) оид ба масъалаҳои таҳияи ҳуҷҷатҳои пешазтахассусӣ ва тендерӣ қарор қабул кунад;
b) барои таҳияи ҳуҷҷатҳои тендерӣ коршинос даъват намояд;
c) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида.
d) ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида.

421. Кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор ҳуқуқ доранд:
a) оид ба масъалаҳои таҳияи ҳуҷҷатҳои пешазтахассусӣ ва тендерӣ қарор қабул кунад;
b) барои таҳияи ҳуҷҷатҳои тендерӣ коршинос даъват намояд;
c) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида.
d) ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида.

422. Кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор ҳуқуқ доранд:
a) ҳар лаҳза, то анҷоми мӯҳлати охирини пешниҳоди дархостҳои тендерӣ, ҳуҷҷатҳои тендериро тавассути нашри иловаҳо тағйир диҳад.

b) дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонуни ҷумҳурии тоҷикистон «дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасониҳо» озмунҳоро бекор кунад;
c) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида.
d)ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида.

423. Кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор ҳуқуқ доранд:
a) ба ғайр аз нарх меъёрҳои иловагии интихоб муқаррар намояд;
b) андоза ва намуди таъмини кафолатнокро муайян намояд;
c) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида;
d)ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида.

424. Кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор ҳуқуқ доранд:
a) дар ҳолатиягон тавзеҳ додан ё тағйирот ворид намудан ба ҳуҷҷатҳои тендер, мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дарҳостҳои тендериро тамдид намояд;
b) тавсия оид ба додани (супоридани) қарордод ё дигар қарорҳои қабулнамудаи комиссияи тендериро маъқул донад.
c) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида;
d) ягон чиз аз ҷавобҳои дар боло закргардида.

425. Кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор ҳуқуқ доранд:
a) андоза ва шакли таъмини кафолатро муайян намояд;
b) фаъолияти иштирокчиёни харидро тавассути ҳама гуна тарзҳои дастрас ҳамоҳанг созад;
c) гирифтани ягон фоида аз гузаронидани харид, ғайр аз фоидаҳое, ки расман аз ҷониби ташкилоти харидор пешбинӣ шудаанд;
d) ба ҳар гуна шахс (ба истиснои, шахсоне, расман ҳуқуқии гирифтани иттилоотро доранд) ҳама гуна маълумот оид ба раванди харид, аз ҷумла оид ба баррасӣ, арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳоро пешниҳод намудан.

426. Ташкилоти харидор мақсади худро оид ба амалӣ намудани хариди давлатӣ иброз менамояд, тавассути:
a) занги телефон ба молрасонҳои эҳтимолӣ;
b) ирсоли мактубҳои қоғазӣ ё электронӣ ба молрасонҳои эҳтимолӣ;
c) чопи даъватнома дар воситаҳои дастраси ахбори оммаи миллӣ ва (ё) байналмилалӣ;
d) ҷавоби дуруст нест.

427. Ташкилоти харидор ӯҳдадор аст, ки оид ба масъалаҳои баамаломада вобаста ба истифодаи ҳуҷатҳои тендерӣ дар шакли хаттӣ тавзеҳот диҳад ва онро ба молрасони (пудратчии) дархосткарда фиристонад:
a) инчунин ба ҳамаи молрсонҳое (пудратчиёне), ки ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешниҳод шудаанд;
b) инчунин ба ҳамаи молрасонҳое (пудратчиёне), ки ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешниҳод шудаанд, бе ифшои (ошкор намудани) сарчашмаи харид;
c) инчунин ба мақоми ваколатдор;
d) инчунин ба мақоми ваколатдор бе ифшои (ошкор намудани) сарчашмаи харид;

428. Дар мавриди аз ҷониби ташкилоти харидор гузаронидани вохӯрӣ бо молрасонҳо (пудратчиён) вобаста ба ворид гардидани дархост оид ба тавзеҳи ҳуҷҷатҳои тендерӣ:

a) вай баёния (эъломия) таҳия менамояд, ки дорои дархостҳои пешниҳодшуда ва ҷавоб ба онҳо бе нишондоди сарчашмаҳои ирсоли дархостҳо мебошад;
b) вай протокол таҳия менамояд, ки дорои дархостҳои пешниҳодшуда ва ҷавоб ба онҳо бе нишондоди сарчашмаҳои ирсоли дархостҳо мебошад;
c) вай бюллетень таҳия менамояд, ки дорои дархостҳои пешниҳодшуда ва ҷавоб ба онҳо бе нишондоди сарчашмаҳои ирсоли дархостҳо мебошад;
d) вай санад таҳия менамояд, ки дорои дархостҳои пешниҳодшуда ва ҷавоб ба онҳо бе нишондоди сарчашмаҳои ирсоли дархостҳо мебошад.

429. Оид ба натиҷаи вохӯрӣ бо молрасонҳо (пудратчиён) вобаста ба ворид гардидани дархост оид ба тавзеҳи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ташкилоти харидор ҳуҷҷат таҳия менамояд ва он ба ҳамаи молрасонҳо (пудратчиён) расонида мешавад:

a) фавран;
b) на дертар аз се рӯзи корӣ то анҷоми мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ;
c) то анҷоми мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ;
d) на дертар аз панҷ рӯзи корӣ то анҷоми мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ.

430. Дархости тендерӣ таҳия ва пешниҳод мегардад:

a) дар шакли хаттӣ дар лифофаи мӯҳргузошта мутобиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ бо риояи шартҳои таъмини аслият ва махфияти дархости тендерӣ ва ташхиси саҳеҳи шахсе, ки онро додааст;
b) дар шакли хаттӣ дар лифофаи мӯҳргузошта мутобиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдор бо риояи шартҳои таъмини аслият ва махфияти дархости тендерӣ ва ташхиси саҳеҳи шахсе, ки онро додааст;
c) дар шакли хаттӣ дар лифофаи мӯҳргузошта мутобиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи роҳбари ташкилоти харидор бо риояи шартҳои таъмини аслият ва махфияти дархости тендерӣ ва ташхиси саҳеҳи шахсе, ки онро додааст;
d) дар шакли хаттӣ ва электронӣ мутобиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ бо риояи шартҳои таъмини аслият ва махфияти дархости тендерӣ ва ташхиси саҳеҳи шахсе, ки онро додааст.

431. Забонхат бо зикри сана ва вақти гирифтани дархости тендерӣ дода мешавад аз ҷониби:

a) мақоми ваколатдор;
b) ташкилоти харидор;

c) ташкилоти харидор ва мақоми ваколатдор;
d) дода намешавад.

432. Агар ташкилоти харидор аз молрасон хоҳиш намояд, ки мӯҳлати эътибори (амали) дархости тендерии худро тамдид кунад, молрасон:
a) ӯҳдадор аст, ки ин корро анҷом диҳад;
b) ҳуқуқ (ҳақ) дорад розӣ нашавад, он гоҳ вай таъмини дархости тендерии худро аз даст медиҳад;
c) ҳуқуқ (ҳақ) дорад розӣ нашавад, он гоҳ мӯҳлати эътибори дархости тендерии ӯ фавран қатъ мегардад;
d) ҳуқуқ (ҳақ) дорад розӣ нашавад, он гоҳ вай таъмини дархости тендерии худро аз даст намедиҳад.

433. Мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ бояд на камтар аз се ҳафта аз лаҳзаи эълони озмун дар мавриди татбиқи хариди давлатӣ бо усули:
a) озмун аз тариқи иштироки маҳдуд;
b) озмун аз тариқи иштироки номаҳдуд;
c) дархости нархномаҳо;
d) хариди электронӣ.

434. Молрасон (пудратчӣ) ҳуқуқ дорад дархости тендерии худро тағйир диҳад ё бозпас гирад:
a) дар ҳар лаҳзаи вақт;
b) на дертар аз се рӯз то мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархостҳои тендерӣ;
c) на дертар аз панҷ рӯз то мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархостҳои тендерӣ;
d) то анҷоми мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархостҳои тендерӣ.

435. Дархости тендерӣ эътибор дорад:
a) дар давоми сол пас аз пешниҳоди он;
b) то анҷоми расмиёти харид;
c) дар давоми мӯҳлати дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикргардида;
d) ҷавоби дуруст нест.

436.Молрасонҳо (пудратчиён) дар баробари пешниҳоди дархости тендерӣ тибқи талаби__________________ба ӯ таъмини кафолати дархостҳои тендерии худро пешниҳод мекунанд (калимаи ихтисоршударо гузоред):
a) мақоми ваколатдор;
b) ташкилоти харидор;
c) роҳбари ташкилоти харидор;
в) бонки милии Тоҷикистон.

437. Андозаи таъмини кафолати дархости тендерӣ муқаррар карда мешавад:
a) ба андозаи 1/3 аз арзиши молҳо;
b) бо ифодаи фоиз;
c) муқаррар карда намешавад;
d) вобаста ба андозаи (ҳаҷми) ширкати молрасон.

438. Дар ҳолати аз ҷониби ташкилоти харидор хотима додани расмиёти харид то имзои қарордоди харид:

a) таъмини кафолати дархостҳои тендерӣ ба молрасонҳое, ки онро пешниҳод кардаанд, бозпас гардонида мешаванд;
b) таъмини кафолати дархости тендерӣ дар ташкилоти харидор боқӣ мемонад;
c) таъмини кафолати дархости тендерӣ ба буҷети ҷумҳурӣ гузаронида мешавад;
d) ташкилоти харидор кафолати дархостҳои тендериро ба молрасонҳое, ки онро пешниҳод кардаанд, бозпас мегардонад ва ба онҳо барои аз даст додани фоида «ҷаримаи аҳдшиканӣ» пардохт мекунад;
e) ҷавоби дуруст нест.

439. Андозаи таъмини кафолати дархости тендерӣ бояд то______аз арзиши молҳо, кор ва хизматрасониҳое, ки молрасонҳо (пудратчиён) дар дарҳостҳои тендерии худ пешниҳод намудаанд, бошад:
a) беш аз 3%;
b) на зиёда аз 33%;
c) то 3%;
d) беш аз 33%.

440. Таъмини кафолати дархости тендерӣ пешниҳод шуда наметавонад дар шакли:
a) векселҳо;
b) вомбаргҳо;
c) кафолати бонкӣ;
d) гарави амвол.

441.Шакли мушаххаси таъмини кафолати дархости тендериро:
a) мақоми ваколатдор муайян мекунад;
d) ташкилоти харидор муайян мекунад;
c) молрасон (пудратчӣ) интихоб менамояд;
d) тасодуфан интихоб мегардад.

442. Таъмини кафолати дархости тендерӣ ба молрасони (пудратчии) пешниҳодкардаи онҳо баргардонида намешавад, дар ҳолати:
a) гузаштани мӯҳлати эътибори кафолатномаи дархости тендерӣ;
b) бозхондани дархости тендерӣ то гузаштани мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ;
c) аз ҷониби ташкилоти харидор қатъ намудани расмиёти харид то бастани қарордоди харид;
d) рад кардани пешниҳоди кафолатномаи иҷрои қарордоди харид, агар чунин кафолат дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешниҳод шуда бошад.

443. Молрасон (пудратчӣ) ҳуқуқи худро барои гардонидани кафолатномаи дархости тендерӣ аз даст медиҳад, танҳо дар ҳолатҳои:
a) имзои қарордоди харид тибқи шартҳое, ки дар дархостҳои тендерӣ ӯ пешбинӣ шудааст;
b) эътибор пайдо кардани қарордоди харид ва пешниҳоди кафолатномаи иҷрои қарордоди харид, агар чунин кафолат дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешбинӣ шуда бошад;

c) бозхондани дархости тендерӣ то аз гузаштани мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ;
d) рад кардани қабулиислоҳи ғалати арифметикӣ.

444. Гузаронидани гуфтушунид байни ташкилоти харидор ва молрасон (пудратчӣ) оид ба дархости тендерии пешниҳодшуда:
a) иҷозат дода мешавад (мумкин аст), агар тартиби дигаре дар қонуни хариди давлатӣ пешбинӣ нашуда бошад;
b) маъқул дониста мешавад, агар тартиби дигаре дар қонуни хариди давлатӣ пешбинӣ нашуда бошад;
c) иҷозат дода намешавад;
d) иҷозат дода мешавад, агар байни молрасон ва ташкилоти харидор оид ба ин аҳду паймон шуда бошад.

445. Дархостҳои тендерӣ кушода мешаванд:
a) на дертар аз 5 рӯз аз рӯзи гирифтани онҳо аз молрасонҳо (пудратчиён);
b) фавран (дарҳол) пас аз гирифтани онҳо аз молрасонҳо (пудратчиён);
c) тибқи мӯҳлат ва дар маҳалли муайян дар дархостҳои тендерӣ зикршуда;
d) фавран (дарҳол) пас аз гирифтани онҳо аз молрасонҳо (пудратчиён).

446. Баъди ба охир расидани эътибори ӯҳдадории кафолати дархости тендерӣ:
a) таъмини кафолат ба молрасонҳое, ки онро пешниҳод кардаанд, бозпас гардонида мешаванд;
b) молрасон аз тендер хориҷ карда мешавад;
c) молрасон ӯҳдадор аст, ки онро тамдид кунад;
d) моларсон ҳуқуқ дорад ба иҷрои қарордод шурӯъ кунад.

447. Иштирок ҳангоми кушодани дархостҳои тендерӣ иҷозат дода мешавад:
a) танҳо ба намояндаи довталабон ;
b) танҳо ба роҳбари ташкилоти харидор;
c) ба ҳамаи довталабон ё намояндаи ваколатдори онҳо;
d) ба ҳар як хоҳишманд.

448. Ном ва суроғаи ҳар як довталабе, ки дархости он кушода шудааст, инчунин нархи дархости тендерӣ, шакл, андозаи таъмини кафолат фавран ба шахсони ҳангоми кушодани дархостҳои тендерӣ иштирокдошта эълон ва сабт мегардад:
a) дар протоколи кушодани дархостҳои тендерӣ;
b) дар дархостҳои тендерӣ;
c) дар санади кушодани дархостҳои тендерӣ;
d) дар рӯзномаи маҳаллӣ.

449. Ҳангоми кушодани дархостҳои тендерӣ ном ва суроғаи ҳар як довталабе, ки дархости он кушода шудааст, нархи дархости тендерӣ, шакл, андозаи таъмини кафолат фавран ба шахсони ҳангоми кушодани дархостҳои тендерӣ иштирокдошта эълон ва сабт мегарданд:

a) ба шахсони ҳангоми кушодани дархостҳои тендерӣ иштирокдошта эълон ва дар протоколи кушодани дархостҳои тендерӣ сабт мегарданд;
b) ба шахсони ҳангоми кушодани дархостҳои тендерӣ иштирокдошта эълон карда мешаванд;
c) дар протоколи кушодани дархостҳои тендерӣ сабт мегарданд;
d) иттилоот ҳангоми кушодани дархостҳои тендерӣ махфӣ буда, ошкор карда намешавад.

450. Дар раванди баррасии дархостҳои тендерӣ ташкилоти харидор ислоҳ мекунад:
a) баъзе бандҳои дархостҳои тендериро;
b) танҳо ғалатҳои грамматикӣ, ки дар раванди баррасии дархостҳои тендерӣ ошкор шудаанд;
c) танҳо ғалатҳои арифметикӣ, ки дар раванди баррасии дархостҳои тендерӣ ошкор шудаанд;
d) танҳо ғалатҳои синтаксисӣ, ки дар раванди баррасии дархостҳои тендерӣ ошкор шудаанд.

451. Ташкилоти харидор оид ба ҳама гуна ислоҳот молрасон (пудратчӣ)-ро, ки дархости тендерии мазкурро пешниҳод кардааст, огоҳ менамояд:
a) фавран;
b) дар мӯҳлати 3 рӯзи корӣ;
c) дар мӯҳлати 5 рӯзи корӣ;
d) огоҳ наменамояд.

452. Комиссияи тендерӣ дархости тендерии молрасонро (пудратчӣ)-ро баррасӣ ва рад мекунад, шуъба оид ба хариди ташкилоти харидор бошад ба _____________ маводи дахлдорро бо далелҳои асоснок ҷиҳати ворид намудани ном ё номгӯйи молрасон (пудратчӣ) ба Реестри молрасонҳои (пудратчиёни) беэътимод (бевиҷдон) пешниҳодменамояд:
a) мақоми ваколатдор;
b) ташкилоти харидор;
c) молрасонҳо;
d) суд;

453. Комиссияи тендерӣ дархости тендериро баррасӣ ва рад намекунад, агар:
a) довталаб таъмини кафолати дархости тендериро дар шакли, ҳаҷм ва шартҳои пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ворид накарда бошад:
b) нархи дархости тендерии довталаб аз маблағи барои хариди предмети мазкури харид ҷудогардида зиёд бошад;
c) дархости тендерии мазкур моҳиятан ҷавобгӯйи талаботи ҳуҷҷатҳои тендерӣ набошад;
d) дар он гузашти ночиз мавҷуд бошад, ки онро моҳиятан тағйир намедиҳад.

454. Дархости тендерии ғолиб ба ҳисоб меравад:
a) дархости тендерӣ ё нархномаи бо нархи пастарин пешниҳодшудаи якум;
b) якумин дархости тендерии пешниҳодшуда

c) дархости тендерӣ бо нархи зиёдтарин;
d) дархости тендерӣ ё нархномаи бо нархи пастарин.

455. Омиле, ки комисияи тендерӣ ҳангоми муайян намудани дархост бо арзиши камтарин арзёбишуда ба инобат мегирад, ин (зиёдатиашро хориҷ кунед):
a) мӯҳлати дастрасгардонии молҳо, ба охир расонидани кор ва пешниҳоди хизматрасониҳо;
b) шахсан шинос будан бо молрасон;
c) шарти пардохт;
d) шартҳои кафолат нисбат ба молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо.

456. Ташкилоти харидор озмунҳоро бекор мекунад:
a) дар мувофиқа бо иштирокчиёни озмун;
b) дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор;
c) дар мувофиқа бо аксарияти кулли иштирокчиён;
d) бо салоҳдиди (ихтиёри) худ бе мувофиқаи бо ягон кас.

457. Ташкилоти харидор озмунҳро бекор мекунад, дар ҳолатҳое, ки агар:
a) гузаронидани озмунҳо вобаста ба тағйиротҳои ҷиддии ғайричашмдошти вазъ ба манфиатҳои давлат мувофиқ набошад;
b) ҳамаи дархостҳо маҳрум ё рад карда шуда бошанд;
c) ташкилоти харидор мӯҳлати гузаронидани озмунҳро риоя накарда бошад;
d) ҷавобҳои a, b дурустанд.

458. Ташкилоти харидор ба ҳамаи довталабон огоҳиномаро оид ба бекор кардани озмун ирсол менамояд:
a) дар мӯҳлати 1 рӯзи корӣ;
b) бетаъхир (бе кашолкорӣ);
c) дар мӯҳлати 2 рӯзи корӣ;
d) дар давоми ҳафта.

459. Дар ҳолати рад кардани ҳамаи дархостҳо ташкилоти харидор дар назди довталабон масъулияти_____________ (иборaи ихтисоршударо гузоред):
a) маъмурӣ дорад;
b) ҷиноятӣ дорад;
c) надорад;
d) ҷавоби дуруст нест.

460.Ҳангоми бекор кардани озмуни харид ташкилоти харидор бояд баъди ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ ворид намудани ҳар гуна ислоҳоти зарурӣ такроран_____________доир кунад (ибораи ихтисоршударо гузоред):
a) озмун аз тариқи иштироки номаҳдуд;
b ) озмун аз тариқи иштироки маҳдуд;
c) дархости нархномаҳо;
d) харид аз як манбаъ.

461. Ташкилоти харидор ӯҳдадор аст на дертар аз____________баъди интихоби ғолиби озмун ҳамаи молрасонҳои (пудратчиёни) иштирокдоштаро дар ин хусус огоҳ созад.
a) як рӯз;

b) се рӯз;
c) ду рӯз;
d) панҷ рӯз.

462. Ташкилоти харидор оид ба ғолиби озмун бо зикри ном, маҳалли ҷойгиршавӣ ва нархи дархости пешниҳоднамудааш эълон чоп мекунад:
a) дар сайти ташкилоти харидор;
b) васоити ахбори омма;
c) дар бюллетени хариди давлатӣ;
d) иттилои мазкур чоп карда намешавад.

463. Мақоми ваколатдор оид ба хариди далатӣ ҳуқуқ дорад муқаррар намояд:
a) шаклҳои намунавии ҳисобот оид ба расмиёти харид;
b) тартиби гузаронидани расмиёти харид;
c) талаботи иловагӣ нисбати расмиёти харид, ки дар протокол пешниҳод мегардад;
d) ҷавобҳои а, с дурустанд.

464. Хисоботи расмиёти харид ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар мӯҳлати________рӯз баъди имзои қарордод пешниҳод мегардад:
a) панҷ рӯзи корӣ;
b) се рӯзи корӣ;
c) як рӯзи корӣ;
d) ду рӯзи корӣ;

465.Баъди ба охир расидани ҳар як харид ташкилкунандаи он ӯҳдадор аст:
a) оид ба бастани қарордод бо ғолиби озмун фармон ё ягон ҳуҷҷати амрдиҳанда ба имзо расонад;
b) тибқи шакли намунавӣ бо зикри маълумот оид ба раванди гузаронидани харид ҳисобот таҳия намояд;
c) ба суроғаи ғолиби озмун лоиҳаи қарордодро барои имзо ирсол намояд;
d) бо ғолибиозмун қарордод ба имзо расонад.

466. Воҳиди харид пешбурди_____________молрасонҳоро (пудратчиён)-ро бо имконияти табодули иттилоот дар хусуси молрасонҳо (пудратчиён) бо дигар ташкилотҳои харидори манфиатдор таъмин менамояд:
a) руйхат;
b) реестр;
c) табел;
d) номгӯй.

467. Андозаи пардохт барои ҳуҷҷатҳои тендерӣ:
a) набояд аз ҳаҷми хароҷоти нашр (чоп) ва расонидани он ба иштирокчиён бо тарзҳои маъмулан қабулшуда, зиёд бошад;
b) набояд аз ҳаҷми хароҷоти нашр зиёд бошад реестр;
c) барои ҳуҷҷатҳои тендерӣ маблағ ситонида намешавад;
d) ташкилоти харидор ҳуқуқ надорад барои ҳуҷҷатҳои тендерӣ маблағ гирад (ситонад).

468. То ба охир расидани мӯҳлати қабули дархостҳои тендерӣ ташкилоти харидор мӯҳлати мазкурро тамдид карда метавонад:
a) ихтиёран;
b) тибқи дархости мақоми ваколатдор;
c) бинобар сабаби тавзеҳ ё тағйир додани ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
d) бинобар сабаби тавзеҳи ҳуҷҷатҳои тендерӣ.

469. Давомнокии мӯҳлати нави ба охир расидани қабули дархостҳои тендерӣ баъди тағйироти он набояд камтар бошад, аз:
a) 3 рӯз аз лаҳзаи чопи чунин иттилоот;
b) 5 рӯз аз лаҳзаи чопи чунин иттилоот;
c) 10 рӯз аз лаҳзаи чопи чунин иттилоот;
d) 14 рӯз аз лаҳзаи чопи чунин иттилоот.

470.Талабот нисбат ба маълумотҳои дархости тендерӣ:
a) пешниҳод карда намешавад;
b) набояд ба мубориза рақобатноки иштирокчиён маҳдудиятҳои зиёдатӣ ба вуҷуд орад;
c) бояд ба мубориза рақобатноки иштирокчиён маҳдудиятҳои зиёдатӣ ба вуҷуд орад;
d) ҷавоби дуруст нест.

471. Андозаи таъмини дархостҳои тендерӣ набояд___________аз нархи ибтидоӣ (ҳадди ниҳоии) (агар он эълон шуда бошад) ё аз нархи пешниҳоде, ки иштирокчии озмун дар дархости тендерӣ нишон додааст, зиёд бошад:
a) панҷ фоиз;
b) даҳ фоиз;
c) се фоиз;
d) ду фоиз.

472. Мӯҳлати эътибори таъмини дархости тендерӣ бояд:
a) ба мӯҳлати эътибори дархост баробар ё аз он зиёд бошад;
b) ба мӯҳлати эътибори дархост баробар бошад;
c) аз мӯҳлати эътибори дархост зиёд бошад;
d) аз мӯҳлати эътибори дархост кам набошад.

473. Ҳангоми имзои қарордод таъмини кафолати қарордод пешниҳод мешавад:
a) ба ҳамаи иштирокчиёни озмун;
b) танҳо ба ғолибон;
c) ҷавобҳои a, b дурустанд
d) ба ташкилоти харидор.

474.Дархости тендерӣ баррасӣ намешавад ва ба иштирокчие, ки онро пешниҳод намудааст, накушода баргардонида мешавад, агар:
a) дархост ба талабот ҷавогӯ набошад;
b) агар иштирокчии озмун дархости худро пешакӣ пешниҳод намуда бошад;
c) агар иштирокчии озмун дархости худро бо таъхир (яъне дер) пешниҳод намуда бошад;
d) дархостҳои тендерӣ дар ҳама гуна ҳолат баррасӣ мегарданд.

475. Агар молрасон  пешниҳоди кафолатномаи таъмини иҷрои қарордодро рад кунад:
   a) молрасон  ба иҷрои қарордод бе таъмини кафолат тавакаллан шурӯъ мекунад;
   b) молрасон ҳуқуқи баргардонидаи таъмини кафолати дархости тендериро аз даст медиҳад;
   c) молрасон бояд бар ивази ин мӯҳлати эътибори таъмини кафолати дархости тендериро тамдид кунад;
   d) бо ин гуна молрасон қарордод ба имзо расонида намешавад, вай ҳуқуқи баргардонидани таъмини кафолати дархости тендериро аз даст медиҳад;

476. Агар ҳангоми қабули лифофа бо дархости тендерӣ маълум гардад, ки лифофа мӯҳргузорӣ нашудааст ё ба таври даркорӣ мӯҳр гузошта нашудааст, комиссияи тендерӣ:
   a) бояд қабули ин  гуна дархости тендериро рад кунад;
   b) қабули ин гуна дархости тендериро набояд рад кунад;
   c) ҳуқуқ дорад қабули ин гуна дархости тендериро рад кунад;
   d) ин гуна дархост бояд барои такмил додан баргардонида шавад.

477. Комиссияи тендериро роҳбари ташкилоти харидор таъсис медиҳад ва он вазифаҳои худро иҷро менамояд, дар асосӣ:
a)Низомнома оид ба комиссияи тендерӣ;
b)Низомнома оид ба комиссияи тахассусӣ;
c)Низомнома оид ба комиссияи харид;
d)Фармоиши роҳбари ташкилоти харидор.

478.Дар ҷаласаи комиссияи тендерӣ ҳангоми кушодани лифофаҳо бо дархостҳои тендерӣ бояд иштирок кунанд:
   a) на камтар аз ду аъзои комиссияи тендерӣ;
   b) на камтар аз  се аъзои комиссияи тендерӣ;
   c) на камтар аз чор аъзои комиссияи тендерӣ;
   d) на камтар аз панҷ аъзои комиссияи тендерӣ.

479. Дар раванди ба таври оммавӣ кушодани лифофаҳои ба тендер воридшуда раис ё ҳар кадом аъзои комиссияи тендерӣ вобаста ҳуҷҷатҳои тендерии пешниҳодшуда,иттилоотро эълон мекунад:
   a) дар бораи маводи дохили лифофа;
   b) оид ба дархостҳое, ки рад карда шудаанд;
   c) ҳар гуна маълумоти дигар, ки комиссияи тендерӣ эълони онро лозим медонад;
   d) ҷавобҳои a) ва c) дурустанд.

480. Ташкилоти харидор бояд иттилоотро оид ба натиҷаҳои тендери баргузоргардида чоп кунад, на дертар:
   a) аз 1 рӯзи интихоби ғолиби озмун;
   b) аз 3 рӯзи интихоби ғолиби озмун;
   c) аз 5 рӯзи интихоби ғолиби озмун;
   d) аз 10 рӯзи интихоби ғолиби озмун;

481. Ғолиби тендер иштирокчие дониста мешавад, ки дархости тендерӣ пешниҳод намуда, бо қарори Комиссия тендерӣ ҳамчун пешниҳоди беҳтарин эътироф гардидааст:

a) аз рӯи нарх;
b) мувофиқи натиҷаи марҳилаи баҳодиҳӣ ҳамчун пешниҳоди беҳтарин эътироф гардидааст ва дар танзими ҷамъбастии дархостҳо аз рӯи дараҷаи афзалиятнокӣ ҷойи аввалро ишғол кардаст;
c) аз рӯи нарх ва мӯҳлати иҷрои корҳо;
d) аз рӯи нарх ва мӯҳлати ичрои корҳо ва андозаи таъмини қарордод.

482. Ташкилоти харидор ба иштирокчии ғолиб дар хусуси ғолиби тендер дониста шуданаш ҳабар медиҳад ва ӯро барои имзо намудани протокол дар бораи натиҷаҳои тендер даъват мекунад, на дертар аз:

a) 1 рӯз;
b) 3 рӯз;
c) 5 рӯз;
d) 10 рӯз.

483. Дар ҳолате, ки агар тендер барпонашуда эътироф шавад, ташкилотихаридор бояд иттилоотро оид ба ин нашр намояд, дар давоми:

a) 1 рӯз аз лаҳзаи имзои протокол дар бораи барпонашуда эътироф намудани тендер;
b) 3 рӯз аз лаҳзаи имзои протокол дар бораи барпонашуда эътироф намудани тендер;
c) 5 рӯз аз лаҳзаи имзои протокол дар бораи барпонашуда эътироф намудани тендер;
d) 10 рӯз аз лаҳзаи имзои протокол дар бораи барпонашуда эътироф намудани тендер.

484. Огоҳинома барои бастани шартнома оид ба хариди давлатӣ бо зикри ном ва суроғаи молрасон (пудратчӣ), ки бо ӯ қарордод ба имзо расидааст ва нархи шартнома ба иттилои ҳамаи молрасонҳое (пудратчиёне), ки дар расмиёти хариди давлати ширкат варзидаанд, расонида мешавад:

a) дар мӯҳлати панҷ рӯз аз рӯзи ба имзо расидани он;
b) дар мӯҳлати се рӯз аз рӯзи ба имзо расидани он;
c) дар мӯҳлати ду рӯз аз рӯзи ба имзо расидани он;
d) дар мӯҳлати ҳафт рӯз аз рӯзи ба имзо расидани он.

485.Ташкилоти харидор оид ба расмиёти хариди давлатӣ ба мақоми ваколатдор оид ба хариди даввлатӣ ҳисобот пешниҳод менамояд:

a) дар мӯҳлати  се рӯз аз рӯзи бастани шартнома оид ба харид;
b) дар мӯҳлати  ду рӯз аз рӯзи бастани шартнома оид ба харид;
c) дар мӯҳлати  ҳафт  рӯз аз рӯзи бастани шартнома оид ба харид;
d) дар мӯҳлати  панҷ рӯз аз рӯзи бастани шартнома оид ба харид;

486. Ташкилоти харидор аз молрасон (пудратчӣ) таъмини кафолати иҷрои шартномаи харидро дархост карда______________.

a) наметавонад;
b) бояд дархост кунад;

c) метавонад;
d) метавонад, бо иҷозати мақоми ваколатдор.

487.Ташкилоти харидор ҳуқуқ надорад ошкор намояд:
a) маълумотеро, ки ошкор намудани он ба манфиати давлат намебошад ё ба манфиати тиҷоратии иштирокчиёни расмиёти хариди давлатӣ ва ё принсипҳои рақобати одилона зарар мерасонад;
b) маълумотро доир ба омӯзиш, арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳои тендерии пешниҳодшуда ва мӯҳтавои он то анҷоми озмуни харид;
c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
d) ҷавоби дуруст нест.

488. Ба шахсоне, ки ҷиҳати намояндагӣ кардани ташкилоти харидор ваколатдор карда шудаанд, манъ аст:
a) таъсир расонидан ба расмиёти хариди давлатӣ ба манфиати ҳар гуна тарафҳои харид;
b) иштироки дар қабули қарорҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ, агар онҳо бо ин ё он иштирокчии озмуни харид робитаи хешутаборӣ ё корӣ дошта бошанд, мустақим ё ғайримустақим ба натиҷаҳои харид манфиатдор бошанд;
c) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд;
d) ҷавоби дуруст нест.

489.Ташкилоти харидор ва ғолиби озмун ҳуқуқ доранд дар сурати оғоз нагардидани расмиёти пешниҳоди шикоят қарордоди харидро ба имзо расонанд, баъди:
a) 3 рӯз;
b) 2 рӯз;
c) 5 рӯз;
d) 4 рӯз.

490.Дар ҳолате, ки агар молрасони (пудратчии) интихобшуда карордодро имзо накунад ё кафолати иҷрои қарордоди харидро фароҳам наоварад, комиссияи тендерии ташкилоти харидор дархости тендерии ғолибро аз ҳисоби дархостҳои боқимондаи дорои эътибори тендерӣ интихоб мекунад, ки мутбиқатмекунад ба:
a) шартҳои кафолат нисбат ба молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо;
b) шартҳои пардохт;
c) мӯҳлати таҳвили молҳо, анҷоми корҳо ва пешниҳоди хизматрасониҳо;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

491.Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад озмуни харидро бекор кунад:
a) дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор;
b) агар ҳамаи дархостҳо маҳрум ё рад карда шуда бошанд;
c) агар анҷом додани харид дар натиҷаи тағйиёбии ҷиддии ғайричашмдошти вазъ дигар ба манфиати давлат мувофик набошад;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

492. Ҳангоми анҷом додани расмиёти харид ташкилоти харидор оид ба расмиёти харид ҳисобот таҳия менамояд, ки дорои маълумоти зерин мебошад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
- a) нарх ва дигар шартҳои асосии ҳар як дархости тендерӣ ва ё пешниҳод;
- b) тавсифи моводи (предмети) харид оид ба ҳар як лот;
- c) маълумот оид оид ба сана ва вақти гузаронидани озмун;
- d) иттилоот оид ба шикоят ва даъвоҳои пешниҳодшуда ва роҳҳои ҳалли онҳо.

493. Ҳисоботи содда ҳангоми харид бо усули аз як манбаъ дорои иттилооти зерин мебошад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
- a) нарх ва дигар шартҳои асосии харид;
- b) иттилоот оид ба ҷалби коршиносон;
- c) асосоноксозии истифодаи усули мазкури харид;
- d) тасвири предмети харид оид ба хар як лот.

494. Ҳангоми баррасии таҳлили натиҷаҳои фаъолияти марбут ба харид воҳиди харид бояд таваҷҷӯҳ намояд ба:
- a) ба сохтори харид вобаста ба тарзҳои татбиқи он ва ҳаҷми расмиёти танзимёфта дар ҳаҷми умумии маблағгузории харид;
- b) сифати маҳсулоти харидоришуда ва ҳам кори молрасонҳо бо мақсади баҳисобгирии арзёбиҳои мазкур ҳангоми таҳияи нақшаи барои соли оянда ва эҳтимоли ивазшавии бартариятҳо нисбати талабот ба маҳсулот (аз ҷониби молрасонҳо) ҳангоми гузаронидани озмунҳои нав;
- c) иҷрои шартҳои қарордод аз ҷониби молрасонҳо (шумора, сифат, ҷадвали таҳвил);
- d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

495.Гузаронидани озмуни кушод иборат аст аз марҳилаҳои:
- a) интихоби ғолиб;
- b) таҳияи хабарнома оид ба гузаронидани тендер, ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва тасдиқ намудани онҳо;
- c) ба таври оммавӣ кушодани лифофаҳо бо дархостҳои тендерӣ;
- d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

496. Дархостҳои тендерӣ то мӯҳлате, ки дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикр гардидааст, қабул карда мешаванд, ки оид ба ин қайд карда мешавад, дар:
- a) дафтари қайди дархостҳои тендерӣ;
- b) реестри қайди дархостҳои тендерӣ;
- c) руйхати қайди дархостҳои тендерӣ;
- d) номгӯйи қайди дархостҳои тендерӣ.

497. Оид ба натиҷаи расмиёти кушодани лифофаҳо бо дархостҳои тендерӣ Комиссияи тендерӣ тартиб медиҳад:
- a) протоколи ҷаласаи комиссияи тендерӣ оид ба кушодани лифофаҳои ба тендер воридгардида;
- b) ҳисоботи ҷаласаи комиссияи тендерӣ оид ба кушодани лифофаҳои ба тендер воридгардида 2 рӯз;

c) маърӯзаи комиссияи тендерӣ оид ба кушодани лифофаҳои ба тендер воридгардида 5 рӯз;
d) ягон чиз тартиб додан лозим нест, зеро сабти аудиоии расмиёти кушодани лифофаҳо ба роҳ монда шудааст.

498. Расмиёте, ки вобаста ба бастани шартнома амалӣ мегарданд, пешбинӣ менамоянд:
a) омода намудани лоиҳаи шартнома дар асоси талаботи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва дархости ғолиби тендер, мувофиқаи ниҳоии шартҳои дар рафти гузаронидани тендер муайяннашуда дар гуфтушунидҳои пешазшартномавӣ ва имзо;;
b) баргардонидани таъмини дархости тендерии ғолиби тендер;
c) назорат аз болои иҷрои ҳамаи шартҳо барои эътибор пайдо кардани шартнома;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

499. Иттилооти нашршаванда оид ба натиҷаҳои тендери гузаронидашуда бояд дарбар гирад:
a) номгӯй ва суроғаи ҳуқуқии молрасоне, ки ғолиби тендер дониста шудааст;
b) предмети тендер;
c) номи аъзои комиссияи тендерӣ;
d) ҷавобҳои a) ва b) дурустанд.

500. Дар ҳолате, ки агар тендер барпонашуда эътироф шавад, ташкилоти харидор бояд иттилоотеро нашр намояд, ки дорои_______бошад:
a) истинод ба манбае, ки дар он огоҳинома дар бораи гузаронидани тендер расман нашр шудааст, бо нишон додани рақами огоҳинома ва таърихи интишори он;
b) предмети тендер;
c) иттилоот дар бораи он, ки тендер барпо нагашт;
d) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида.

501. Байни иштирокчии тендер ва ҳамиҷрочии он то пешниҳоди дархости тендерӣ_______________шартномаи пешакӣ баста шудааст, ки он ба ғайр аз дигар масъалаҳо, инчунин номгӯй, мӯҳлат, арзиш ва тартиби иҷрои предмети тендерро бо ҳар кадом ҳамиҷрочӣ, дар сурати бастани қарордод бо иштирокчии тендер, муайян менамояд:
a) мумкин аст;
b) набояд;
c) эҳтимол аст;
d) мумкин нест.

502.Бо иҷозати хаттии ташкилкунандаи тендер иҷрои предмети тендер аз ҷониби ҳамиҷроичиёни (субподрядчик) молрасони асосӣ:
a) иҷозат дода мешавад;
b) ҳатмӣ аст;
c) қатъиян манъ аст;
d) ҳамеша амалӣ мегардад.

503. Мубодилаи (мукотиба) маълумот байни ташкилкунандаи тендер ва иштирокчиёни тендер амалӣ мегардад:

a) ба таври шифоҳӣ;
b) дар шакли хаттӣ;
c) дар шакли барои ҳарду ҷониб мувофиқ;
d) ҷавоби дуруст нест.

504. Ташкилкунандаи тендер ба довталабони бақайдгирифташуда тавсия менамояд, ки дархостҳоро ирсол намоянд, на дертар аз:
a) 15 рӯз то ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди дархостҳо барои иштирок дар тендер;
b) 20 рӯз то ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди дархостҳо барои иштирок дар тендер;
c) 10 рӯз то ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди дархостҳо барои иштирок дар тендер;
d) 25 рӯз то ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди дархостҳо барои иштирок дар тендер.

505. Ташкилкунандаи тендер то ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ ба довталабони бақайдгирифташуда барои иштирок дар тендер иловаҳои расмиро ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ ирсол карда метавонад, ки онҳо минбаъд ҳамчун қисми ҷудонопазири ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур баррасӣ мегарданд:
a) оид ба тағйиротҳо огоҳонидан зарур нест;
b) тавассути огоҳнамоӣ бо телефон;
c) тавассути ирсоли иловаҳои расмӣ ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ ба довталабони бақайдгирифташуда барои иштирок дар тендер;
d) тавассути ирсоли иловаҳои расмӣ ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ ба довталабони бақайдгирифташуда барои иштирок дар тендер, ки онҳо минбаъд ҳамчун қисми ҷудонопазири ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур баррасӣ мегарданд.

506. Оид ба тағйиротҳои вориднамудаи ташкилкунанда ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ ҳамаи довталабони бақайдгирифташуда барои иштирок дар тендер огоҳонида мешаванд:
a) бо мактуб;
b) бо мактуб ё телеграмма;
c) бо телефон;
d) бо телеграмма.

507. Барои иттилоот нагирифтани иштирокчӣ оид ба тағйири ҳуҷҷатҳои тендерӣ, агар чунин иштирокчӣ ҳуҷҷатҳои тендериро ба тариқи ғайрирасмӣ гирифта бошад, ташкилкунандаи тендер:
a) масъул аст;
b) масъул нест;
c) масъул шуда метавонад;
d) ҷавоби дуруст нест.

508. Огоҳинома оид ба тамдиди мӯҳлати пешниҳоди дархост барои иштирок дар тендер ба ҳамаи довталабони бақайдгирифташуда барои иштирок дар тендер ирсол мегардад:
a) дар мӯҳлати панҷ рӯз;
b) дар мӯҳлати се рӯз;

c) дар мӯҳлати ду рӯз;
d) фавран

509. Истифодаи забони дигар барои тайёр кардани дархости тендерӣ вайронкунии ҷиддии шартҳои тендер_______________ ва_____ рад кардани дархости тендерӣ____________.

a) ҳисобида мешавад; ва боис мегардад;
b) ҳисобида намешавад; вале боис намегардад;
c) ҳисобида мешавад; вале боис намегардад;
d) ҳисобида намешавад; ва боис намегардад;

510. Бо молрасон нисбати дархости тендерии пешниҳоднамудааш кӣ гуфтушунид анҷом дода метавонад?

a) танҳо ташкилоти харидор;
b) ташкилоти харидор дар ҳузури дигар молрасонҳо;
c) дигар молрасонҳо;
d) хеҷ кас наметавонад, ин гуна гуфтушунидҳо манъ аст.

511. Дар кадом лаҳзаи вақт имтиёҳои барои молрасонҳои дохилӣ пешбинӣшуда ба инобат гирифта мешаванд?

a) ҳангоми арзёбии тахассуси молрасонҳо;
b) ҳангоми арзёбии дархостҳои тендерӣ бо нархи пастарин;
c) ҳангоми арзёбии дархостҳои тендерӣ бо арзиши таҳқиқшудаи камтарин;
d) ҳангоми арзёбии дархостҳои тендерӣ бо нархи пастарин ва арзёбии дархостҳои тендерӣ бо арзиши таҳқиқшудаи камтарин.

512. Ҳангоми ҷалби ташкилкунандаи хариди беруна, ҳисобот оид ба иҷрои расмиёт бо ҳамроҳии протоколҳои асл нигоҳ дошта мешавад, дар:

a)мақомоти ваколатдор;
b)ташкилоти харидор;
c)ташкилкунандаи харид;
d) муассисае, ки назоратро таъмин менамояд.

513. Иштирокчии тендер ба ташкилкунандаи тендер лифофаро бо дархости тендерии аслӣ (оригинал) ва нусхаи он_________________бо суроғаи ташкилкунандаи тендер ирсол менамояд:

a) бо хаткашон;
b) бо мактуби фармоишӣ (заказной);
c) бо мактуби фармоишии дорои огоҳиномаи супурдан;
d) бо хаткашон ё мактуби фармоишии дорои огоҳиномаи супурдан;

514. Агар дар раванди арзёбии дархостҳои тендерӣ нархи чунин дархостҳо бо якчанд асъор нишон ифода ёфта бошанд, Комиссияи тендерӣ бояд чӣ кор кунад?

a) нархи ҳамаи дархостҳои тендерӣ тибқи арзиши дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикргардида бо як асъор ҳисобкарда мешавад;
b) чунин дархостҳо фавран рад карда мешаванд;
c) нархи ҳамаи дархостҳои тендерӣ бо доллар ҳисоб карда мешавад;
d) чунин вазъият номумкин аст, зеро молрасонҳо дархостҳои тендерии худро танҳо бо сомонӣ пешниҳод карда метавонанд.

515. Ташкилкунандаи тендер дархостҳои воридшударо ба ҳисоб мегирад ва оид ба гирифтани он бо зикри сана ва вақти гирифтани он_________ медиҳад:

a) забонхат;
b) огоҳинома;
c) эъломия;
d) ҷавоби дуруст нест.

516.Ҳангоми гирифтани дархости тендерӣ ташкилкунанда медиҳад:

a) ягон чиз додан лозим нест;
b) забонхат оид ба гирифтани он бо зикри сана ва вақти гирифтан;
c) огоҳинома оид ба гирифтани он бо зикри сана ва вақти гирифтан;
d) эъломия оид ба гирифтани он бо зикри сана ва вақти гирифтан;

517.Иштирокчии тендер_________________дархости тендерии худро барои иштирок дар тендер, ки Ташкилоти харидор гирифтааст тағйир диҳад ё баргардонад:

a) ҳуқуқ дорад;
b) ҳуқуқ дорад бо иҷозати мақоми ваколатдор;
c) ҳуқуқ надорад;
d) ҳуқуқ надорад ба истиснои ҳолатҳое, ки ташкилкунандаи тендер ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ тағйирот ворид намояд.

518. Иштирокчии тенедер ҳуқуқ надорад дархости тендерии худро, ки ташкилкунандаи тендер гирифтааст, тағйир диҳад ё баргардонад:

a) иштирокчии тендер ҳуқуқ дорад дархости тендерии худро ҳар вақт бо салоҳдиди худ тағйир диҳад;
b) ба истиснои ҳолатҳое, ки ташкилкунандаи тендер ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ тағйирот ворид намояд;
c) ба истиснои ҳолатҳое, ки агар ташкилоти харидор аз иштирокчӣ хоҳиш намояд;
d) ба истиснои зарурати тағйири нарх дар мавриди тағйир ёфтани курси асъор.

519. Ба иштирокчиёни дар тендер ҳузурдошта то эълони пешниҳодҳо_________________лифофаҳои иловагӣ барои ворид намудани пешниҳоди хаттӣ оид ба ворид намудани тағйирот ба дархости тендерӣ дода шавад:

a) бояд;
b) шояд (эҳтимол аст);
c) набояд;
d) ҷавоби дуруст нест.

520. Тартиби огоҳ намудан оид ба интихоби ғолиб чӣ гуна аст?

a) ташкилоти харидор молрасон-ғолибро огоҳ менамояд;
b) комиссияи тендерӣ молрасон-ғолибро огоҳ менамояд;
шояд (эҳтимол аст);
c) ташкилоти харидор дар бюллетени хариди давлатӣ дар бораи ғолиб эълон чоп мекунад;
d) ҷавобҳои a) ва c) дурустанд.

521. Барои риоя накардани Қонуни мазкур шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба муқарароти муайяншуда ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, аз тарафи:
a) мақомоти ваколатдор;
b) роҳбари ташкилоти харидор;
c) қонунгузории Иттиҳоди Авропо;
d) қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

522. Маълумоти ҳангоми кушодани лифофаҳо бадастомада ворид карда мешавад, ба:
a) реестри гузаронидани тендер;
b) протоколи гузаронидани тендер;
c) санади гузаронидани тендер ;
d) маълумоти ҳангоми кушодани лифофаҳо бадастомада махфӣ буда, ба ягон ҷо ворид карда намешавад.

523. Оид ба натиҷаи баррасии ҳар як дархост дар протокол қайд карда мешавад______________ҳуҷҷатҳои дархостшаванда мутобиқи шартҳои ҳуҷҷатҳои тендерӣ тибқи ҳуҷҷатҳои стандартии тендерӣ барои хариди мол, корва хизматрасонӣ вобаста ба интихоби молрасон (пудратчӣ):
a) мавҷуд будани;
b) мавҷуд набудани;
c) мавҷуд будан ё мавҷуд набудани;
d) ҷавоби дуруст нест.

524. Комиссияи тендерӣ барои таҳияи ақидаи асоснок нисбати мутобиқати дархостҳои тендерӣ ба талабот, гузаронида метавонад:
a) ташхиси дархостҳо;
b) озмоиш;
c) санҷиш;
d) машварат бо молрасон.

525. Комиссияи тендерӣ дархостро барои иштирок дар тендер дар ҳолате рад карда наметавонад, ки агар:
a) иштирокчии тендер, ки дархост пешниҳод намудааст, аз тавзеҳ додани муқаррароти дархости тендерӣ даст кашад;
b) довталаб барои ислоҳи ғалатҳои арифметикӣ розӣ набошад;
c) агар таъмини кафолати дархости тендерӣ пешниҳод нашуда бошад;
d) ҷавоби дуруст нест.

526. Ташкилкунандаи тендер иштирокчии бурднамудаи(ғолиби)тендерро оид ба ғолиб эътироф гардидани ӯ хабардор менамояд:
a) дар мӯҳлати се рӯз баъд аз муайян гардидани ғолиби тендер;
b) дар мӯҳлати панҷ рӯз баъд аз муайян гардидани ғолиби тендер;
c) дар мӯҳлати  чор рӯз баъд аз муайян гардидани ғолиби тендер;
d) дар мӯҳлати ҳафт рӯз баъд аз муайян гардидани ғолиби тендер.

527. Ташкилкунандаи тендер дар мӯҳлати ____________ аз рӯзи муайян гардидани ғолиби тендер дигар иштирокчиёни тендерро аз натиҷаи он огоҳ менамояд:
a) 3 рӯз;
b) 5 рӯз;
c) 7 рӯз;

d) 2 рӯз.

528. Ҳамасола, пеш аз таҳияи нақшаи солонаи харид воҳиди харид натиҷаи фаъолияти харидро таҳлил менамоянд, бо мақсади:

a) таҳлили ҳолатҳои мураккаби молиявӣ дар ташкилот;

b) таҳлили вазъияти мураккаби бозор;

c) баланд бардоштани самаранокии фаъолияти харид;

d)таҳияи ҳисобот доир ба фаъолияти воҳиди харид.

529. Дархости тендерӣ таҳия мегардад, тибқи:

a) қоидаҳо оид ба таҳияи дархости тендерӣ;

b) дастур оид ба таҳияи дархости тендерӣ;

c) тартиб (регламент) оид ба таҳияи дархости тендерӣ;

d) ҷавоби дуруст нест.

530. Дархости тендерӣ бояд таҳия ва имзо карда шавад:

a) аз ҷониби роҳбари ташкилот – иштирокчии тендер;

b) шахси барои он ваколатдор;

c) роҳбар ё шахси барои он ваколатдор;

d) ҷавоби дуруст нест.

531. Андешаи нодурустро интихоб намоед:

a)мол – ҷузъи ҷудонопазири як предмети харид;

b) мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба харид – мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва сиёсати давлатиро дар соҳои хариди мол, кор ва хизматрасонӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ татбиқ менамояд;

c)комиссияти тахассусӣ – мақоме, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва ба ташкилоти харидор мақоми «ташкилоти харидори соҳибихтисос»-ро раво медонад;

d) ҳуҷҷатҳои тендерӣ – лифофаи ҳуҷҷатҳо, ки дорои шартҳо ва тартиби гузаронидани тендер буда, аз ҷониби ташкилоти харидор ба молрасон (пудратчӣ) барои таҳияи дархости тендерӣ пешниҳод карда мешавад.

532. Молрасон (пудратчӣ) бо истифодаи таҷриба ва дониши худ, таъмин мекунад:

533. Ҳангоми таҳияи ҳисобҳо барои асосноксозии арзиши дархост иштирокчии тендер мумкин аст усулҳои гуногунро татбиқ намояд (зиёдатиашро ихтисор кунед):

a) захиравӣ;

b) базисӣ-индексӣ;

c) бо истифодаи хазинаи маълумот оид ба арзиши харидҳои қиёсии пеш амалигашта, ки экспертизаи давлатиро гузаштаанд ;

d) хароҷотӣ.

534. Дар арзиши дархост, дар ҳаҷми хароҷот бояд намудҳои зерини хароҷот ба инобат гирифта шаванд:

a) андозҳо, боҷҳо, пардохтҳо ва дигар маблағҳои ҳатмӣ, ки молрасон (пудратчӣ) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ мегузаронад, инчунин андозҳо, боҷҳо, пардохтҳо ва дигар маблағҳои ҳатмие, ки

ҳамиҷрочии он мутобиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ мегузаронад;

b) хароҷотҳо барои пардохти (пардохтҳои суғуртавӣ) оид ба суғурта мутобиқи тартиби муқарраршуда;

c) андозҳо, боҷҳо, пардохтҳо ва дигар маблағҳои ҳатмӣ, ки молрасон (пудратчӣ) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ мегузаронад, инчунин андозҳо, боҷҳо, пардохтҳо ва дигар маблағҳои ҳатмие, ки ҳамиҷрочии он мутобиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ мегузаронад. ) Хароҷотҳо барои пардохти (пардохтҳои суғуртавӣ) оид ба суғурта мутобиқи тартиби муқарраршуда;

d)ҷавоби дуруст нест.

535. Ташкилоти харидор оид ба расмиёти хариди давлатӣ ба мақоми ваколатдор оид ба хириди давлатӣ ҳисобот пешниҳод менамояд, ки дар он инъикос меёбад:

a) тавсифи предмети харид оид ба ҳар як лот;

b) иттилоот  дар бораи боздоштани расмиёт;

c) иттилоот дар бораи ҷалби коршиносон;

d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

536.Андозаи таъмини кафолати иҷрои шартнома оид ба харид наметавонад  зиёд бошад аз:

a) даҳ фоизи арзиши шартнома;

b) понздаҳ фоизи арзиши шартнома;

c) ҳафт фоизи арзиши шартнома;

d) дувоздаҳ фоизи арзиши шартнома.

537. Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад шартномаи харидро на дертар аз__________аз лаҳзаи ба ӯ маълум гардидани тағйиёбии ҷиддии ҳолатҳо, ки тарафҳо зимни бастани шартномаи харид дар назар доштанд ва тағйироте, ки пешбиниашон дар лаҳзаи бастани шартномаи харид имконнопазир буд ва ҳамзамон агар иҷрои шартнома хилофи манфиатҳои давлат бошад, бекор кунад:

a) мӯҳлати як ҳафта;

b) мӯҳлати ду ҳафта ;

c) мӯҳлати се ҳафта ;

d) мӯҳлати як моҳ.

538. Тарафе, ки оид ба қарордоди харид эътирози тарафи дигарро қабул намудааст, вазифадор аст онро баррасӣ намуда, ҷавобро дар шакли хаттӣ ирсол намояд, дар давоми:

a) панҷ рӯз аз рӯзи пешниҳоди эътироз;

b) даҳ рӯз аз рӯзи пешниҳоди эътироз ;

c) понздаҳ рӯз аз рӯзи пешниҳоди эътироз;

d) бист рӯз аз рӯзи пешниҳоди эътироз.

539. Дархости тендерие, ки баъди ба охир расидани мӯҳлати дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқарраргардида ворид гардидааст:

a) ба тартиби умумӣ баррасӣ мегардад;
b) дермонда ҳисобида шуда, баррасӣ намегардад;
c) ба тартиби умумӣ баррасӣ гардида, зимнан дар протокол қайд мешавад, ки дархост дер мондааст;
d) дар ҳолате баррасӣ мегардад, ки агар дар он шартҳои беҳтари иҷрои қарордод пешбинӣ шуда бошанд.

540. Комиссияи тендерӣ дархострo барои иштирок дар тендер дар ҳолатҳое рад менамояд, ки агар:
a) арзиши дархости тендерӣ аз маблағи ҷудогардида зиёд бошад;
b) агар таъмини кафолати дархости тендерӣ ворид нашуда бошад;
c) дархости тендерӣ ба талаботе, ки ҳуҷҷатҳои тенедерӣ пешбинӣ намудаанд, ҷавобгӯ набошад;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

541. Роҳбари ташкилоти харидор Комиссияи тендериро таъсис медиҳад:
a) барои як сол;
b) барои мӯҳлати номаҳдуди вақт;
c) барои ҳар як хариди алоҳида;
d) барои шумораи муайяни расмиёти харид.

542. Молрасон (пудратчӣ) ҳуқуқ дорад дархости тендерии худро тағйир диҳад ё бозхонад:
a) молрасон ҳуқуқ надорад дархострo бозхонад ё тағйир диҳад;
b) ҳар лаҳзаи вақт;
c) то ба охир расидани мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархостҳои тендерӣ;
d) на дертар аз 3 рӯзи мӯҳлати ниҳоии ба охир расидани пешниҳоди дархостҳои тендерӣ.

543. Огоҳинома дар бораи бастани шартнома оид ба хариди давлатӣ бо зикри ном ва суроғаи молрасон (пудратчӣ), ки бо ӯ шартнома баста шудааст ва арзиши шартнома ба молрасонҳое, ки дар озмун иштирок доштанд, расонида мешавад, дар муддати се рӯз аз рӯзи:
a) бастани шартнома;
b) қабули қарор оид ба ғолиби озмун;
c) анҷоми иҷрои шартнома;
d) огоҳинома ба молрасонҳо расонида намешавад, танҳо дар сайт чоп мегардад.

544. Огоҳинома дар бораи бастани шартнома оид ба хариди давлатӣ бо зикри ном ва суроғаи молрасон (пудратчӣ), ки бо ӯ шартнома баста шудааст ва арзиши шартнома дар муддати се рӯз аз рӯзи бастани он:
a) ба маълумоти ҳамаи молрасонҳое (пудратчиёне), ки дар расмиёти хариди давлатӣ иштирок доштанд, расонида мешавад;
b) ба молрасони ғолиб ирсол мегардад;
c) дар сайти расмӣ чоп мегардад;
d) ба ягон кас ирсол намегардад.

545. Ташкилоти харидор оид ба натиҷаи вохӯрӣ бо молрасонҳо (пудратчиён) вобаста ба воридшавии дархост оид ба тавзеҳи ҳуҷҷатҳои

тендерӣ, санад (ҳуҷҷат) тартиб медиҳад ва он ба ҳамаи молрасонҳо пешниҳод мегардад:

a) на дертар аз се рӯзи корӣ то ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ;
b) фавран;
c) то ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ;
d) на дертар аз панҷ рӯзи корӣ то ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ.

546. Тибқи дархости молрасоне, ки дархости тендерӣ пешниҳод намудааст, _______________ (ки?) бо зикри сана ва вақти гирифтани дархости мазкур забонхат медиҳад?:

a) мақоми ваколатдор;
b) ташкилоти харидор ва мақоми ваколатдор;
c) ташкилоти харидор;
d) дода намешавад.

547. Комиссияи тендериро роҳбари ташкилоти харидор таъсис медиҳад:

a) барои ҳар як хариди алоҳида;
b)бемӯҳлат;
c)барои як сол;
d)барои шумораи муайяни расмиёти харид.

548. То ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ иштирокчии расмиёти озмун ҳуқуқ дорад:

a) дархости худро тағйир диҳад, илова кунад ё бозхонад, агар дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ мустақиман тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;
b) аз ташкилоти харидор дар бораи дигар молрасонҳое, ки дархост
c) дархости дуюмро пешниҳод кунад;
d) аз ташкилоти харидор дар бораи шахсони қабулнамудаи ин ё он қарорҳо маълумот талаб кунад.

549. кадоме аз ин амалиётҳо марҳилаи усули руйхати мухтасар нест:

a) таҳияи руйхати мухтасари мушовирон;
b) таҳияи даъватнома барои пешниҳоди дархостҳо ва ирсоли он;
c) иттилоот (маълумот) барои мушовирон;
d) пешниҳоди дархостҳои ибтидоии тендерӣ.

550. Барои аз мушовирон гирифтани гувоҳнома дар хусуси манфиатдории онҳо ташкилоти харидор:

a) мӯҳлат муайян мекунад, вале на камтар аз 14 рӯз аз лаҳзаи эълон дар воситаҳои ахбори омма барои таҳияи руйхати мухтасари мушовирон;
b) мӯҳлат муайян мекунад, вале на камтар аз 7 рӯз аз лаҳзаи эълон дар воситаҳои ахбори омма барои таҳияи руйхати мухтасари мушовирон ;
c) мӯҳлат муайян мекунад, вале на камтар аз 10 рӯз аз лаҳзаи эълон дар воситаҳои ахбори омма барои таҳияи руйхати мухтасари мушовирон;

d) мӯҳлат муайян мекунад, вале на камтар аз 20 рӯз аз лаҳзаи эълон дар воситаҳои ахбори омма барои таҳияи руйхати мухтасари мушовирон.

551. Ташкилоти харидор бояд руйхати мухтасари мушовиронро таҳия намояд, ки ба он мушовирони гувоҳномаи манфиатдории худро ирсолнамуда ва ҷавобгӯйи талаботи тахассусӣ буда дохил карда шаванд. Ба руйхати мухтасар бояд дохил шаванд:

a) аз ду то шаш нафар мушовирон;
b) аз се то панҷ нафар мушовирон;
c) аз се то шаш нафар мушовирон;
d) аз чор то шаш нафар мушовирон.

552. Дархости тендериро кӣ пешниҳод мекунад?

a) Молрасон (пудратчӣ);
b) ташкилоти харидор;
c) ташкилкунандаи тендер;
d) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида дурустанд.

553. Ташкилоти харидор мушовиреро, ки балли бештарро соҳиб шудааст, барои гуфтушунид ҷиҳати бастани шартнома даъват менамояд:

a) дар давоми 2 рӯзи тақвимии баъди ба охир расидани ҷараёни арзёбии пешниҳод;
b) дар давоми 4 рӯзи тақвимии баъди ба охир расидани ҷараёни арзёбии пешниҳод;
c) дар давоми 3 рӯзи тақвимии баъди ба охир расидани ҷараёни арзёбии пешниҳод;
d) дар давоми 5 рӯзи тақвимии баъди ба охир расидани ҷараёни арзёбии пешниҳод.

554. Дар ҷараёни гуфтушунид оид ба натиҷаи арзёбии пешниҳодҳо ҳангоми гузаронидани дархости пешниҳодҳо барои хариди хизматрсонии машваратӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта метавонанд:

a) супоришҳои техникӣ; захираҳои моддию техникӣ, ки аз тарафи ташкилоти харидор фароҳам оварда шудаанд; шартҳои махсуси шартнома;
b) нархи пешниҳодшаванда, хароҷоти пардохтшаванда;
c) захираҳои моддию техникӣ, ки аз тарафи ташкилоти харидор фароҳам оварда шудаанд;
d) шартҳои махсуси шартнома.

555. Дар ҷараёни гузаронидани интихоби мушовирон аз рӯи нархи пастарин, ташкилоти харидор ба гуфтушунид даъват мекунад:

a) мушовиреро, ки тибқи пешниҳоди молиявӣ нархи пастаринро пешниҳод кардааст;
b) мушовире, ки тибқи пешниҳоди техникӣ балли аз ҳадди ақалли бештарро соҳиб гашатааст ва тибқи пешниҳоди молиявӣ нархи баландтаринро пешниҳод кардааст;
c) мушовире, ки тибқи пешниҳоди техникӣ балли аз ҳама бештарро соҳиб гаштааст;

d) мушовире, ки тибқи пешниҳоди техникӣ балли аз ҳадди ақалли бештарро ва тибқи пешниҳоди молиявӣ нархи пастаринро пешниҳод кардааст.

556. Ташкилоти харидор барои мушовирони инфиродӣ оид ба иҷрои супоришҳо даъватнома интишор менамояд:

a)на дертар аз се ҳафта то мӯҳлати пешниҳоди изҳори манфиатдорӣ дар воситаҳои ахбори омма ва дар Бюллетени хариди давлатӣ, инчунин ҳангоми зарурат дар воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ;

b)на дертар аз ду ҳафта то мӯҳлати пешниҳоди изҳори манфиатдорӣ дар воситаҳои ахбори омма ва дар воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ даъватнома барои мушовирони инфиродӣ оид ба иҷрои супоришҳо;

5 рӯз;

c) на дертар аз ду ҳафта то мӯҳлати пешниҳоди изҳори манфиатдорӣ дар воситаҳои ахбори омма ва дар дар Бюллетени хариди давлатӣ, инчунин ҳангоми зарурат дар воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ даъватнома барои мушовирони инфиродӣ;

d) ташкилоти харидор барои мушовирони инфиродӣ оид ба иҷрои супоришҳо даъватнома даъватнома интишор намекунад, то ин ки махфиятро нигоҳ дорад (риоя намояд).

557.Ташкилоти харидор мушовири инфиродиро бе озмун (бо усули интихоб аз як манбаъ) танҳо дар ҳолатҳое интихоб карда метавонад, ки:

a) агар супориш идомаи кори пештара маҳсуб ёбад, ки мушовир иҷро кардааст ва барои ҳамин кор ӯ дар асоси озмун дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор киро гардида буд;

b) агар вазъият бинобар сабаби мавҷуд будани ҳолати рафънопазир (форс-мажор) хусусияти фавқулода дошта бошад, дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор;

c) ташкилоти харидор мушовирони инфиродиро бе озмун интихоб карда наметавонад;

d) ҷавобҳои дуруст - a, b.

558.Харидро тавассути гузаронидани озмуни думарҳилавӣ дар ҳолате гузаронидан мумкин аст, ки:

a) ташкилоти харидор наметавонад қаблан хусусияти хоси техникӣ ва аломатҳои сифатии мол, кор ва хизматрасонии мавриди харидро муайян намояд;

b) агар роҳбари ташкилоти харидор чунин қарор қабул карда бошад;

c) агар сафари ҳунарии театр ё ҳунарманди маъруф харидорӣ шавад;

d) барои гузаронидани озмунҳои думарҳилавӣ шартҳои махсус талаб карда намешавад, онҳоро дар ҳама гуна ҳолат гузаронидан мумкин аст.

559. Дар ҳолати гузаронидани расмиёти хариди давлатӣ тариқи иштироки маҳдуд, ташкилоти харидор:

a) дар Бюллетени хариди давлатӣ огоҳинома чоп мекунад;

b) мақоми ваколатдорро огоҳ менамояд;

c) асосноксозии гузаронидани расмиёти мазкурро дар бюллетени харидҳи давлатӣ чоп мекунад;
d) дар Ведомости хариди давлатӣ огоҳинома чоп мекунад.

560. Ташкилоти харидор усули дархости нархномаҳоро истифода мебарад:
a) барои онҳо бозоре вуҷуд дорад, ки нархи хариди онҳо аз ду ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо поёнтар аст;
b) барои онҳо бозоре вуҷуд дорад, ки нархи хариди онҳо аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо поёнтар аст;
c) барои онҳо бозоре вуҷуд дорад, ки нархи хариди онҳо аз  як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо поёнтар аст;
d) барои онҳо бозоре вуҷуд дорад, ки нархи хариди онҳо аз  се ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо поёнтар аст.

561. Ташкилоти харидор нархномаҳоро дархост мекунад аз:
a) он теъдоди молрасонҳо (пудратчиён), ки амалан мувофиқи мақсад меҳисобад, вале на камтар аз се аз  нафар;
b) он теъдоди молрасонҳо (пудратчиён), ки амалан мувофиқи мақсад меҳисобад;
c) бештар аз ду молрасон (пудратчӣ);
d) на бештар аз 25 молрасон (пудратчӣ).

562. Ба ҳар як молрасон (пудратчӣ) иҷозат дода мешавад:
a) танҳо як нархнома пешниҳод намояд ва иҷозат дода намешавад, ки нархномаи худро тағйир диҳад;
b) ҳар қадар ки хоҳад ва иҷозат дода намешавад, ки нархномаи худро тағйир диҳад;
c) танҳо як нархнома пешниҳод намояд ва иҷозат дода мешавад, ки нархномаи мазкурро тағйир диҳад;
d) ҳар қадар ки хоҳад ва иҷозат дода мешавад, ки нархномаи худро тағйир диҳад.

563. Байни ташкилоти харидор ва молрасон (пудратчӣ) дар хусуси нархноме, ки ҳамин молрасон  мешниҳод кардааст, гуфтушунид:
a)  гузаронида мешавад;
b) гузаронида намешавад;
c) гузаронидан мумкин аст, дар мавриди огоҳ намудани мақоми ваколатдор;
d) гузаронидан мумкин аст бо иҷозати мақоми ваколатдор.

564. Дар ҷараёни дархости нархномаҳо байни ташкилоти харидор ва молрасон (пудратчӣ)  дар хусуси нархномае, ки ҳамин моларасон пешниҳод кардааст:
a) гуфтушунид гузаронидан мумкин аст
b) барои арзёбии пешниҳодҳои молрасонҳо ҷалби коршиносон зурур аст;
c) гуфтушунидҳо гузаронида намешаванд;
d) огоҳонидани мақоми ваколатдор зарур аст.

565. Қарор оид ба бастани шартнома дар бораи харид ба манфиати ҳамон молрасоне (пудратчӣ), қабул карда мешавад, ки:

a) нархномаи дорои арзиши пастаринро пешниҳод кардааст ва эҳтиёҷи ташкилотро қонеъ мегардонад;
b) охирин (аз ҳама охир) нархномае пешниҳод намудааст, ки эҳтиёҷи ташкилоти харидорро қонеъ мегардонад;
c) якум (аз ҳама пештар) нархномае пешниҳод намудааст, ки эҳтиёҷи ташкилоти харидорро қонеъ мегардонад;
d) нархномае пешниҳод намудааст, ки эҳтиёҷи ташкилоти харидорро қонеъ мегардонад.

566. Шакли намунавии дархости нархномаҳоро муқаррар карда метавонад:
a) Мақоми ваколатдор;
b) Ташкилоти харидор;
c) Молрасон (пудратчӣ);
d) Ҷавоби дуруст нест.

567. Расмиёти хариди давлатӣ, ки ҳангоми он ташкилоти харидор шартномаи харидро баъди гуфтушунид танҳо бо як молрасон (пудратчӣ) ба имзо мерасонад, ин:
a) харид аз як манбаъ аст;
b) озмун аз тариқи иштироки маҳдуд аст;
c) усули «руйхати мухтасар» (озмуни махсус аз тариқи иштироки маҳдуд барои гузаронидани хариди хизматрасонии машваратӣ) аст;
d) дархости нархномаҳо аст.

568.Ташкилоти харидор метавонад оид ба гузаронидани харид аз як манбаъ қарор қабул кунад:
a) дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор;
b) дар мувофиқа бо молрасон;
c) мустақилона;
d) ҷавоби дуруст нест.

569. Мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ бояд на камтар аз як ҳафта барои иштирок дар озмун аз рӯзи ирсоли даъватнома дар ҳолати татбиқи хариди давлатӣ бо усули
a) озмун аз тариқи иштироки маҳдуд;
b) «руйхати мухтасар» (озмуни махсус аз тариқи иштироки маҳдудбарои гузаронидани хариди хизматрасонии машваратӣ);
c) харид аз як манбаъ;
d) озмун аз тариқи иштироки номаҳдуд.

570.Ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор ҳуқуқ дорад мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендериро дар ҳолати татбиқи хариди давлатӣ маҳдуд кунад, бо усусли:
a) озмун аз тариқи иштироки номаҳдуд;
b) дархости нархномаҳо;
c) хариди электронӣ;
d) озмун аз тариқи иштироки маҳдуд.

571. Ҳангоми истифодаи усули__________________(калимаи ихтисоршударо гузоред) ва харид аз як манбаъ баъди анҷоми расмиёти

интихоби ғолиб, молрасон (пудратчӣ) шартномаро оид ба харид дар ҳар ҳолат имзо кардан мумкин аст:

a) хариди электронӣ;
b) озмун аз тариқи иштироки маҳдуд;
c) озмун аз тариқи иштироки номаҳдуд;
d) дархости нархномаҳо.

572. Ҳангоми харид ба маблағи поёнтар аз ҳадди камтарини маблағи харид протокол оид ба расмиёти харид:

a) танҳо дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор тартиб дода мешавад;
b) тартиб дода мешавад;
c) тартиб дода намешавад;
d) танҳо дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор тартиб дода намешавад.

573. Оид ба харид ба маблағи поёнтар аз ҳадди камтараини маблағи харид ташкилоти харидор тибқи шакли намунавии аз ҷониби мақоми ваколатдор муқаррарнамуда____________________таҳия ва пешниҳод менамояд:

a) протокол;
b) ҳисобот;
c) шартнома;
d) санад.

574. Оид ба харид ба маблағи поёнтар аз ҳадди камтарин ташкилоти харидор ба мақоми ваколатдор ҳисобот таҳия ва пешниҳод менамояд:

a) ҳамасола;
b) ҳар як нимсола;
c) ҳар семоҳа;
d) ҳар моҳ.

575. Хангоми харид бо усули «харид аз як манбаъ» ҳисоботи соддакардашуда таҳия карда мешавад, ки он дорои маълумоти зерин мебошад (зиёдатиашро ихтисор намоед):

a) номи молрасоне (пудратчие), ки бо он шартнома баста мешавад;
b) нарх ва дигар шартҳои асосии харид;
c) маълумот оид ба ҷалби коршиносон;
d) маълумот оид ба шикоятҳо, даъвоҳои пешниҳодшуда ва тарзҳои ҳалли онҳо;

576. Ҳисобо оид ба расмиёти харид дар мӯҳлати се рӯзи кории баъд аз ба имзо расидани шартнома пешниҳод карда мешавад:

a) ба мақоми ваколатдор;
b) ба роҳбари ташкилоти харидор;
c) ба ҳамаи молрасонҳои дар расмиёти харид иштирокдошта;
d) ба палатаи ҳисоби ҷумҳурии тоҷикистон.

577. Дар марҳилаи якуми расмиёти омунҳои думарҳилавӣ ташкилоти харидор:

a) ҳуқуқ надорад бо ягон молрасон (пудратчӣ) гуфтушунид гузаронад;
b) ҳуқуқ дорад бо ҳар кадом молрасоне (пудратчие), ки дархосташон рад карда нашудааст, гуфтушунид гузаронад;

c) ҳуқуқ дорад бо ҳар кадом молрасон (пудратчӣ) танҳо дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор гуфтушунид гузаронад;
d) ӯҳдадор аст бо мақоми ваколатдор гуфтушунид гузаронад.

578. Дар марҳилаи якуми расмиёти озмунҳои думарҳилавӣ кафолати таъмини дархости тендерӣ:
a) пешниҳод карда намешавад;
b) пешниҳод карда мешавад;
c) пешниҳод карда мешавад тибқи талаби ташкилоти харидор;
d) пешниҳод карда мешавад тибқи талаби мақоми ваколатдор.

579. Даъватнома барои иштирок дар расмиёти озмунҳои думарҳилавӣ дар марҳилаи якуми он дорои маълумоти зерин мебошад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
a) маҳал (макон) ва мӯҳлати пешниҳод ва кушодани дархостҳои тендерӣ;
b) тарзҳо ва мӯҳлатҳои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва андозаи пардохт барои он;
c) ном ва суроғаи ҳуқуқии ташкилоти харидор;
d) мӯҳлатҳои матлуб ё талабшавандаи молрасонӣ, анҷоми кор ё ҷадвали хизматрасонӣ.

580. Даъватнома барои иштирок дар расмиёти озмунҳои думарҳилавӣ дар марҳилаи дуюми он маълумоти зеринро надорад:
a) тавсифи (тасвири) премети харид ва дар мавриди хариди кор – маҳалли кор ва намуди кор;
b) ном ва суроғаи ҳуқуқии ташкилоти харидор;
c) хусусият, микдор ва маҳалли расонидани мол, хусусият ва маҳалли иҷрои кор ё хусусияти хизматрасонӣ ва маҳалле, ки он бояд амалӣ гардад;
d) маҳал ва мӯҳлати кушодани дарҳостҳои тендерӣ.

581. Ташкилоти харидор ҳангоми ба миён омадани зарурати фаврӣ ҷиҳати харид ҳуқуқ дорад дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатӣ мӯхлати нисбатан кӯтоҳтари пешниҳоди ибтидоии дархостҳои тендериро муқаррар намояд:
a) вале на камтар аз 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи нашри даъватнома барои иштирок дар расмиёти озмун;
b) вале на камтар аз 10 рӯз аз лаҳзаи нашри даъватнома барои иштирок дар расмиёти озмун;
c) вале на бештар аз 10 рӯз аз лаҳзаи нашри даъватнома барои иштирок дар расмиёти озмун;
d) вале на бештар аз 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи нашри даъватнома барои иштирок дар расмиёти озмун.

582. Ташкилоти харидор ҳангоми ба миён омадани зарурати фаврӣ ҷиҳати харид ҳуқуқ дорад дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатӣ мӯхлати нисбатан кӯтоҳтари пешниҳоди ибтидоии дархостҳои тендериро муқаррар намояд, вале на камтар аз 10 рӯз аз лаҳзаи нашри даъватнома барои иштирок дар расмиёти озмуни харид:

a) барои ин мувофиқа бо мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатӣ зарур аст;
b) барои ин мувофиқа бо мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатӣ зарур нест;
c) барои ин мувофиқа бо молрасони ғолиб зарур аст;
d) барои ин мувофиқа бо комиссия тендерӣ зарур аст

583.Ҳангоми истифодаи усули хариди давлатӣ аз як манбаъ ташкилоти харидор оид ба гузаронидани гуфтушунид даъватнома ирсол менамояд:
a) ба ду молрасон;
b) ба як молрасон;
c) ба се молрасон;
d) ба панҷ молрасон.

584. Меъёри асосии интихоби молрасон (пудратчӣ) ҳангоми татбиқи тартиби соддаи харид ин:
a) нархи камтарини предмети харид аст;
b) шартҳои беҳтарини иҷрои қарордод аст;
c) ҳаҷми бештари таъмини шартнома аст;
d) сифати маҳсулот аст.

585. Амалиёте, ки ҳангоми харид аз як манбаъ анҷом дода мешавад, муайян карда мешавад:
a) аз ҷониби мақоми ваколатдор;
b) мустақолона аз ҷониби ташкилоти харидор;
c) дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ нишон дода мешавад;
d) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

586. Ҳисобот оид ба тартиби соддаи харид барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад ба:
a) мақоми ваколатдор;
b) роҳбари ташкилоти харидор;
c) шахсе, ки оид ба харид қарор қабул мекунад;
d) молрасоне, ки бо он шартнома баста шудааст.

587. Кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор ҳуқуқ доранд:
a) ба ғайр аз нарх меъёрҳои иловагии интихоб муқаррар намояд;
b) андоза ва намуди таъмини кафолатнокро муайян намояд;
c) ҳамаи ҷавобҳои дар боло зикргардида;
d) ягон ҷавобҳои дар боло зикргардида;

588. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ бо усули руйхати мухтасар дар супориши техникӣ зикр мегардад (зиёдатиашро ихтисор кунед):
a) мақсад ва вазифаҳо;
b) ҳаҷми супориш, тавсифи талабот;
c) мӯҳлати пешниҳоди ҳисоботҳо;
d) хароҷоте, ки барои иҷрои супориш зарур аст: вақти мушаххас, кӯмаки ташкилӣ-техникӣ ва захираҳои моддию техникии мавҷуда.

589. Ҳангоми хариди хизматрсонии машваратӣ бо усули руйхати мухтасар сметаи хароҷот аз фаслҳои зерин иборат аст (зиёдатиашро ихтисор кунед):

a) пардохти музди хизматрасонӣ ё подош;
b) хароҷоти ҷуброншаванда;
c) хароҷоти кӯмаки моддию техникӣ;
d) ҳаҷми супориш.

590. Хангоми хариди хизматрасонии машваратӣ иттилоот барои мушовирон бояд дорои маълумоти зерин бошад (зиёдатиашро ихтисор кунед):

a) тавсифи мухтасари супориш, шаклҳои намунавии пешниҳоди техникӣ ва молиявӣ;
b) баёния дар бораи он, ки мушовир ва ҳар кадоме аз корхонаҳои фаръии он баъди бастани қарордод барои хизматрасонӣ бинобар ихтилофи манфиатҳо ҳуқуқ надоранд дар расмиёти харид иштирок намоянд;
c) маълумоти муфассал дар бораи хизматрасонӣ, бино, таҷҳизот ва кормандоне, ки бояд аз тарафи ташкилоти харидор пешниҳод карда шаванд;
d) тасдиқи хазина ё бонки хизматрасон оид ба мавҷудияти маблағҳо (воситаҳо), ки барои амалӣ гардонидани хариди давлатӣ таъин (пешбинӣ) шудаанд.

591. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ бо усули интихоб аз рӯи сифат ва арзиш ташкилоти харидор санаи аниқ ва мӯҳлати ниҳоии ирсоли пешниҳодҳоро муқаррар менамояд, вале:

a) на камтар аз 3 ҳафта аз рӯзи ирсоли даъватнома барои ирсоли пешниҳодҳо;
b) на камтар аз 2 ҳафта аз рӯзи ирсоли даъватнома барои ирсоли пешниҳодҳо;
c) на камтар аз 4 ҳафта аз рӯзи ирсоли даъватнома барои ирсоли пешниҳодҳо;
d) на камтар аз 1 ҳафта аз рӯзи ирсоли даъватнома барои ирсоли пешниҳодҳо.

592. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ бо усули интихоби пешниҳодҳо аз рӯи сифат ва арзиш мушовир аз ташкилоти харидор тавзҳи маълумотро, ки дар даъватнома барои ирсоли пешниҳодҳо дарҷ гардидаанд, талаб карда метавонад, дар мӯҳлати:

a) дар давоми 20 рӯз то анҷоми мӯҳлати ниҳоии ирсоли пешниҳодҳо. Ташкилоти харидор бояд на дертар аз 3 рӯзи корӣ ба чунин дархост ҷавоб гардонад ва нусхаи тавзеҳоти мазкурро ба ҳамаи мушовирон, аз ҷумла онҳое, ки ба руйхати мухтасар дохил карда шудаанд, ирсол намояд;
b) дар давоми 10 рӯз то анҷоми мӯҳлати ниҳоии ирсоли пешниҳодҳо. Ташкилоти харидор бояд на дертар аз 5 рӯзи корӣ ба чунин дархост ҷавоб гардонад ва нусхаи тавзеҳоти мазкурро ба ҳамаи мушовирон, аз ҷумла онҳое, ки ба руйхати мухтасар дохил карда шудаанд, ирсол намояд;

c) дар давоми 20 рӯз то анҷоми мӯҳлати ниҳоии ирсоли пешниҳодҳо. Ташкилоти харидор бояд на дертар аз 7 рӯзи корӣ ба чунин дархост ҷавоб гардонад ва нусхаи тавзеҳоти мазкурро ба ҳамаи мушовирон, аз ҷумла онҳое, ки ба руйхати мухтасар дохил карда шудаанд, ирсол намояд;
d) дар давоми 10 рӯз то анҷоми мӯҳлати ниҳоии ирсоли пешниҳодҳо. Ташкилоти харидор бояд на дертар аз 3 рӯзи корӣ ба чунин дархост ҷавоб гардонад ва нусхаи тавзеҳоти мазкурро ба ҳамаи мушовирон, аз ҷумла онҳое, ки ба руйхати мухтасар дохил карда шудаанд, ирсол намояд.

593. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ бо усули интихоби пешниҳодҳо аз рӯи сифат ва арзиши арзёбии пешниҳодҳо доир мегардад:
a) дар ду марҳила: аввал пешниҳоди молиявӣ арзёбӣ мегардад, сипас пешниҳоди техникӣ;
b) дар асоси арзёбии пешниҳоди техникӣ;
c) дар ду марҳила: аввал пешниҳоди техникӣ арзёбӣ мегардад. бе дастёбӣ ба пешниҳоди молиявӣ, сипас пешниҳоди молиявӣ;
d) дар асоси пешниҳоди молиявӣ.

594. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ бо усули интихоб аз рӯи сифат ва арзиш ташкилоти харидор мушовиреро, ки балли аз ҳама бештарро аз рӯи арзёбии пешниҳоди техникӣ ва пешниҳоди молиявӣ соҳиб гардидааст, ба гушуфтушунид барои бастани шартнома даъват менамояд, дар давоми:
a) 3 рӯзи тақвимӣ баъди ирсоли пешниҳод;
b) 4 рӯзи тақвимӣ баъди анҷоми ҷараёни арзёбии пешниҳод;
c) 3 рӯзи тақвимӣ баъди анҷоми ҷараёни арзёбии пешниҳод;
d) 5 рӯзи тақвимӣ баъди анҷоми ҷараёни арзёбии пешниҳод;

595. Иштирокчиёни расмиёти харид:
a)бояд ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шаванд;
b)бояд ба сифати соҳибкори бе маълумоти шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шаванд;
c) хангоми хариди маҳсулоти характери эҷодидошта шарвандони баробарҳуқуқи ба сифати соҳибкори бе маълумоти шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифташуда, роҳ дода мешаванд;
d)ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

596. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ интихоби пешниҳодҳо аз рӯи сифат истифода бурда мешавад, дар ҳолатҳои зарурати иҷрои (зиёдатиашро ихтисор кунед):
a) супоришҳои мураккаб ё маҳдуд ихтисос, ки барои онҳо таҳияи супоришҳои техникии дақиқ ё муайянсозии аниқи хароҷоти захираҳои моддию техникӣ, ки аз мушовирон талаб карда мешавад, душвор аст;
b) супоришҳое, ки метавонанд аз нуқтаи назари фаъолияти минбаъда дорои натиҷаҳои муҳим бошанд ва мақсади онҳо аз ҷалби коршиносони соҳибихтисос иборат аст;

c) дар ҳолате, ки супориш аниқ муайян шудааст ва буҷети муқарраргардида вуҷуд дорад, ки метавонанд бо роҳҳои гуногун иҷро карда шаванд ва ин муқоиса пешниҳодҳоро имконнопазир мегардонад.
d) Супоришҳое, ки метавонанд бо роҳҳои гуногун иҷро карда шаванд ва ин муқоиса пешниҳодҳоро имконнопазир мегардонад

597. Хариди Кормандони воҳиди хариди ташкилоти харидор вазифадоранд, ки:
a) ба мақоми ваколатдор барномаи ҳарсолаи хароҷоти харидро дар шакли тасдиқшуда, тайёр ва пешниҳод намоянд;
b) ба роҳбар ва мақоми ваколатдор ҳисоботи семоҳаи расмиёти гузаронидашудаи харидро тайёр ва пешниҳод намоянд;
c)ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
d)ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

598. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ усусли интихоби пешниҳодҳо дар шароити буҷети муқарраргардида истифода бурда мешавад, дар ҳолатҳои:
a) ҳангоме, ки супориш муайян карда шудааст ва буҷети муқарраргардида вуҷуд дорад;
b) супоришҳое, ки метавонанд бо роҳҳои гуногун иҷро карда шаванд ва ин муқоиса пешниҳодҳоро имконнопазир мегардонад;
c) супоришҳое, ки метавонанд аз нуқтаи назари фаъолияти минбаъда дорои натиҷаҳои муҳим бошанд ва мақсади онҳо аз ҷалби коршиносони соҳибихтисос иборат аст;
d) супоришҳои мураккаб ё маҳдудихтисос, ки барои онҳо таҳияи супоришҳои техникии дақиқ ё муайянсозии аниқи хароҷоти захираҳои моддию техникӣ, ки аз мушовирон талаб карда мешавад, душвор аст.

599. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ усули интихоби пешниҳодҳо аз рӯи нархи пастарин истифода бурда мешавад:
a) ҳангоми интихоби мушовирон бо маблағи аз ду ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо поёнтар барои супоришҳои намунавӣ ва стандартӣ истифода карда мешавад, агар таҷриба ва меъёрҳои муқарраршуда мавҷуд бошад. Ташкилоти харидор балли ҳадди ақалли қобили қабулро аз р\уи пешниҳоди техникӣ муайян мекунад ва онро дар даъватнома барои ирсоли пешниҳод зикр менамояд;
b)супоришҳое, ки метавонанд бо роҳҳои гуногун иҷро карда шаванд ва ин муқоиса пешниҳодҳоро имконнопазир мегардонад;
c) супоришҳое, ки метавонанд аз нуқтаи назари фаъолияти минбаъда дорои натиҷаҳои муҳим бошанд ва мақсади онҳо аз ҷалби коршиносони соҳибихтисос иборат аст;
d) ҳангоме, ки супориш муайян карда шудааст ва буҷети муқарраргардида вуҷуд дорад.

600. Ҳангоми хариди хизматрасонии машваратӣ усули интихоби пешниҳодҳо аз рӯи нархи пастарин барои гуфтушунид оид ба шартнома даъват карда мешавад, мушовире, ки:

a) тибқи пешниҳоди техникӣ аз балли ҳадди ақалл бештарро гирифта, оид ба пешниҳоди молиявӣ нархи камтар гузоштааст;
b) тибқи пешниҳоди молиявӣ нархи камтар пешниҳод кардааст;
c) тибқи пешниҳоди техникӣ аз балли ҳадди ақалл бештарро гирифта, оид ба пешниҳоди молиявӣ нархи бештар пешниҳод кардааст;
d) тибқи пешниҳоди техникӣ балли аз ҳама бештарро соҳиб шудааст.

601. Ҳангоми хариди мол, кор ва хизматрасонӣ, ки арзиши онҳо аз маблағи ҳадди ақалли ниҳоӣ поёнтар аст, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи хароҷоти ташкилоти харидор инҳо шуда метавонанд:
a) супоришномаи пулӣ;
b) созишномаҳои меҳнатӣ;
c) санадҳо дар хусуси хариди гузаронидашуда;
d) ҳамаи ҳуҷҷатҳои бар боло зикргардида.

602. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи хароҷоти ташкилоти харидор оид ба харид, ҳангоми хариди мол, кор ва хизматрасонӣ, ки арзиши онҳо аз маблағи ҳадди ақалл поёнтар аст, нигоҳ дошта мешаванд:
a) дар мақоми ваколатдор;
b) дар ташкилоти харидор;
c) дар молрасон (пудратчӣ);
d) дар бойгонии давлатӣ.

603. Барои аз мушовирон гирифтани гувоҳинома оид ба манфиатдории онҳо ва таҳияи руйхати мухтасари мушовирон ташкилоти харидор мӯҳлат муқаррар менамояд, на камтар аз:
a) 7 рӯз аз лаҳзаи эълон дар воситаҳои ахбори омма;
b) 14 рӯз аз лаҳзаи эълон дар воситаҳои ахбори омма;
c) 21 рӯз аз лаҳзаи эълон дар воситаҳои ахбори омма;
d) 9 рӯз аз лаҳзаи эълон дар воситаҳои ахбори омма.

604. Хангоми харид тавассути гузаронидани хариди думарҳилавӣ қоидаҳои зерин истифода бурда мешаванд:
a) дар марҳилаи якуми озмунҳои думарҳилавӣ иштирокчиён бояд дархостҳои тендериеро пешниҳод кунанд, ки дорои тавсифи предмети харид бо зикри нарх бошанд;
b) дар марҳилаи дуюм иштирокчиён дархостҳои тендерии ниҳоиро мутобиқи мушаххасоти дақиқнамудаи ташкилоти харидор бо зикри нарх ирсол менамоянд;
c) ҳар ду фикр (ақида) дурустанд;
d) фикри дуруст нест.

605. Даъватнома барои иштирок дар расмиёти озмуни думарҳилавӣ дар марҳилаи якум бояд дар бар гирад:
a) ном ва суроғаи ҳуқуқии ташкилоти харидор;
b) усул ва маҳалли гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва андозаи пардохт барои он;
c) маҳал ва мӯҳлати пешниҳод ва кушодани дархостҳои тендерӣ;
d) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

606. Даъватнома барои иштирок дар расмиёти дар марҳилаи дуюми озмуни думарҳилавӣ бояд дар бар гирад (зиёдатиашро ихтисор кунед):

